№3 (23) 2022

# НАВРУСТА

*Маҷаллаи тарҷумонҳои ҷавон*



# НАВРУСТА

**№3 (23) 2022**

**Маҷаллаи тарҷумонҳои ҷавони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**



САРМУҲАРРИР:
Ҷобир МАРДОНЗОДА

КОТИБИ МАСЪУЛ:
Насимбек ҚУРБОНЗОДА

ҲУРУФЧИН:
Ҳаётулло МУҶЕБУЛЛОЕВ

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
Аҳлиддин ИБОДУЛЛОЗОДА
ректори ДДОТ ба номи С. Айнӣ

Дониёр САНГИНЗОД
муовини ректори ДДОТ ба номи С. Айнӣ оид ба корҳои илмӣ

Самиддин ҶОМАТОВ
устоди кафедраи забони англисӣ

Рухшона ВОСИЕВА
Декани факултети филологияи тоҷик

Соқиҷон СУЛТОНЗОДА
мудири кафедраи забони фаронсавӣ



**Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.**



**Маҷалла ба хотири риояи чандандешӣ матлаберо низ нашр мекунад, ки бо муҳтавои он мувофиқ нест.**

**Дастнависҳо ва аксҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.**



**Нишонӣ: 734003**
**шаҳри Душанбе,**
**хиёбони Рӯдакӣ 121**
**Телефон: 224-55-06**

# Мундаричa


Таҳқиқ ва таҳлил .......... 4
Ҳабибов Илҳом.
• НАҚШИ ТАРҶУМА ДАР ҲАЁТИ ИҶТИМОИИ ҶОМЕА
Зарангези Забардаст.
• АЗ ТАЪРИХИ ТАРҶУМА ДАР АНГЛИЯ
Паҳнои назар .......... 11
• МУСОҲИБА БО АЗИЗИ АЗИЗ
• ЧАНД ТАРҶУМАИ ЯК ШЕЪРИ ЕСЕНИН
Зарбулмасал ва мақолҳои халқҳои ҷаҳон .......... 24
• ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛҲОИ АФҒОНӢ
Андарзи бузургон .......... 27
• ҲЕРАКЛИТ
Афсонаҳои халқҳои ҷаҳон .......... 28
• ШОҲ ДРОСЕЛБАРТ
• ШАШ ҚУ
Тарҷумонҳои мо .......... 36
• ҶУМЪАБОЙ АЗИЗҚУЛОВ
Адибони бузурги ҷаҳонӣ .......... 38
• ФЁДОР ДОСТОЕВСКИЙ
Қиссаҳои дилангез .......... 43
Бруно Апитс.
• РАНГИНКАМОН
Азиз Несин.
• ДЕВОНАЕ БАР БОМ
• КӮТОҲТАРИН ШОҲКОР
• ОХИРИН КАЛИМОТИ НАВИСАНДАГОНИ РУС ПЕШ АЗ МАРГ
С.Михалков.
• НОН
Эҷоди ҳамзабонон .......... 74
Симини Беҳбаҳонӣ.
• ҲУШАНГ ИБТИҲОҶ СОЯ
Спужмай Зарёб.
• КИТОБФУРӮШИ ДЕВОНА
Шоҳкорҳои адабиёти ҷаҳон .......... 96
И.С.Тургенев.
• "ҲАМЛЕТ ВА ДОН КИХОТ"
Мактаби тарҷума .......... 134
А.П.Чехов.
• СЕ ҲИКОЯ
Акутагава  Рюноскэ.
• ТОРИ ТОРТАНАК
Баҳманёр Аминӣ
• АСП
Франс Кафка
• САФАР







*Ҳабибов Илҳом,*
*донишҷӯйи факултети*
*забони англисӣ*

# НАҚШИ ТАРҶУМА ДАР ҲАЁТИ ИҶТИМОИИ ҶОМЕА

Мусаллам аст, ки ҳоло бо мураккаб шудани идоракунии равандҳои иҷтимоӣ ва дарки зарурияти такя кардан ба маълумотҳои санҷидашуда ҳангоми ба танзим даровардани онҳо таваҷҷӯҳи кулли ҷомеаи ҷаҳонӣ дар замони муосир ба дастовардҳои илми сотсиология беш аз беш меафзояд. Дар фарқият аз соири илмҳои дигар ҷомеашиносӣ дар омӯзиши ҷомеа аз ҳама бештар ба вижагии сифати муносибати байни одамон ва мақоми дар он ишғолкардаашон диққат медиҳад. Фаро гирифтани мӯҳтавои илми мазкур дар баробари таъмини дарки равандҳои иҷтимоӣ, инчунин ба вусъати равандҳои демократикунонии ҳаёти ҷомеа низ мусоидат менамояд.

Тарҷума ҳамчун фаъолияти интиқоли маълумот аз як забон ба забони дигар дар ин раванд нақши назаррас дорад. Ин соҳа ҳам аз ҷиҳати назарӣ ва ҳам амалӣ бар рушди фарогирии маълумоти иҷтимоӣ ва корбурди дастовардҳои ҷомеашиносии муосир мусоидат менамояд.

Вақте, ки натиҷаҳои сотсиологӣ нисбати муайян сохтани ин ва ё он проблемаи ҳаётӣ: вазъияти сиёсӣ дар мамлакат, афкори одамони касбу кори гуногун оиди фаъолияти президент, идораи ҳукумат, вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии одамон, иштироки онҳо дар идоракунии ҷомеа ва ғайра аз радио ва ё телевизион ба маълумоти умум расонида мешаванд, шунавандагон ҳамоно аз ин мафҳум бохабар мегарданд. Ҳоло дар бисёр коллективҳои меҳнатӣ, идораю муассисаҳо, корхонаю ташкилотҳо, ҳатто дастгоҳи президентӣ, ҳукуматӣ, гурӯҳҳои махсуси сотсиологӣ ташкил дода шудаанд ва боиси тазаккур аст, ки онҳо дар равшанӣ андохтани кулли муаммоҳои ба миён омадаи зиндагӣ ҳисса-

гузорӣ доранд. Омӯзгорон, тарбиядиҳандагон, аҳли илму адаб, фарҳанг ба мақсади беҳтару хубтар ба роҳ мондани фаъолияти худ, ноил шудан ба муваффақиятҳои дилхоҳ аз тарзу усулҳои гуногуни омӯзиши сотсиологӣ васеъ истифода мебаранд. Ҳуқуқшиносон, ҳимоятгарони ҳуқуқҳои шаҳрвандон аз тарзу усулҳои хосаи сотсиологӣ истифода карда, роҳҳои пешгирӣ намудани қонуншиканӣ, сари вақт фош кардани сабабҳои ба ҷиноят даст задани одамонро муайян месозанд. Агар хулоса карда гӯем дар замони муосир сотсиология воситаи муҳими ҳаллу фасл намудани проблемаҳои дар ҷомеа ҷой дошта ба ҳисоб меравад.

Аммо ҳамаи онҳо ба як унсури ҷудонопазир ниёз доранд, ки он тарҷума ва фаъолияти тарҷумонӣ мебошад. Идораву раёсатҳои давлатӣ, ҳукуматӣ, истеҳсолӣ ва ташкилотҳои низоми маорифу тандурустӣ ва дар маҷмӯъ ҳамаи онҳо ба ахбороти ҷаҳони беруна ниёз доранд ва маҳз тарҷума ва фаъолияти тарҷумонии тарҷумонҳои соҳавӣ аст, ки баровoctрандаи ин ниёзҳо мебошад.

Герберт Спенсер (1820-1903) сотсиологи англис дар асараш «Сотсиология» ёдовар мешавад, ки ибораи «сотсиология» чун мафҳуми илмӣ бори аввал соли 1838 аз тарафи файласуфи франсуз Огюст Конт (1798-1857) истифода шудааст. Мавзӯи омӯзиши сотсиологияро аз ба даст даровардани далелҳои иҷтимоӣ дониста, олим онро ба илми ҷомеашиносӣ айният додаст.

Олими дигари франсуз Эмиля Дюркгейм (1858 – 1917) яке аз аввалинҳо шуда сотсиологияро на чун илми ҷомеашиносӣ, балки илми мустақили иҷтимоишиносӣ шинохта, вазифаи онро аз омӯзиши далелҳои иҷтимоӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ медонад. Олим муносибатҳои иҷтимоӣ гуфта, муносибатҳои коллективиро дар назар дорад.

Аз нуқтаи назари сотсиологи шинохтаи олмонӣ Макс Вебер бошад сотсиология – ин илм дар бораи рафтори иҷтимоӣ ё ин ки муносибати иҷтимоӣ мебошад. Магар ба даст даровардани далелҳои иҷтимоӣ, омӯзиши далелҳо, рафтор ва муносибатҳои иҷтимоӣ дар асри ҳозир, дар раванди ҷаҳонишавӣ ва инқилоби шадиди информатсионӣ дар доираи васеи амалкарди онҳо, яъне дар арсаи ҷаҳонӣ, бе нақши тарҷума тасаввурпазир аст? Албатта не. Маҳз тарҷумон аст, ки далелҳои иҷтимоии ҷамъияти хориҷиёнро дастраси мо мекунад ва дар натиҷаи омӯзишу таҳлили он мо низ рафтор ва муносибатҳои иҷтимоии худро

вобаста ба талабот ва хостаҳои ҷамъиятию инфиродии худамон ба танзим медарорем.

Пас, тарҷумонҳо тамоми он ахборотро нисбат ба хосият, хусусият, сифати муносибатҳои ҷамъиятиеро, ки дар фаъолияти одамони алоҳида, коргарон, меҳнати ягонаи онҳо, дар шароити муайяни корӣ, муҳит ва вазъияти онҳо ҷой доранд, гирифта, дастраси шахсиятҳо ва коллективҳои алоқаманд мекунанд. Вақте ки ин афрод ва коллективҳои алоқаманд дар бораи ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоии ҳамсонҳои хориҷии худ мегарданд, вобаста ба вазъият кору фаъолият, рафтор ва самти дурнамои фаъолияти инфиродию дастҷамъонаи коллективи худро ба танзим медароранд.

Тарҷума чун ифодакунандаи риштаҳои пайвасти одамон дар зиндагӣ ва фаъолияти корӣ ба ҳисоб меравад. Барои фаҳмидани фикру ақидаи мардумоне, ки бо забонҳои хориҷӣ муошират мекунанд, барномарезӣ мекунанд ва ҳуҷҷатҳои кориашонро танзим мекунанд, маълум аст, ки тарҷумон лозим аст.

Ҳаёти одамон аз нигоҳи илми ҷомеашиносӣ ин равандҳои мураккабу гуногунсоҳаи фаъолияти иҷтимоист. Яъне ҷамъияти инсонӣ чун организми зиндаи доимо инкишофёбанда - форматсия мебошад. Ҳаёти иҷтимоиро чунин таҳлил карда истода, аз робитаҳое ки дар он вуҷуд доранд, барои имрӯзу фардои ҳаёт хулосаҳои даркорӣ мебарорад. Ин раванди таҳлил на танҳо дар як мамлакат, балки дар гурӯҳи мамлакатҳое амалӣ мегардад, ки албатта бо забонҳои гуногун муошират мекунанд. Робитаи баёни онҳоро бошад, маҳз тарҷума ва фаъолияти тарҷумонӣ барқарор мекунад. Ҷомеа ва тамоми паҳлӯҳои ба он дахлдоштаро на ин ки сотсиология, инчунин дигар илмҳо низ ба мисли: фалсафа, иқтисодиёт, таърих, ҳуқуқ, сиёсатшиносӣ, демография ва ғайраҳо меомӯзанд.

Масалан, агар психолог, асосан, ба омӯзиши фарди ҷудогона – «ман» бисёртар аҳамият диҳад, пас сотсиолог ба муносибати байни шахсҳо – «мо» аҳамият медиҳад. Тарҷумон бошад, дастовардҳои психолог ва сотсиологҳои хориҷиро дастраси мутахассисони ватанӣ мекунад ва онҳо ин дастовардҳоро таҳлилу баррасӣ ва хулосабарорӣ намуда, дар шароити иҷтимоии ватани худ, вобаста ба меъёрҳои иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангию маданӣ ва ахлоқию динии мардуми мамлакат амалӣ ме-

созанд. Ҷомеа аз институтикунонии дохилӣ, такмили ташкили сохтори илм ва тақсимоти меҳнат, ташаккули қоидаву меъёрҳои ахлоқи касбӣ, таҳияи роҳу усулҳои тадқиқотии самаранок ташкил меёбад. Ҳамаи ин раванди ҳақиқии истеҳсолот ва банизомдарории донишро дар соҳаи муайяни маърифат бояд таъмин намояд. Яке аз ҷойҳои намоёнро дар ин раванд тақсимоти меҳнат ё дараҷаи ташкили сохтори илм ишғол мекунад: дараҷаи тадқиқотҳои фундаменталӣ; дараҷаи тадқиқотҳои амалӣ; дараҷаи муҳандисии иҷтимоӣ ва амсоли инҳо.

Аз ин тақсимбандӣ бармеояд, ки сохтори иҷтимоиро се дараҷа ташкил медиҳад: назарӣ, амалӣ, муҳандисии иҷтимоӣ. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар ҳар се сатҳ ҳам нақши тарҷума назаррас аст. Тарҷумонҳо ба ҷомеаи соҳибзабон маълумотҳои дорои аҳамияти назарию амалӣ ва созандагӣ доштаро дастрас менамоянд.

Дар ин ҷода мақоми амалия, фаъолияти мақсадноки меҳнатию ҷамъиятии ӯ хеле бузург аст. Амалия – меъёри донишҳосилкунӣ, санҷиши донишҳои баамаломада ва коркарди назарияҳои нав ба нави илмию маърифатӣ, авомили дар ҳаёт татбиқ намудани ҳамаи бозёфтҳо ва боз дар навбати худ сайқал додани тамоми ҷиҳатҳои фаъолияти инсон буд ва мемонад. Ягонагии назария ва амалия яке аз таснифотҳои асосӣ ба шумор меравад. Аксарияти тадқиқотҳо ба ҳалли масъалаҳои амалӣ равона карда шудаанд.

**Адабиёт:**

1. Бархударов Л.С. Общелингвистическое значение теории перевода //Теория и критика перевода. - Л., 1962. - 312 с.
2. Бархударов Л.С. Процесс перевода с лингвистической точки зрения. - М., 1964. - 280 с.
3. Борисова Л.И. Вопросы оценки качества перевода в современном переводоведении.// Перевод научно-технической литературы. - М., 1976. - 320 с.
4. Виноградов В.С. Лексические вопросы перевода художественной прозы. - М., 1975. - 312 с.
5. Нагзибекова М.Б. Учебное пособие по общей теории перевода. - Душанбе, 2003. - 156 с.
6. Комиссаров В.Н. Слово о переводе. Очерк лингвистического учения о переводе. - М., 1973. - 284 с.

*Зарангези Забардаст,*
*донишҷӯи факултети*
*забони англисӣ*

# АЗ ТАЪРИХИ ТАРҶУМА ДАР АНГЛИЯ

Ба мисли аксарияти адабиётҳои ҷаҳон, наср дар Англия дертар ба рушд кардан оғоз мекунад ва аввалин асарҳои мансур тарҷумаҳои асри IX маълум мегарданд. Дар ҳақиқат бояд ишора намуд, ки нарс дар адабиёт то ин давра бо забони лотинӣ мавҷӯд буд.

Поёни асри IX бо корҳои ғалатии тарҷумонӣ, ки аз тарафи подшоҳ Алфред ва ҳамсафонаш иҷро гардидаанд, машҳур гардида буд. Дар натиҷаи ҳуҷуми данягиҳо дар давоми асрҳои VIII-X бисёри дайрҳо, ки ягона марказҳои маърифатии он давраи Англия ба шумор мерафтанд, хароб гардида ба нести расиданд. Дониши забони лотинӣ тез кам шуд ва ин барои Алфред далели барангезанда барои даст задан ба тарҷума гардид. Пеш аз ҳама тарҷумаҳое, ки аз тарафи худи Алфред, ё ин ки бо фармони ӯ дида мешуданд, мақсади маорифпарварона доштанд. Фаъолияти фарҳангии Алфред чунон пай дар пай аст, ки лоиқи бар-нома номидан мебошанд. Дайрҳои кӯҳна барқарор шуда дайрҳои нав сохта мешуданд ва дар қатори онҳо маърифатнкокӣ аз нав бақарор мегардид; барои мукамалии ҳолати ахлоқии ҷомеа чораҳо андешида мешуд, аҳоли бо шиддат ба илмомӯзи даст мезаданд ва дар асоси ко-декси қонунҳои кӯҳна кодексҳои нав таъсис дода мешуд.

Дар умум тарҷумаҳои Алфред барои хонандагони муосир равона гардидаанд; дар онҳо иловаҳои муфассал ва кӯтоҳ ва тавзеҳу тафсир ба чашм мерасад. Ҳамзамон дар бархе аз тарҷумаҳо расмиятпарастии қатъӣ зоҳир мегардад. Тарҷумаҳои Алфреди бисёр аниқу саҳеҳ нус-хаҳои аслро ифода мекунанд, аммо дар асарҳои теологӣ ва фалсафӣ

баъзан маъно вайрон карда мешавад.

Ба тарҷума инчунин нависандаи барҷастаи асри X Эльфрик низ даст задааст. Забони тарҷумаи Эльфрик аз забони тарҷумаҳои асри IX бойтар, пуробутоб ва бештар идиоматикӣ мебошад.Ӯ на танҳо дар матнҳои тарҷумашаванда шарҳу эзоҳи ин ё он калима ё иборараро ворид мекард (яъне онҳоро ҳарф ба ҳарф тарҷума намекард), балки баъзе ҷойҳоеро, ки ба ақидаи вай метавонистанд номатлуб бошанд тарҷума намекард.

Аз асри XII сар карда паҳншавии фарҳанги дайрҳо дар шаҳрҳо оғоз мегардад. Аммо дайрҳо арзиши худро ҳамчун маркази омӯзиш, ҷамъомадгоҳ ва макони нусхабардории дастнависҳо пурра аз даст намедиҳанд. Таҳсили илм инчунин оҳиста-оҳиста аз мактабҳои дайрӣ ба мактабҳои ғайридинни табдил мегарданд; бо вуҷуди ин мактабҳои дайрӣ мисли пештара илму маърифатро дар байни табақаҳои мискин паҳн мекунад. Яку якбора маърифатнокии аристократҳо ва баъдан табақаҳои тавлидшавандаи баланди буржуа меафзояд.

Аз асри XII сар карда адабиёти боназокат бо шиддат рушд мекунад ва романҳои қаҳрамонӣ тавлид меёбанд. Асари ин жанрҳо васеъ аз асри XIII сар карда тарҷума мешаванд.

Дар сохтори забони англисӣ низ тағйиротҳои ҷиддӣ ба вуҷуд меоянд: тағйиротҳои забонӣ, ки дар онҳо омехташавии забони фаронсавӣ нақши муҳимро бозиданд, забони англисии давраи қадимро ба зинаи нави тараққиёт бароварданд ва ташаккули забони англисии давраи миёна шурӯъ гардид. Дар як фосилаи дарози вақт дар Англия сезабонагӣ ҳукмфармо буд: забони фаронсавӣ -забони дарбор ва ашрофзодагон, забони англисӣ – забони табақаҳои дигари ҷомеа, забони лотинӣ – забони илм аз рӯи мафҳуми асримиёнагии он ва дар бисёри мавридҳо миёнарави забони англисӣ ва фаронсавӣ ба шумор мерафтанд. Забони лотинӣ дар он давра на танҳо ҳамчун забони хаттӣ ё забони калисо, балки ҳамчун забони гуфтугӯи низ истифода мегардид.

Асри XIII давраи рушду нумуъи романҳои қаҳрамонӣ буд, бахусус романҳои франсавӣ. Ба навиштани романҳои хусусии худ дар ин жанр англисҳо танҳо дар асри XIV шурӯъ намуданд. Дар забони англисӣ тарҷума ва тафсирҳои зиёд дар шакли манзума шуда буданд. Ин тарҷумаҳоро метавон танҳо шартан асар номид, зеро онҳо бештар ба оне наздик буданд, ки онҳоро «асарҳои мавзӯъӣ» номид, чунки дар онҳо

танҳо сюжети асосии нусхаи асл нигоҳ дошта мешуд. Асосан ин тарҷумаҳое буданд, ки муаллифашон номаълум буд.

Ҳарчанд дар асри XIII дар риштаи адабиёти англисӣ дигаргункунии тафсиру тарҷумаҳо аз адабиёти фаронса ҳукмфармо буд, аммо дар асри XIV адабиёти англис соҳибихтиёририро ба даст меорад. Дар ин давра эҳтимол бо сабаби мустаҳкам гардидани мавқеи адабиёти аслӣ бо забони англисӣ фаъолияти тарҷумонӣ як қадар паст гардид.

Аз ҳама падидаи аҳамиятнок тарҷумаи пурраи Библия буд, ки дар чоряки охирини аср аз тарафи Джоном Виклиф иҷро гардида, намоёнтарин фикҳи давраи худ ба шумор меравад.

Аз асри XV сар карда доираи маърифатнокӣ ва хониш васеъ мегардад. Шумораи зиёди мактабҳои ибтидоӣ, на танҳо мактабҳои динӣ балки мактабҳои гилдияҳо (дар асрҳои миёна дар Европаи Ғарбӣ иттиҳодияи савдогарон ва ҳунармандон) - и гуногун ба вуҷуд меоянд. Аввалин робитаҳои бевосита бо гуманистони итолиявӣ барқарор гардида, ҳимоягарони ғояи гуманистии худи англисҳо ба вуҷуд меоянд.

Тарҷумаҳои асри XV аз рӯи ақидаи муҳаққиқон асосан «механикӣ» буда, то дараҷаи максималӣ ба нусхаи асл наздики мекарданд. Аммо ба ҳар ҳол онҳо ба ин ё он васила вазифаи худро иҷро мекарданд, яъне англисҳоро бо матнҳои забонҳои бегона ошно месохтанд.

Бо ҳарфпарастӣ бевосита падидаи муқобил – муносибати озодона бо нусхаи асл унс гирифт, ки дар натиҷа баъзе чизҳо тағйир ёфт, яъне бисёр чизҳо илова ва маънидод карда шуда, тарҷума намешуданд. Бо таври дигар гӯем асарҳои тарҷумашаванда ниҳоят дараҷа ба дарку фаҳмидагирии англисҳо мувофиқ карда мешуданд. Тарҷумаҳои таҳтуталафузӣ ба рушди забони тарҷума, ба хусус дар соҳаи синтаксис таъсир расониданд. Тарҷумаҳои мутобиқгардида, тарҷумаҳои тафсирӣ ба ҷараёни худи адабиёт таъсир расонида, ба адабиёти қабулкунанда сюжет ва жанрҳои навро ворид намуданд.

Адабиёт:
1. Семенец О.Е., Панасьев А.Н. История перевода, К., 1989, 215 с.
2. История лингвистических учений. Древний мир. Л., 1980, - 276 с.
3. История римской литературы: В2т. М., 1968-1969, - 317 с.
4. Федоренко Н.Т., Избранные произведения: 1т. М., 1987, - 189 с.
5. История всемирной литературы. 1т., М., 1983, - 405 с.
6. Алексеева И.С. Введение в переводоведение. М., 2004, - 189 с.



**Мусоҳиба бо**
**Азизи Азиз – мудири шуъбаи Адабиёти бачагонаи**
**Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон**

# СУХАНЕ ЧАНД ДОИР БА ВАЗЪИ ТАРҶУМАИ АДАБИЁТИ КӮДАК

**Нахуст аз Шумо мехостам суол кунам, ки вазъи тарҷумаи асарҳо барои бачагон чӣ гуна аст?**

– Хуб аст, Иттифоқи нависандагон ҳамасола 15-20 китоби хуб тарҷума мекунад. Ҳамчунин, нашриётҳои давлатию хусусӣ низ асар тарҷума ва китоб чоп мекунанд.

**– Кадом асарҳои бачагона воқеан ба забони тоҷикӣ хубу хонданӣ тарҷума шудаанд?**

– Ҳамин сол Низом Қосим «Гули ҳафтранг»-и Эдуард Устпенский, Ато Мирхоҷа «Айболит»-и ва «Шоҳдухтари фасли сармо»-и, Равшани Махсумзод «Домино»-и Эрнест Сетон, Муҳриддин Сабурӣ «Марминҷон барои Саша»-и Роберт Макклоски, Баҳманёр Муродӣ, «Сеҳргаре аз кишвари Оз»-и Фрэнк Баум, Собир Султон «Хирси ноуҳдабаро»-и Сергей Баруздин, банда «Шоҳдухтарак, ё саргузашти Сара Кру»-и Фрэнсис Элиза Ходгстон Бернетт, «Чебурашка ва дӯстонаш»-и Эдуард Успенский, Сурайё Аҳмадзода ҳикояҳои хурди Лев Толстой, Барно Боева «Дурӯғи калон»-и Нино Безарашвилиро барои бачаҳо тарҷума кардем. Бигузор хонандаҳо баҳо диҳанд.

**Тарҷумаи асари бачагона чӣ душворӣ дорад?**

– Тарҷума ҳам эҷод аст, фақат сужааш тайёр мебошад. Шуҳрати баъзе тарҷумонҳо аз эътибори баъзе адибон кам нест, ё тарҷума ба шуҳрати онҳо шуҳрати дигар зам кардааст. Абдулло Зокирро бештар тарҷумони «Доғистони ман»-и Расул Ҳамзат мешиносанд, Бахтиёр Муртазоевро ба хонандагон нахуст «Садбарги заррин»-и Константин Паустовский ва «Сурх ва сиёҳ»-и Стендал ошно кардааст!

– Барои бачаҳо ҳар адиб наметавонад асар тарҷума кунад. Донистани забон кам аст, бояд забони бачаро ҳам донист. Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ таъкид кардаанд, ки:

*Чун сари кори ту бо кӯдак фитод,*
*Пас забони кӯдакӣ бояд кушод...*

Тарҷумон ҳамеша бояд дар хотир гирад, ки асари тарҷумашавандаро кӣ мехонад ва чандсола аст! Асарро тавре бояд тарҷума кард, ки хонанда пиндорад, ки онро адиби тоҷик эҷод кардааст ва фақат номи қаҳрамону макони воқеъ шудани моҷаро ва урфу

одат бегона аст...

Як замон «Алвидоъ, Гулсарӣ»-и Чингиз Айтматовро, ки ба забони русӣ иншо шуда буд, ду нафар ба забони қирғизӣ баробар тарҷума карданд: яке адиб буду дигаре – омӯзгори мактаби кадом авул. Чингиз Айтматов кори омӯзгорро писандид, балки дар як мусоҳиба иқрор шудааст, ки «Алвидоъ, Гулсарӣ»-ро худаш бо забони модариаш ин хел хонданӣ эҷод карда наметавонист!

Ё адиби маъруф Габриэл гарсиа Маркес гуфтааст, ки асарҳояш ба шарофати тарҷума шӯҳратёр гардидаанд ва соли 1982 сазовори Ҷоизаи Нобел гардид.

Мушкилоти тарҷума зиёд аст, дар як суҳбат наметавон ҳамаро гуфт.

**Баъзе асарҳо ду маротиба чоп шудаанд, амсоли «Каштанка»-и Антон – Чехов, «Муму»-и Иван Тургенев. Чанд маротиба ва аз ҷониби чанд нафар тарҷума шудани як асар чӣ аҳамият дорад?**

– Дар бисёр кишварҳо як асарро гоҳо якбора, гоҳо пас аз чанд сол се, чор, шаш нафар тарҷума мекунанд. Ин хуб аст. «Каштанка» ва «Муму» пеш ҳам тарҷумаю нашр шуда буданд, баъд ин корро нависанда Маҷид Салим анҷом дод. Кадом тарҷума беҳтар аст, забоншиносу адабиётшиносу хонанда муқаррар мекунад.

Баъзан, забон зуд рушд мекунад, калимаю ибора, истилоҳ, ҳатто ҳарфи нав илова мешавад. Он гоҳ нашри тарҷумаи тоза ва такрории асар шарт аст.

**Кадом асарҳоро аз адабиёти ҷаҳон барои бачаҳо тарҷума бояд намуд, ки то кунун тарҷумаи он анҷом напазируфтааст?**

– Зиёданд, бешуморанд. Агар соле 100-200 асар тарҷума шавад, нуран ало нур мешавад. Ба ин ҳама тарҷумаи асарҳои соҳаи техника, тандурустӣ, олами ҷонварон, касбу кор ва ғайра илова шаванд, боз беҳтар. Масалан, Ҷонни Родари як китоби хуб дорад – «Сказки по телефону». Кайҳо бояд тарҷума мешуд. Гуфтан мумкин аст, ки дар замони Шӯравӣ ҳам барои бачаҳо асар кам тарҷума мешуд.

Аслан, бачаҳо барои дониш гирифтан сахт ҳарисанд. Онҳо аз тамошою мутолиаи китоб сер намешаванд. Дар олам синну соли то 12-14 қишри китобхони ҷомеа маҳсуб мeёбад, аз ин сабаб барои бачаҳо китоб навиштану тарҷума кардан зарур ва савоб аст.

Боре рӯйихати асарҳои адибони русро барои тарҷума омода ва барои хонандагони синфҳои 1– 4 тасниф намудам. Ҳаштод асар шуд. Инҳо асарҳои асри гузашта буданд. Имрӯз адибони наву асарҳои тоза ба тоза пайдо шудаанд.

**Шумо низ ба тарҷума машғул будаед, ба ибораи дигар як самти кори Шумо тарҷумаи асарҳо, хусусан асарҳои бачагона аст. Лутфан мегуфтед, ки то кунун чанд асарро тарҷума намудед?**

– Нашумурдаам. Тарҷумаи қиссаи марғуби адиби Шветсия Астрид Линдгрен «Ҷӯробдарозак Пеппӣ»-ро («Пеппи Длинныйчулок») нав тамом кардам.

Тарҷума қаламро тез мекунад, ҳангоми тарҷума зиёд меомӯзӣ, аз назокати забони бачаҳо беҳтар огоҳ мегардӣ.

**Оё ҳамаи асарҳои тарҷума кардаи Шумо рӯи чоп омадаанд?**

– Бале, ё дар нашрия, ё дар шакли китоб чоп шудаанд, ё нусхаи электронии асарро пешкаши хонандагон кардаам.

**Дар оянда кадом асарҳои бачагонаро тарҷума кардан мехоҳед?**

– Аз асарҳои Эрнест Сетон-Томпсон «Тито», «Маугли»-и Киплинг, «Дарси забони фаронсавӣ»-и Валентин Распутин ва «Қиссаҳои Гугутсе»-и Спиридон Вангелӣ «Аз ҳама зебо»-и Борис Заходер рӯйи мизи мананд.

**Аз шумо суол кунанд, ки даҳ асари беҳтарини насрии адабиёти ҷаҳон барои бачаҳоро номбар кунед, кадомҳоро интихоб менамоед?**

– Беҳтараш, мепурсидед, ки 100 асари беҳтарин...

Тамоми асарҳои Николай Носов, Валентина Осеева, Эрнест Сетон-Томпсон (махсусан «Домино» ва «Тито»), «Ҷӯробдарозак Пеппӣ»-и Астрид Линдгрен, «Горячый камень»-и Аркадий Гайдар, «Шоҳзода ва гадо»-и Марк Твен, «Маугли»-и Киплинг, «Бачаҳои капитан Грант»-и Жюл Верн, «Дарси забони фаронсавӣ»-и Валентин Распутин, «Муаллими аввалин»-и Чингиз Айтматов, «Доғистони ман»-и Расул Ҳамзат, «Қиссаҳои Гугутсе»-и Спиридон Вангелӣ, «Шоҳдухтарак, ё саргузашти Сара Кру»-и Фрэнсис Элиза Ходгстон Бернетт, «Робинзон Крузо»-и Даниэл Дефо, «Саргузашти Мюнҳайзен»-и Рудольф Эрих Распе ва ...

**Қаблан дар рӯзномаи «Адабиёт ва санъат» чанд тарҷумаи Шумо барои калон солон нашр гардида буд. Дар ин бора каме маълумот медодед.**

– Инҳоро барои нашрияи «Адабиёт ва санъат» тарҷума кардам. Охир, ҳикояҳои олиҷанобанд.

**Асари бачагонае дар адабиёти ҷаҳон ҳаст, ки тарҷумааш барои бачаҳои тоҷик шарт нест?**

– Балки хуб нест, зеро зараровар аст. Як, фарз кардем, силсиларомани адиби Инглистон Ҷоан Роулинг вобаста ба саргузашти Гарри Потер...

**Ташаккур барои сӯҳбати самимӣ.**

**Сӯҳбатоoro:**
**Қурбонзода НАСИМБЕК**



# ЧАНД ТАРҶУМАИ ЯК ШЕЪРИ ЕСЕНИН

Тарҷумаи ҳар асари бадеӣ, бахусус шеър (ҳарчанд бархе муҳаққиқон ба тарҷуманопазирии шеър таъкид мекунанд), кори бисёр душвор ва пурмасъулият аст. Дар ин кор нақши мутарҷим хеле бузург аст. Чизе, ки бар зебоӣ ва пуртаъсир будани тарҷума меафзояд, дониш, ҷаҳонбинӣ ва доираи луғавии тарҷумон аст. Агарчӣ маънӣ ва мафҳуми шеъре, ки тарҷума мешавад, муҳим аст, аммо нақши мутарҷимро ҳам набояд нодида гирифт. Бинобар ин як матни воҳид аз тарафи як нафар ё чанд нафар метавонад ба шаклҳои гуногун ва баёнҳои мухталиф тарҷума шавад. Ҳолати рӯҳӣ-равонии мутарҷим, муҳит, фазо ва замони тарҷума дар ин кор бисёр муассир аст.

Далели машҳур ва маҳбуб шудани тарҷумаи маҷмӯаи "Савтҳои форсӣ" (Персидские мотивы)-и шоири рус Сергей Есенин дар миёни хонандагони тоҷик фақат истеъдоди шоирии Есенин ва маонии амиқ ва зебои ашъораш набуд, балки саҳми тарҷумонҳои ин маҷмӯа устодон Лоиқ Шералӣ ва Бозор Собир ҳам дар ҳамагонӣ ва пазируфта шудани ин асар бузург аст.

Шеъри машҳури «Шагане ты моя, Шагане» (Ту, эй Шоҳона, эй Шоҳонаи ман) севумин шеъри ин маҷмӯа («Савтҳои форсӣ») аст, ки дар соли 1923 суруда шудааст ва аз зумраи ашъори зебои ватандӯстона ва ошиқона ба шумор меравад. Дар ин шеър аз вожаи «Шагане» истифода шудааст, ки ба гуфтаи муҳаққиқон шакли русии калимаи «Шоҳона» аст. Ҳарчанд бархе адибони дигар тарҷумаи дурусти онро ба забони мо «Шоҳондухт» медонанд. Бархеи дигар бовар доранд, ки Шагане дигаргуншудаи калимаи Шогуна аст. Ин вожа 13 бор дар маҷмӯаи «Савтҳои форсӣ»-и Есенин такрор шудааст.

Есенин дар ин шеър дар бораи аз Шимол, яъне аз Русия буданаш ишора мекунад ва бо истифода аз таркиби «волнистую рожь при луне» (ҷавдорҳои маввоҷ (мавҷзананда) дар маҳтоб) тасвире аз паҳноварии сарзамини Русия дар зеҳни хонанда эҷод мекунад. Сипас аз нигоҳи зебоӣ ва табиат ба муқоисаи шаҳрҳои Шероз ва Рязан мепардозад ва бо ин ки ба зебоии шаҳри Шероз эътироф мекунад, вале боз зодгоҳи худро беҳтар ва зеботар аз он медонад, ки метавон ҳисси меҳанпарастии

ӯро дар ин шеър ба хубӣ эҳсос кард. Муқоисаи ин шаҳр ва муқоисаи худ (Есенин) бо Саъдӣ дар чанд ҷои дигари маҷмӯаи ашъори “Савтҳои форсӣ” дида мешавад, ки эҳтирому ихлоси бениҳояти шоири русро ба фарҳангу адабиёт ва кишвари Эронзамин нишон медиҳад.

Ба гуфтаи огоҳон, ҳарчанд Шоҳона (Шагане) аслан арманӣ буд, аммо зебоии эронӣ дошт ва шоир ном ва шахсияти ӯро ҳамчун намоде аз ҳамаи занони зебои эронинажод ба кор бурдааст. Есенин дар солҳои 1924-1925 дар сафари худ ба Қафқоз дар шаҳри Батумии Арманистон тавaққуф кард. Ӯ он замон ҳамчун шоири ҷавони боистеъдод шинохта шуда буд ва дар ин шаҳр ӯро ба маҳфилҳои адабӣ даъват мекарданд. Дар яке аз ин гуна маҳфилҳо буд, ки Шоҳонаро дид ва ошиқи ӯ шуд. Ӯ дар мактаб адабиёт дарс медод ва ба шеър ҳам алоқаи зиёд дошт. Шоҳона барои шоир таҷассуми ҳамаи занони шарқӣ, зебоии зоҳирии аҷибу ғариб ва зебоии маънавии бештар шуд.

Бо ин ки ин шеър дар қолаби як номаи ошиқона навишта шудааст, аммо шоир тааммулоти худро дар мавриди ватани худ ба “зани зебои порсӣ” баён мекунад. Агарчи Шарқ бениҳоят зебост, аммо ноҳияҳои бумии Рязан бо заминҳои бепоёни ҷавдори тилоӣ барои шоир азизтар аст.

Мазмунии аслии ин шеър иштиёқ ба сарзамини худ аст. Ишқ ба сарзамини модарии худ – Рязан, ки шоир ба шиддат эҳсос мекард, дур будан аз ватани худ, ҷое, ки “ҷавдори маввоҷ” рушд мекунад ва моҳи азиме бар замини кишт медурашад. Шоир аз ранги сарзамини Ҷануб мутаассир аст, аммо дилаш дар Шимол – зодгоҳаш - аст. Ӯ зебоии дурахшони Шарқро танҳо ба сурати гузаро зикр мекунад ва боз ба хотироти киштзорҳои минтақаи Рязан мепардозад: “Шероз ҳарчи қадар зебо бошад/ Беҳтар аз паҳнаҳои Рязан нест”.

То имрӯз ин шеър ба забони мо аз тарафи чандин нафар тарҷума шудааст ва нусхаҳои гуногуни ин тарҷумаҳо мавҷуд аст. Дар ин ҷо асли шеър ва чанд намунаи тарҷумаи онро меорем:

Шагане ты моя, Шагане!
Потому, что я с севера, что ли,
Я готов тебе рассказать поле,
Про волнистую рожь при луне.

Шагане ты моя, Шагане.

Потому, что я с севера что ли,
Что луна там огромней в сто раз,
Как бы нибыл красив Шираз,
Он не лучше рязанских раздолий.
Потому, что я с севера, что ли.

Я готов тебе рассказать поле,
Это волосы взял у ржы,
Если хочешь, на палец вяжи-
Я нисколько ничуствую боли,
Я готов тебе рассказать поле.

Про волнистую рожь при луне,
По кудрям ты моим догадайся,
Дорогая, шути,улыбайся.
Не буди только память во мне.
Про волнистую рожь при луне.

Шагане ты моя, Шагане!
Там, на севере, девушка тоже,
На тебя страшно похожа,
Можеть, думает обо мне...
Шагане ты моя, Шагане.

***

**Тарҷумаи Лоиқ Шералӣ:**

Ту, эй Шоҳона, эй Шоҳонаи ман,
Чу фарзанди шимолам ман, аз ин боб
Дилам хоҳад бигӯям васфи саҳро,
Ҳам аз ҷавдорзори зери маҳтоб.
Ту, эй Шоҳона, эй Шоҳонаи ман.



Магар з-он рӯ, ки фарзанди шимолам,
Бузург ояд маҳаш дар дидаи ман.
Бувад ҳарчанд зебо мулки Шероз,
Набошад беҳ зи паҳнои Рязан.
Магар з-он рӯ, ки фарзанди шимолам.

Дилам хоҳад бигӯям васфи саҳро,
Ки мӯи ман бувад ҳамранги ҷавдор,
Агар хоҳӣ ба ангуштат бипечон,
Наёбад мӯи ман як зарра озор...
Дилам хоҳад бигӯям васфи саҳро.

Ту аз ҷавдорзори зери маҳтоб
Зи мавҷи мӯи печонам нишон ёб.
Нигоро, шодмонӣ кун дар олам,
Фақат ёде маянгез андарунам
Ту аз ҷавдорзори зери маҳтоб.

Ту, эй Шоҳона, эй Шоҳонаи ман,
Дар он ҷо – дар шимолам низ ёре
Ба ту бисёр монанд аст, монанд,
Ба ман дорад нигоҳи интизоре,
Ту, эй Шоҳона, эй Шоҳонаи ман.

***

**Тарҷумаи Ибодуллоҳи Солеҳ:**

Ало Шогуна, эй Шогунаи ман,
Барои он, ки аз марзи шимолам,
Зи саҳро гӯяму аз шарҳи ҳолам,
Зи ҷавдорони мавҷосои меҳан,
Ало Шогуна, эй Шогунаи ман.

Барои он, ки аз марзи шимолам,
Бувад равшан маҳ он ҷо сад баробар
Бувад Шероз агар зебо саросар,
Рязан беҳтару зебо, хаёлам.
Барои он, ки аз марзи шимолам.

Зи саҳро гӯяму аз шарҳи ҳолам
Гирифта мӯи ман ранге зи ҷавдор,
Сари ангушти худ мӯям нигаҳ дор
На дарде дораму боре нанолам.
Зи саҳро гӯяму аз шарҳи ҳолам.

Зи ҷавдорони мавҷосои меҳан.
Ту мавҷи мӯи печонам бубинӣ



Азизо, хурраму беғам нишиинӣ,
Маёр асло, вале бар хотири ман,
Зи ҷавдорони мавҷосои меҳан.

Ало Шогуна, эй Шогунаи ман.
Дар он марзи шимолӣ як диёр аст.
Маро он ҷо нигоре интизор аст.
Ту монандӣ ба он ҷононаи ман.
Ало Шогуна, эй Шогунаи ман.

***

**Ва тарҷумаи шогирдонаи мо, ки ба шакли т**
**аҳтуллафзӣ анҷом шудааст:**

Шоҳона, ту аз ман ҳастӣ, Шоҳона,
Барои он ки ман аз Шимол ҳастам,
Омодаам ба ту ситоиши саҳроҳои онро кунам
Ва ҷавдорҳои мавҷзананда дар зери нури моҳ.
Шоҳона, ту аз ман ҳастӣ, Шоҳона.

Барои он ки ман аз Шимол ҳастам,
Ки моҳ дар он ҷо сад баробар бузургтар аст.
Шероз чи андозае, ки зебо набошад,
Беҳтар аз паҳноварии Рязан нест.
Барои он ки ман аз Шимол ҳастам.

Омодаам ба ту ситоиши саҳроҳои онро кунам,
Ки ранги мӯямро аз ҷавдорҳои он гирифтаам,
Агар мехоҳӣ, онро ба дастонат бигир,
Ман аслан дардеро эҳсос намекунам.
Омодаам ба ту ситоиши саҳроҳои онро кунам.

Дар бораи ҷавдорҳои мавҷзананда дар зери нури моҳ
Аз мавҷи мӯҳои ман метавонӣ огоҳ шавӣ,
Азизам, шӯхӣ кун, лабханд бизан,
Фақат хотираҳоро дар ман бедор накун,
Дар бораи ҷавдорҳои мавҷзананда дар зери нури моҳ.

Шоҳона, ту аз ман ҳастӣ, Шоҳона,
Он ҷо, дар Шимол, духтаре низ
Ба ту бисёр монанд аст
Ва шояд дар бораи ман фикр мекунад...
Шоҳона, ту аз ман ҳастӣ, Шоҳона.

**Таҳия ва тарҷумаи**
**Исанова Мавзуна,**
**донишҷӯи курси сеюми**
**факултаи математика**

# ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛҲОИ АФҒОНӢ

- Аввал рафиқ в-он гаҳ тариқ.
- Аввал фил пайдо кун, баъд филхона бисоз.
- Агар беҳ мебудӣ, дар деҳ мебудӣ.
- Агар гуноҳро бубахшанд ҳам, шармсорӣ боқист.
- Агар дуои саг қабул мешуд, аз осмон устухон меборид.
- Аз дасти гурусна чӣ хайр?
- Аз макри зан ҳафт шутур бор шуда.
- Аз нодида қарз бикуну дар тоқи баланд бимон.
- Аз роҳи рост касе гум нашуда.
- Аз сад хеш як ҳамсоя пеш.
- Аз чилла чӣ гила.
- Ба гап, ки нашавад, ба лат ҳам намешавад.
- Ба гуфтаи худ кор кун, то ба гуфтаи ту кор кунанд.
- Ба умеди ҳамсоя бешом нашину ба умеди ошиқ бешӯй.
- Банда то пешпо нахӯрад, «бисмилло» намегӯяд.
- Барои кӯр шабу рӯз баробар аст.
- Бипарҳез аз нодоне, ки худро доно мешуморад.
- Бо гург дунба мехӯраду бо чӯпон гиря мекунад.
- Боғбонро вақти мева чашмҳо кӯр мешаванд.
- Вақте ки кор хатм шуд, муздур ҳаромзода шуд.
- Гадоро, ки рӯй додӣ, мерос даъво мекунад.
- Гузаштаро салавот, ояндаро эҳтиёт.
- Деви озмуда беҳ аз мардуми ноозмуда.
- Дузди ногирифта султон аст.
- Дуриву дӯстӣ.
- Ё сухан санҷида гӯй, эй марди доно, ё хамӯш.

● Ё раб, мабод он, ки гадо муътабар шавад.

● Заминро аз осмон нисор асту осмонро аз замин ғубор.

● Зан агар дар хона набошад, фариштаи раҳмат ҳам пар
намезанад.

● Зан надорӣ, ғам надорӣ.

● Зани хуб агар миёни лашкар равад, бар доманаш гарде
нашинад.

● Зану харбузаро расидааш хуб аст.

● Зардорро душман бешумор аст.

● Зарурат модари эҷод аст.

● Зиёфатхӯр хушомадгӯй мебошад.

● Зинати занон иффат асту зинати мардон ғайрат.

● Зулми золим бар сари авлоди золим меравад.

● Инсоф айни тоат аст.

● Исо ҳам ба дини худу Мӯсо ҳам ба дини худ.

● Ишкамба сари дег баромада гуфта, ки ман ҳам гӯшт
ҳастам.

● Ишқ чизест, ки девона кунад муллоро.

● Калиди тиллоӣ ба ҳар қуфл баробар меояд.

● Кам бихӯр, ғам махӯр.

● Кам хӯрдан – ганҷ, пур хӯрдан – ранҷ.

● Кафандузд аз мурда натарсад.

● Дар биёбон кафши кӯҳна неъмат аст.

● Моли мардум – заҳри каждум.

● Муздур – аз худо дур.

● Нододаро бидеҳ, ки шарманда шавад.



- Обро майл ҷониби пастӣ бувад.
- Оқил ба худ меболаду ҷоҳил ба дигарон.
- Пойбӯсиҳои сел аз пой афканад деворро.
- Пул ба ҳушмандон хидмат мекунаду ба бехирадон ҳукумат.
- Ростӣ – растӣ.
- Сад дояи меҳрубон ба бӯи модар нарасад.
- Сад ҷон фидои он, ки дилаш бо забон як аст.
- Сар кал, кулоҳ бахмал.
- Себ халос шуд, рӯи боғбон сиёҳ шуд.
- Тавбаи қиморбоз бепулӣ асту тавбаи гург – марг.
- Тавсифи бисёр бадтар аз дашном аст.
- Тадбир кунад банда, тақдир кунад ханда.
- Тасбеҳ ба даст чашм ба моли мардум.
- Тафриқа бияндозу ҳукумат кун
- Таъриф он аст, ки душман кунад.
- Тиллои кам қадри зиёд дорад.
- То набошад чизаке, мардум нагӯяд чизҳо.
- Удро гар бӯй набошад, ҳезум аст.
- Уштура чию абрешимбофӣ.
- Хар, ки ҷавро дид, коҳро фаромӯш мекунад.
- Хор аз замин тез мебарояд.
- Хор аз хурдиаш тез аст.
- Худо бедастро даст надиҳаду калбузро шох.
- Ҳар некӯие, ки ба наздикони худ мекунӣ, ба худ мекунӣ.
- Ҳар чӣ хор ояд, рӯзе ба кор ояд.
- Ҳар чиро бод оварад, бодаш барад.
- Ҳар ҷо, ки рангу бӯе бувад, гуфтугӯе бувад.
- Ҷавониро бо ҳиҷоб, сарватро бо орзу ва илмро бо дуо ҳосил натавон кард.
- Ҷоҳил ҷоҳилро ситояду аз олим нафрат кунад.

**Гирдоварӣ, тарҷума ва таҳияи**
**Дилшод Раҳимов**

# ҲЕРАКЛИТ



Аз шумори файласуфони материалисти Юнони бостон буд. Намояндаи барҷастаи мактаби фалсафии Иона. Солҳои 630-572 то милод зиндагӣ кардааст. Аз ашрофзодагони Эфес аст. Оғози ҳама чизро аз оташ медонист. Эҷодкунандаи ақидаи раддубадали ногусастанӣ, таълимоти «логос», ки чун «худо», «сарнавишт», «ногузир» ва «ҷовидон» шарҳ мешуд. Фармудаи овозадори «ин рӯд ки мебинӣ, рӯди як дам пеш нест» аз ӯст. Бо Пифагор ва Парменид аз асосгузорони фалсафаи бостон ва тамоми Урупо ба шумор меравад.

Ҳастӣ асрор аст мегуфт, Ҳераклит. Аз ҷомеа дурӣ меҷуст, ҳеч гуна унвонро қабул надошт, тартибу низоми шаҳрдориро сахт маҳкум мекард, ба тӯда нафрат дошт. Бозӣ бо кӯдаконро беҳтар аз иштирок дар корҳои шаҳрдорӣ мешумурд. Ҳераклит даъвати афиниён ва шоҳи форсҳо Дороро рад кард, аз Эфес берун нарафт. Аз набиштаи машҳураш «Дар бораи табиат» пораҳое барҷой мондаанд.

Агар аз нобино мепурсиданд, ки биной чист, ногузир посух медод, ки кӯрист.

* * *

Хирад он аст, ки рост бигӯӣ, ба овози табиат гӯш бидиҳӣ ва ба фармуди ӯ роҳ биравӣ.

* * *

Набард бо хашм душвор аст, он чи вай мехоҳад ба баҳои ҷон ба даст меояд. Набард бо лаззат душвортар аз он.

* * *

Онҳое ки гӯш медиҳанду намефаҳманд, монанд ба каронанд. Дар ҳаққи эшон гуфтаанд: «Ҳозирине ки ҳузур надоранд».

**Тарҷумаи Юнус Юсуфӣ**

# ШОҲ ДРОСЕЛБАРТ

Замоне подшоҳе буд, духтари зебое дошт. Аммо ӯ чунон фахр мекард ва бовар дошт, ки ҳеч марде барои вай муносиб нест. Рӯзе подшоҳ ба мардум зиёфати бузурге дода, тамоми ҷавонони дуру наздикро ба он нишаст даъват кард. Онҳо дар толори калон саф кашиданд: аввал подшоҳон, баъд мулкдорон, баъд ҳокимон, баъд соҳибунвонон ва ашрофзодагон.

Шоҳдухтар дар пеши саф боло ва поин қадам мезад, то ба онҳо нигоҳ кунад. Аммо дар чашми ӯ ҳама дорои нуқсе менамуданд.

Вақти дидани ҷавонон хӯрдагирӣ менамуд: "ин калон аст", "вайпояш каҷ аст", "дигараш қади кӯтоҳ дорад", "бинии он яке дароз аст" ва амсоли ин. Ҳамин тавр, вай дар ҳама камбудӣ меҷуст. Аммо бештар аз ҳама шоҳдухтар шоҳеро ки манаҳаш каме каҷ буд масхара мекард.

“Вай манаҳи нугдарози гулӯламонанд дорад!” – хандид вай. “Ӯро бояд шоҳи Дроселбарт меномиданд!”

Шоҳдухтар бо шӯхияш баланд ва дуру дароз хандид. Вале падараш подшоҳ хашмгин шуд, ки вай нисбат ба ҳама номзадон беадаб аст. Шоҳ савганд ёд кард, ки навозандаи навбатие ба қаср омада буд, ӯро ба зани гирад.

Баъд аз чанд рӯз як навозандае омада дар беруни қаср суруд хонд. Вақте ки подшоҳ садои ӯро шунид ва гуфт: “Ӯро биёваред, духтарамро ба занӣ мегирад”.

Шоҳдухтар зориву илтиҷо кард, аммо подшоҳро розӣ карда натавонист. Онҳо издивоҷ карданд ва шоҳдухтар маҷбур шуд, ки бо навозанда аз қаср берун равад.

Вақте ки шавҳар ӯро бурд, аввал аз қаҳру ғазаб хашмгин шуд, баъд гиряву нола кард. Аммо ин ҳама беҳуда буд, рафтанду рафтанд то аз қасри шоҳдухтар берун шуданд ва ба наздикии қасри подшоҳи дигаре омаданд. Вақте ки онҳо ба як ҷангали калоне расиданд, навозанда гуфт: “Ин ҷангал аз они шоҳи Дроселбарт аст”.

Шоҳдухтар оҳ кашид ва гиря кард: “Оҳ кош ман шоҳи Дроселбартро ба шавҳарӣ қабул мекардам!”

Пас аз он ба майдони гулҳои рангоранг омаданд ва навозанда шарҳ дод: “Ин марғзори аҷоиб ба шоҳ Дроселбарт тааллуқ дорад.”

Малика бӯй кашид: “Эй кош ман шоҳ Дроселбартро шавҳар гирифта будам!”

Баъд ба як шаҳри калон омаданд ва навозанда гуфт: “Ин шаҳри дурахшон ва зебо ба шоҳ Дроселбарт тааллуқ дорад.”

Боз шоҳдухтар шикоят кард: “Эй кош ман зани шоҳ Дроселбарт будам”. Ниҳоят онҳо ба як кулба омаданд. Навозанда гуфт: “Ин хонаи ман ва хонаи нави шумост”.

Шоҳдухтар маҷбур шуд, ки хам шуда аз дари паст ворид шавад. “Хизматгорон дар куҷоанд?” – пурсид вай.

“Кадом хизматгорон?” – ҷавоб дод навозанда. “Ҳамаи корро бояд худат анҷом диҳӣ. Бархезу хӯроки шомро омода соз. Аммо шоҳдухтар пухтани хӯрокро наомӯхта буд. Навозанда ба ӯ кӯмак намуд. Баъд аз хӯрдани хӯрок ба хоб рафтанд.



Субҳи рӯзи дигар шоҳдухтар маҷбур шуд, ки барвақт хеста ба хона баргардад. Зеро барои омода намудани ғизо пул надоштанд.

“Ту бояд сабад созӣ барои фурӯхтан” – фаҳмонд навозанда ба шоҳдухтар. Шавҳар чубҳои бедро мебурид. Шоҳдухтар бо дастони нозуки худ бофтан гирифт ва ҳар коре аз дасташ меомад, анҷом медод.

“Акнун ба бозор рафта, онҳоро бифурӯшед!”- гуфт навозанда. Шоҳдухтар сарашро хам кард: “Мардуми дарбор агар маро дар ин ҳол бинанд чӣ фикр мекунанд?” – худ ба худ андешид вай. Аммо шоҳдухтар илоҷ надошт ва аз гуруснагӣ мурдан намехост. Мутаасифона шоҳдухтар сабадҳои бофташудаашро хеле кам фурӯхт. Харидорон ба ҳоли шоҳдухтар раҳмашон омад, аз сабадҳо харидорӣ менамуданд. Аммо пул кофӣ набуд!

“Ба қасри шоҳ Дроселбарт рав, шояд дар онҷо хизматчии ошхона шуда кор кунӣ”- гуфт шавҳар. Аз ин пас мо хӯрокамонро бепул мегирем. Бо ҳамин ғамгинии малика тамом шуд ва барои кор ба ошхонаи шоҳ Дроселбарт рафт, ки дар онҷо корҳои мушкилро сомон медод. Ҳар шаб хӯроки пасмондаеро меовард, бо шавҳараш мехӯрданд.



Рӯзе ба хизматгорон хабар доданд, ки шоҳ ба наздикӣ издивоҷ мекунад. Вақте ки рӯзи ҷашн фаро расид, шоҳдухтар тамоми рӯз ба рубу чини фаршҳо, барои ошпазҳо чизе овардан ва омода кардан банд буд. Вақте ки базм сар шуд вай тоб оварда наметавонист, ки дар назди ҳуҷраи дари калон истад, то ки аз ҷашни бошукӯҳ дер намонад.

Мизҳои зебо бо таомҳои болаззат пур шуданд, шамъҳо фурӯзон шуданд ва оҳиста-оҳиста меҳмонҳои хушлибос омаданд. Шоҳдухтар бори дигар орзу кард, ки вай нисбат ба ин мардум зеботар бошад.

Ногаҳон подшоҳи Дроселбарт даромад, ки либоси бахмал ва абрешим ва дар сараш тоҷи тиллоӣ дошт. Ҷавонзани зебоеро дид, ки дар остонаи дар истодааст, аз дасти вай гирифта хоҳиш кард, ки бо ӯ рақс кунад. Аммо вай рад кард ва тарсида ба ақиб рафт, зеро фикр мекард, вақте ки бори аввал вохӯрданд вай чи тавр ӯро масхара карда буд.

Вале подшоҳ ба сӯйи вай табассум карду гуфт: “Натарс! Ин ман навозанда, он вақт худро пинҳон карда будам, ки ба шумо дарс омӯзам”.

Баъдан шоҳдухтар ӯро шинохт. Вай бисёр гирист ва гуфт: “Лутфан маро бубахшед, ман ҳеҷ гоҳ ин қадар беадаб набудам”.

Подшоҳ дастони ӯро гирифту гуфт: “Гиря макун, ҳамааш фаромӯш шуд. Ҳоло вақти туйи ҳақиқӣ фаро расид”.

Хизматгорон ба шоҳдухтар дар пӯшидани либоси арӯсии зебо кӯмак карданд. Падари шоҳдухтар низ дар ин маросим иштирок намуда, домоду арӯсро муборакбод намуд.

**Тарҷумаи**
**Сафарова Шукрона**
**донишҷӯи курси 3-юми гурӯҳи 312-и олмонӣ-англисӣ**



# ШАШ ҚУ

Рӯзе шоҳ дар ҷангали калон ҳайвонҳои ёбоиро шикор мекард. Ӯ чунон тез мерафт, ки гурӯҳи шикорчиёнаш дар қафо монданд. Вақте ки шаб наздик шуд, дид, ки гум шудааст.

Дар ин ҳангом ҷодугари пире пайдо шуда гуфт: "Метавонам роҳи баргашт ба хонаро ба ту нишон диҳам. Аммо ба як шарт: бояд духтари маро ба занӣ бигирӣ".

Шоҳ ноумед шуд, аммо роҳи дигаре надошт. Бо дили нохоҳам розӣ шуд. Онҳо издивоҷ карданд. Ҷодугар роҳи қасро ба онҳо нишон дод. Шоҳ пештар аллакай оиладор шуда буд, лекин ҳамсари ӯ вафот карда буд. Ӯ ҳафт кӯдак дошт, ки аз ҳама бештар дӯсташон медошт, шаш писар ва як духтар. Ӯ ба ҳамсари нави худ боварӣ надошт ва тарс дошт, ки вай метавонад писаронашро азоб диҳад. Бинобар ин ӯ ба вай аз кӯдакон ҳеҷ чиз нақл накард, балки онҳоро дар як қаср оварда монд, ки метавон танҳо бо роҳи ҷодушуда рафта расид. Метавон онро танҳо

бо ёрии махсус тӯпчаи ресмонӣ, ки худ кушода мешуд ва роҳро медод ёфт. Шоҳ боварӣ дошт, ки кӯдаконаш дар он ҷо дар бехатарӣ ҳастанд.

Малика дар танҳоӣ хаста мешуд. Ғуломеро бо тилло мафтун намуд ва ӯ сирри подшоҳ – фарзанд доштани ӯро ошкор кард. Ӯ ба вай ҳатто фош кард, ки аз куҷо вай тӯпчаи ресмонии сеҳрнокро метавонад ёбад.

Маликаи бадрашк рӯзи оянда куртаҳои сафед дӯхт. Баъд интизор шуд, то шавҳараш боз ба шикор равад, худ тӯпчаи ресмонии сеҳрнокро гирифт ва ба қаср рафт.

Кӯдакон аллакай аз дур диданд, ки касе меомад ва боварӣ доштанд, ки падари онҳо буда метавонад, аз ҳамин сабаб онҳо мехостанд ба пешвози ӯ раванд. Ҳамин ки малика ба қадри кофӣ наздик шуд, ҳар як куртаро ба болои як бача партофт. Аз ҳамин сабаб бачаҳо ба қу табдил ёфтанд ва аз ин рӯ ба парвоз даромаданд.

Малика хеле хушҳол ба хона рафт, чунки вай фикр кард, ки аз кӯдакони ӯгайиаш халос шуд. Ба ҳар ҳол вай аз духтар ҳеҷ чиз намедонист, ки ҳамроҳи бародаронаш ба берун рафт.

Дар рӯзи дигар ин хонуми ҷавони шуҷоъ ба ҷустуҷӯи бародарони худ ба ҷаҳон баромад. Вай пиёда дар саҳрову теппа сайр кард, то монда шуд. Билохира вай дар ҷангал ба як кулбаи холӣ рафта расид, худро ба болои кат партофт ва ба хоби амиқе рафт. Чанде пеш аз ғуруби офтоб ӯро садои баланд аз хоб бедор кард ва шаш қу аз тиреза ба дохил парвоз карда даромад. Вақте ки онҳо фуруд омаданд, пар ва пӯсти қуи аз онҳо афтод онҳо бародаронаш буданд! Онҳо худ шод шуданд, вақте хоҳарашонро диданд.

"Ҳар бегоҳ мо чоряк соат боз одам мешавем" – онҳо фаҳмонданд.

"Ҳеҷ роҳе нест, чӣ тавр ман метавонам ҷодуро шиканам?" – гиря кард хоҳар.

"Бале, аммо хеле душвор аст", оҳ кашид бародари калонӣ. Ба ту шаш соли дароз гап задан ё хандидан мумкин нест ва ту бояд аз гулҳои сафед шаш курта дӯзӣ. Агар дар ин муддат аз даҳонат ҳатто як калима барояд, ҳамаи меҳнати анҷомдодаат барбод хоҳад рафт.

Чоряк соат хеле тез гузашт. Бародарон боз ба қу табдил ёфтанд ва аз тиреза ба берун парвоз карданд.

Пас аз ин хонуми шуҷоъ қарор дод, ки бародаронашро наҷот диҳад. Дар субҳи дигар вай гулчинӣ рафт ва ба дӯхтан шурӯъ кард. Вай

иҷозати бо ҳеҷ кас гап занӣ надошт, ки ба ӯ душвор набуд, зеро онҷо касе ҳам набуд. Хандидан ҳам ба ӯ мумкин набуд, албатта духтар ҳам рӯҳияи хандидан надошт. Вай ҳар рӯз гул чида медӯхт.

Вақте ки вай аллакай моҳҳои зиёд кор кард, рӯзе як шоҳ савора наздаш омад. Ба назари ӯ вай хеле зебо намуд ва аз вай пурсид, вай кист ва чӣ кор мекунад. Албатта хонуми ғамгин ба ӯ ҷавоб дода натавонист. Дили шоҳ аз дилсӯзию меҳру муҳаббат пур шуд. Ӯ хонумро ба асп шинонд, ашёҳои дӯзандагиашро ҷамъ кард ва ҳамроҳи вай ба қасраш бозгашт. Ишқи подшоҳ ба зани орому ғамзада бо гузашти вақт зиёд шуд ва ӯ вайро ба занӣ гирифт. Модари шоҳ аз ин хурсанд нашуд.

"Вай гарчанде зебо аст", масхара кард ӯ, аммо маликае сухан гуфта наметавонад чӣ лозим аст!

Хушдоман ҳама корро кард, то маликаи нав худро бешавқ ҳис кунад. Вай ҳама имкониятҳоро истифода бурд, ки хонуми ҷавонро беақл нишон диҳад. Моҳҳо ва ҳатто солҳо ҳам гузаштанд, аммо ҳоло ҳам малика ягон калима гап намезад. Ҳар рӯз гул мечинад ва бо либосҳо кор мекунад то захмӣ шудани ангуштонаш. Охир вай кӯдакеро ба дунё



овард. Шабе ки малика сахт хобида буд, модари шоҳ ба утоқи хоби шоҳона даромад. Либоси маликаро бо хун молид ва кӯдакро дуздид. Баъдан ба писараш нақл кард ки малика кӯдакашро куштааст.

Гарчанде подшоҳ ба ин ҳодиса бовар кардан намехост, аммо маликаи ҷавон худро муҳофизат карда наметавонист ва судяи олии давлат талаб кард, ки қонун риоя карда шавад. Малика бояд сӯзонда мешуд.

Саҳари дигар як гулхани азиме гузошта шуд. Маҳз ҳамин рӯз буд ки шаш соли хомӯшӣ ва дӯзандагӣ бояд ба охир мерасид. Малика ҳамаи шаш куртаро дӯхта тайёр карда буд, танҳо дар охир як остин гум шуда буд. Куртаҳоро вақте ки вайро ба берун назди гулхан мебурданд, ба худ бо зудӣ пӯшонд.

Замоне ки бояд оташ даргиронда мешуд, шаш қу аз осмон поён фаромаданд. Дили малика аз хурсандӣ метапид, либосҳоро ба боло ҳаво дод. Он вақт бародаронаш боз шакли одамиро гирифтанд. Танҳо бародари хурдӣ, ки либосаш як остин надошт, аз як китфаш даст баровар ва аз дигар китфаш қанот.

Маликаи ҷавон гирякунон бародаронашро дошта бӯсид ва дар охир ҳарф зад: "Шавҳари азиз"  гуфт вай ба шоҳи ҳайроншуда, "акнун ман гуфта метавонам, чӣ маро бениҳоят ғамгин кард. Ман кӯдакамонро накуштаам!"

Ҳуҷраҳои модаратро ҷустуҷӯ кун, ту ӯро он ҷо меёбӣ. Ҳақиқатан хизматгорони шоҳ кӯдакро ёфтанд, ӯ сиҳату саломат буд. Аз хашми худ шоҳ модарашро доими аз шоҳигариаш берун кард. Баъдан ӯ бо маликаи худ ва фарзандаш ва бо шаш бародар хушбахтона ва қаноъатмандона то охири ҳаёт зиндагӣ карданд.

**Чақалова Дилноза –**
**донишҷӯи соли дувум, гурӯҳи 213**



# ҶУМЪАБОЙ АЗИЗҚУЛОВ

Ҷумъабой Азизқулов 10 июни соли 1934 дар деҳаи Панҷрӯди ноҳияи Панҷакент ба ҷаҳон омадааст.

Соли 1958 факултаи таъриху филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленинро хатм кардааст. Баъдан ходими илмии пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, муҳаррири илмӣ, мудири

шуъба, котиби масъул, муовини сармуҳаррир ва сармуҳаррири Энсиклопедияи советии тоҷик будааст.

Соли 1974 «дар мавзӯи «Синдбоднома»-и Заҳирии Самарқандӣ» рисолаи номзадӣ ҳимоя кардааст.

Намунаҳои осори Саъдӣ, Савдо, Айнӣ, Лоҳутӣ, Ҳамдӣ ва дигаронро таҳқиқ ва барои чоп омода сохтааст.

«Пандномаи Синдбод» (1963), «Гулзори ҳикмат» (1966), «Китоби Ҳаким Синдбод» (1979, 2012) дар таҳия ва таҳқиқу тавзеҳи ӯ ба чоп расидаанд.

Чандин мақолаи Энсиклопедияи советии тоҷик ва маҷмӯаи мақолаҳои «Андӯхти рӯзгор» (2014) ба қалами ӯ тааллуқ доранд.

Яке аз самти фаъолияти устод Ҷумъабой Азизқулов тарҷума аст. Чандин асарҳои адибони ҷаҳонро тарҷума ва ба теъдоди зиёд нашр намудаанд, ки қобили ситоиш аст. Қиссаву романҳои В.Шукшин «Суҳбати маҳтобшаб» (1981), А.Олимҷонов «Пайкони Маҳамбет» (1984), «Корвон меравад сӯйи Офтоб» (1966, ҳамроҳи Ҳ.Аҳрорӣ), А.Дюма «Се мушкетдор» ва «Граф Монте-Кристо», асарҳои алоҳидаи О.Гончар, И.Авиҷюс («Бехонумон»), Н.Нерсесян («Рустаму Дилоро»), Я.Гашек («Саргузашти сарбози чолок Швейк»), О.Генри, Р.Такур, А.Аббос Т.Ҷумъагелдиев, В.Латсис ва дигаронро ба тоҷикӣ гардондааст. Чанд тарҷумаи устод мавҷуд аст, ки то кунун ба нашр нарасидаанд. Яке аз онҳо ҷилди дуввуми "Граф Монте-Кристо" мебошад. Инчунин тарҷумаи чанд филми ҳунарӣ низ ба қалами ӯ тааллуқ дорад.

**Раҳматуллоев Мӯҳриддин –**
**донишҷӯи курси 3, ихтисоси омӯзгори забони олмонӣ**

# ФЁДОР ДОСТОЕВСКИЙ

Фёдор Достоевский пас аз 200 сол низ яке аз адибони машҳури ҷаҳонӣ аст. Чанде қабл 200 солагии ин адиби машҳур  қайд карда шуд. Маълум гардид, ки бо гузашти солҳои зиёд ҳанӯз заррае аз шӯҳрати Фёдор Достоевский кам нашудааст. Фёдор Достоевский яке аз классикони адабиёти на фақат Русия, балки ҷаҳон ба шумор меравад ва осори ӯ ба беш аз 180 забони дунё тарҷума шудааст. Ба гуфтаи дигар, ном ва осори ӯ дар ҳамаи гӯшаву канори ҷаҳон хонанда дорад. Нависандагони бузурги сатҳи ҷаҳонӣ, аксаран ӯро эътироф кардаанд, аз навиштаҳояш таъсир пазуруфтаанд. Ӯро яке аз аввалин нависандагони насри психологӣ низ ном мебаранд. Бар асоси достон ва романҳои ӯ филмномаҳои зиёде низ гирифта шудаанд. Ӯ дар Тоҷикистон низ шинохта шудааст ва осораш мавриди писанди хонандагони тоҷик  низ воқеъ аст. Достонҳо ва романҳои ӯро ҳанӯз дар замони Шӯравӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума кардаанд. Романҳои маъруфи ӯ "Ҷиноят ва ҷазо", "Бародарон Карамазовҳо", "Аблаҳ", "Қиморбоз" на фақат дар Тоҷикистону Русия, балки дар ҷаҳон серхонандатарин романҳо дар ду қарни ахир маҳсуб меёбад.

Фёдор Достоевский зиндагии пурпечутоберо сипарӣ карда ва ҳаёти ӯ низ мисли саргузашти қаҳрамонҳои романҳояш ноором ва пуршӯр гузаштааст.

Фёдор Достоевский 11 -уми ноябри соли 1821-и мелодӣ чашм ба олами ҳастӣ кушод. Падари вай табиб ва модараш духтари як тоҷири сарватманд буд.  Вай соли 1834 ба мактаб рафт. Вақте ӯ 15 сол дошт, модараш вафот кард ва ин фоҷеа таъсири манфӣ ба рӯҳияи Фёдор Достоевский гузошт.  Ин нависандаи машҳури ҷаҳонӣ пас аз ин ки мактаби миёнаро хатм мекунад, дар озмуни дохилшавӣ ба донишкадаи инжинерии низомӣ ширкат намуда, қабул мешавад. Соли 1838 пас аз як соли донишҷӯ шудан ӯ падарашро низ аз даст медиҳад. Вай он ҳангом дар мактубе ба Михаил, бародараш вазъияташро шарҳ дода, бо як ноумедии шадид менависад:

"Бародари азиз, бар марги падар бисёр ашк рехтам, аммо вазъи



мо акнун ҳатто даҳшатноктар аз пеш аст. Манзурам худам нестам, манзурам хонаводаи мост". Вай бо вуҷуди ин ки фишорҳои иҷтимоӣ ва рӯҳӣ ба равонаш таъсир мегузошт, ин донишкадаро бомуваффақият хатм мекунад. Дар замоне, ки ҳанӯз 25-сола буд, бо нависандагони саршинос ва маҳфилҳои сиёсиву адабии Санк-Петербург ошно мешавад. Ин ошноӣ даричаро барои ворид шудан ба дунёи нависандагӣ барои ӯ боз мекунад. Вай баъди ошноӣ бо муҳити адабӣ ба навиштани достонҳои кӯтоҳ мепардозад. Аммо ширкати ӯ дар маҳфилҳои сиёсии он замон ӯро бо мушкилот дучор мекунад. Ҳукумати подшоҳии Русия вайро ҳамроҳ бо дӯстонаш, ки узви маҳфили сиёсӣ буданд, дар соли 1849 ба зиндон маҳкум мекунад. Достоевский саргузашти давраи зиндонашро дар асари худ бо номи "Хонаи мурдагон" ба тасвир кашидааст, ки ҷидоли шакку имон ва рӯҳияи ормонгароёнаи нависандаро нишон медиҳад. Зиндагиноманависони Достоевский ишора мекунанд, ки шароити молии ӯ чӣ дар замони кӯдакӣ ва чӣ дар бузургсолӣ хуб набуд ва ӯ аз баъзе дӯстонаш қарздор мешуд. Ӯ ба беморӣи саръ низ гирифтор будааст. Михаил Достоевский бародари ӯ касе буда, ки ӯро дар зиндагиаш бисёр дастгирӣ мекард ва гӯё яке аз такягоҳҳои асосии ин нависандаи машҳур буд. Достоевский ба ӯ нома менавишт ва мушкилоти иҷтимоӣ ва рӯҳиашро бо ӯ дар миён мегузошт. Вай боре дар хусуси бародараш навишт:

"Ба бародарам бигӯед, ки ӯро дар оғӯши худам мефишорам ва аз ӯ ба хотири заҳматҳое, ки барояш фароҳам овардаам, пӯзиш мехоҳам".

Вай соли 1857 бо Мария Дмитриевна издивоҷ карда соҳиби 4 фарзанд шуд. Дере нагузашта ӯ духатараш Софияро бар асари беморӣ аз даст дод. Ҳамсараш низ соли 1864 вафот мекунад. Баъди маргаш Достоевский баъди ҷустуҷӯҳои зиёд бо Анна Григоревна дубора оила барпо мекунад. Ҳамсари дуюми ӯ то охирин лаҳзаҳои ҳаёти Достоевский ҳамдилу ҳамрози вай будааст. Навиштаанд, ки романҳои дар



солҳои ахир навиштаи Достоевскийро маҳз ӯ ҳуруфчинӣ мекардааст. Худи Достоевский ҳама муваффақиятҳояшро аз вуҷуди ҳамсараш–Анна медид.

Марги бародар, фарзанд ва ҳамсари аввал бар рӯҳияи Достоевский бетаъсир набудааст. Ин фоҷеаҳои пай дар пай Достоевскийро ниҳоят ба мушкилоти рӯҳиву равонӣ гирифтор мекунад ва ӯ худашро дар баробари ояндаи норӯшан маъюс дармеёбад. Аз навиштаҳои ӯ ба дӯстонаш бармеояд, ки марги ҳамсар ва бародараш ӯро бисёр ғамгин ва андӯҳгин сохтааст. Фёдор Достоевский ду қарн боз чун адиби маъруфи адабиёти рус ва ҷаҳон боқӣ мондааст. Достон ва романҳои ӯ дар тамоми ақсо ва минтақаҳои ҷаҳон маъруфу серхонанда аст. Ӯ, дар воқеъ, яке аз нависандагоне аст, ки равияи психологизмро дар адабиёт асос гузоштааст.

Ӯ аввалин романашро дар соли 1846 бо номи "Мардуми фақир" ба чоп расонд. Баъд аз ин ромонаҳои машҳури ӯ "Бародарон Карамазовҳо", "Аблаҳ" "Ҷиноят ва сулҳ", "Қиморбоз", "Ҷинзадагон" ва ғайраро навиштааст.

Романҳои ӯ, махсусан романи "Ҷиноят ва мукофот" яке аз романҳои беназир ва беҳамто дар адабиёти ҷаҳон ба шумор меравад ва тамоми нависандагони бузург дар ёддоштҳои худ аз бузургии ҳунари нависандагии Достоевский ва махсусан ин романаш ёд кардаанд.

Фёдор Достоевский миллат ва ватанашро ба ҳадде дӯст медошт, ки боре навишт: "Ман барои кор ва осорам ба Русия эҳтиёҷ дорам".

Аз навиштаҳо ва ёддоштҳои дӯстони ӯ бармеояд, ки ин нависандаи бузург Русияро ба шакли ормонӣ аз сидқи дил мепарастид ва ин рӯҳия на фақат дар осораш, балки дар амалкардаш низ ҳувайдо будааст. Вай дар нома ба дӯсти нависандааш Николай Островский навиштааст:

"Оҳ, ин ки то чӣ андоза барои ман таҳаммулпазир аст, ки дар хориҷ зиндагӣ кунам, онро барои шумо васф кунам. Бояд ба Русия баргардам. Ин ҷо малол озорам медиҳад..." Азбаски Достоевский ба кишварҳои гуногуни ғарбӣ сарфарҳои тӯлонӣ дошт, дар номаҳояш ошкоро андӯҳи ҳиҷрон ва дурӣ аз ватанаш – Русия эҳсос мешуд. Ин вобастагӣ ба Ватан шояд аз сифатҳои боризи як нависандаи машҳури рус бошад. Навиштаанд, ки Достоевский ба ҳадде ба Русия эътиқод дошт, ки баъзан бо дӯстонаш барои тавҳин ё кам нишон додани қудрат ва тавоноии

Русия ҷанг намуда, қатъи робита кардааст. Андрей Жид, нависандаи машҳури фаронсавӣ дар китоби худ бо номи “Достоевский” менависад, ки ӯ бо дӯсташ нависандаи машҳур Иван Тургенев дар хусуси Русия баҳси тунд намуда, бо ӯ ба хотири кишвараш  қатъи робита мекунад. Зеро Тургенев баъди зиндагии тӯлонӣ дар Олмон аз худ рӯҳияи зиёди ғарбгароиро буруз медиҳад.

Бо ин далел, Достоевскийро яке аз ватанпарасттарин нухбагони рус дар таърих ба шумор овардаанд.

Фёдор Достоевский дар охирҳои умраш машҳуртарин нависандаи рус буд. Маъруфияти ӯ ба ҳадде буд, ки ӯро дар маҳфилҳои адабӣ ва сиёсӣ даъват мекарданд ва сӯҳбатҳояшро мешуниданд. Дар он замон бисёре аз нухбаҳои рус кишварро тарк карда буданд, вале Достоевский дар Русия боқӣ монд ва то охирин лаҳзаҳо дар ин кишвари азизаш зиндагӣ кард. Ӯ 9-уми феврали соли 1881 бар асари бемории шуш аз олам даргузашт. Шоҳидони он аср менависанд, ки рӯзи дафни ҷанозаи Фёдор Достоевский мардуми зиёде ҷамъ шуда ва 6 соат дар рӯйи тобуташ барои видоъ суханронӣ карданд.

**Латипова Гулноза –**
**донишҷӯи курси 4, ихтисоси**
**омӯзгори забонҳои олмонӣ ва англисӣ**



## БРУНО АПИТС

# РАНГИНКАМОН

Ҳенриета Балке аз фарзандтаваллудкунӣ дилгир шуда буд. Ӯ бо гузашти айём ёздаҳ фарзандро ба дунё овард, аммо шаш нафари онҳо аллакай дар тифлӣ дунёро тарк гуфта буданд. Эҳтимол марги кӯдакон барои оилаи камбағал раҳми худо ҳисобида мешуд.

Солҳои дароз ӯ бо Фридрих Балке, шавҳари майзада ва офати оилааш ҳамроҳ нашуда буд, аммо, чунон ки фикр мекард, Худо ӯро танҳо гузоштааст ва Ҳенриета барои ин аз самими қалб миннатдор буд. Баъди танаффуси ҳафтсола, нисфирӯзии 28 апрели соли 1900 доя тифли навзодро ба кати хоби ӯ гузошт.

Фарзанди дувоздаҳум!

Кӯдаки навзод ғайримуқаррарӣ намуд ва Ҳенриета аз даҳшат фарёд зад: "Бачаро аз ман дур кунед, чашмонаш ба чашмони полис монанданд!"

“Ҳоло ҳам бад нест”, — гуфт доя,  “мисле ки чашмонаш ба чашмони падараш монанд бошад”.

Ҳенриета ба пирамард, Балкеро дар оила чунин меномид, муроҷиат кард, зеро модараш ба ӯ гуфта буд: «Он чизеро, ки Худо ба ҳам мепай-

вандад, духтарам, инсон набояд ҷудо кунад».

Аз панҷ кӯдаки зиндамонда Бертаи шонздаҳсола калонӣ буд. Вай дар матбаа ба сифати танзимкунанда кор мекард. Алфреди понздаҳсола ба як суратгир шогирд шуда буд ва Эрих дар сехи дуредгарӣ ба ҳайси котиб кор мекард. Дораи ёздаҳсола ва Элзбети шашсола ба мактаб мерафтанд.

Ва ҳоло бошад ин тифли на дар бистар. Фарзанди дувоздаҳум ва нописанд. "Ман кӯдаконро меорам", гуфт доя ва дастмолҳои тарро болои дасташ гузошт, сабади вазнини либосҳоро гирифту аз утоқ баромад.

Ҳенриета аз ранҷи таваллуд азоб мекашид. Ӯ он ҷо бепарво мехобид ва ёди тифли дар бараш бударо намекард. Пас аз ҳафт сол боз як тифл? Оё ӯ ҳеҷ гоҳ оромиро намебинад, оё ранҷҳои аз шавҳараш кашида кофӣ набуд?



Вай ба тифли навзод нигарист. Чаро фарёд намезанад? Ҳамаи фарзандони ӯ мисли ҷонзоде фарёд мезаданд. Ин бошад бо чашмони пӯшида меистод, дастон дар зери манаҳ, ангушташро мемакид. Ҳенриета дасташро ба зери кӯдак гузошт ва ҷунбондаш. Чеҳрааш гиряолуд шуд, қариб гиря мекард, аммо фақат садои пасте бароварду халос. Дар ошхона кӯдакон ғавғо мекарданд. Онҳо хомӯш шуданд ва бачаҳо пинҳонӣ ба ҳамдигар нигоҳ карданд. Вақте ки аз ҳуҷра садои нолиш баромад, Дора гӯшҳояшро баст. Берта ба назар бепарво менамуд. Вай барои модар шӯрбо омода мекард.

Оромиро Дора вайрон карда гуфт: «Ман наметавонам инро гӯш кунам!»

Берта ба хоҳараш хитоб кард: »Аз модарат шарм намекунӣ?"

«Ман аз одамон шарм намекунам».

Доя омаду хӯрокро кашид.

"Акнун дароед, ҳамааш омода аст".

«Ман намеравам», Дора эътироз кард.

"Ин ҷо биё!" амр кард Берта. "Қошуқ ва чанголро гир".

Доя Дораро аз ошхона ронд.

"Ба модарат хӯрок биёр. Кӯдакон ҳамин тавр таваллуд мешаванд".

Баъд бачагон дар назди кати модар истоданд. Ҳеҷ кас ҷуръати сухан гуфтан надошт. Касе ба касе ба сабаде, ки дар он навзод мехобид, нигоҳ намекард. Танҳо Элзбети шашсола ба он ҷо рафт ва аз кунҷковии кӯдаконаи дар ҳайрат монд.

Берта ба болои сабад хам шуд: «Писар?»

Ҳенриета сар ҷунбонд, хост чизе гӯяд, аммо ҷуръат накард, ки чизеро фаҳмонад. Чашмонашро пӯшонд. Ашкаш ба рӯи болишт рехт.

Доя дар назди сабад истода сар ҷунбонд: "Чаро садо намебарорад? Ман танбеҳаш додам, аммо ӯ гиря намекунад. Кошки ин хаппак бошад".

Ҳенриета ба танҳо гуфт: "Ман ҳоло он қадар пир шудаам ва боз ин..."

«Сиву ҳафт сол дорӣ, ва ин бояд рух диҳад».

«Ман аз кӯдакон шарм дорам».

Доя ғазабнок шуд: "Бас аст. Ҳоло бояд хоб равӣ".

Меҳрубонии зан Ҳенриетаро тасалло дод. Доя катро ба тартиб даровард ва Ҳенриета ба ғаму ғуссаи худ фурӯ рафт. Итоаткорона чашмонашро пӯшонд.

Доя пардаҳоро фуровард". Вақте ки пирамарди шумо аз кор бармегардад, ман ба кӯдакон хабар медиҳам. Ӯ бояд шуморо танҳо гузорад, шумо бояд хоб кунед".

Вақте ки аз долон садо баромад, кӯдакон аллакай хоб рафта буданд.

Берта садо баровард: «Пирамард!»

Вай аз бистар бархост ва пойафзоли худро пӯшид.

Пирамардро дар ошхона вохӯрд, ки ба курсии худ нишаста, пойпӯшашро мекашид. Берта зарфро ба сӯи ӯ тела дода, ба назди оташдон рафт ва шӯрборо ба коса гирифт.

Балке дар сари миз нишаста, хӯрок мехӯрд. Оби шӯрбо аз ришаш ба даруни коса бозмерехт. Берта, ки дар тарафи дигари миз нишаста буд, ки кай пирамард хӯрокхӯриро ба анҷом мерасонад.

Балке ба духтар нигарист: «Модарат куҷост?»

"Дар ҷойгаҳ"

"Ҳа?"

"Хуб. Ҳамин нисфирӯзӣ ба дунё омад.«Балке пичиррос зад: "Чӣ?"

"Писар".

Балке боқимондаи ғизоро ба табақ рехт. Чанд суханаш кифоя буд, ки дарди дилашро дарк кунӣ. Бо муқовимати ботинӣ Берта дар бораи он чизе ки ҳанӯз гуфтан лозим буд, хабар дод: "Мо кати модарро дар меҳмонхона гузоштем. Доя мегӯяд, ки шумо бояд дар ҳуҷра танҳо хоб кунед".

Балке ришашро сила кард, табақҳоро ба ҷояшон гузошт, парешонхотир аз ҷояш хеста, нимтанашро, ки аз шустан хеле фарсуда шуда буд, кашида, остинҳои куртаашро печонда ба назди қубури обрез рафт. Берта аз гаштугузораш дид, ки вай сархуш аст. Дар назди дар истода, ба ӯ бо нафрат менигарист. Дастонаш қаҳваранг, пӯсташ сафеду бемор.

Балке ба рӯяш об кашид.

Берта корҳои заруриро ҳоло анҷом надода буд: "Доя мегӯяд, ки имшаб модар бояд ором хоб кунад".

«Сафсата нагӯ», — хитоб кард Балке.

«Хуб, модар ҳанӯз хеле заиф аст».

Балке дастмолро ҷустуҷӯ карда, ба сари Берта дод мезад: "Ба ҳуҷраат рав!"

Берта аз ошхона гурехта рафт. Ба хонаи хоб рафта, ба ҷойгаҳи худ да-

ромад: "Ӯ боз маст аст". Дар ошхона ғуррише буд. Ҳама гӯш мекарданд.

"Ман дари ҳуҷраи модарро бастаам", иқрор шуд Берта. "Калид дар куҷост?"— пурсид Алфред.

"Пинҳон кардам, ӯ ёфта наметавонад".

"Агар вай ворид шуда натавонад, ҷангҷол мешавад".

Дар ошхона оромӣ ба вуҷуд омад. Бачаҳо гӯш доданд.

"Агар имрӯз ҷангҷол кунад, ба ӯ ҳуҷум мекунам, парвои ҳеҷ чизе надорам", гуфт Алфред.

Пирамард танҳо пас аз чанде аз ошхона баромад. Чароғи хурди керосиниро дар даст дошт, то ба хонааш равад. Дари ҳуҷраро кӯфт. Як бор, ду бор... Ҳенриета бедор буд, сарашро аз болишт бардошт.

Балке ғуррос зад, чун пай бурд, ки дар бастааст: "Ҳей – чаро дарро бастаӣ?"

Аз дарун овози сусти Ҳенриета баромад: "Дар ҳуҷраи дигар хоб кун ва маро ором гузор".

Балке ба дар мушт зад: «Оё ту худро маҳкам кардӣ?»

«Ман худамро маҳкам накардаам».



«Калид дар куҷост? Ҳей, калид дар куҷост?«

Ҳенриета аз тарс  Бертаро даъват кард: "Ба полис муроҷиат кун, ӯ маро мекушад!

Пирамард бо як доду фиғон баргашта, ба ҳуҷраи кӯдакон даромад.

Бертаро бедор кард.

«Полис бар зидди пирамард? – Калид дар куҷост? Худро ба хоби бардурӯғ наандоз!»

"Дур шав аз ман".

"Калид куҷост?"

Берта аз назди маст гурехта, Элзбетро бо худ гирифта ба долон баромад.

Балке ғуррос зад: "Ҳама бар зидди пирмард! Нест бод пирмард! Ба зиндон! Калидро биёр!"

Ба Берта дарафтод. Вай фарёд мезад, ки ёрӣ диҳанд. Садои гиряи ноумедонаи Ҳенриета аз ҳуҷра мебаромад.

Дора ва ду писар пирамардро аз назди Берта кашида бурданд.

Аз тарафи дар садое баромад. Берта ба он тараф рафт. Ҳамсоя бо писараш дар паси дар истода буд.

«Боз ба шумо чӣ шуд?»

Вай аллакай дар долон буд ва бетартибиро идомамедод. Алфред чароғро гирифта буд. Мардҳо дар кашмакаш буданд ва дар рӯи замин ин сӯву он сӯ меғелиданд. Писари ҳамсоя Балкеро ба тарфи худ кашид ва пеш аз он ки ба ӯ бархӯрад, муште ба шикамаш зад, ки маст дамгир шуд.

Берта хиҷил кард. Дора ба падараш нигоҳ кард: "Мурд?"

Садои заифи Ҳенриета аз ҳуҷра баромад: " Берта, дар он ҷо чӣ гап?"

Берта аз тарс даҳонашро бо дасташ баст, калидро гирифту  ба сӯи модараш давид.

Маст муддати кӯтоҳ нафас кашидан натавонист. Ҳоло ӯ ба ҳаракат даромада, ба ҷояш нишаст.

«Ҷавоб хоҳед дод», садо баровард ӯ, «дар назди суд".

"Суд туро ниҳоят дар ҳушёрхона маҳкам мекунад".

«Ман аз пули худам менӯшам».

«Ва оилаат бошад гурусна мемонад».

Балке ба таври ҳайратангез бархост: "Кӣ гурусна мемонад? Кӣ? "Вай

ангуштонашро каҷ карда, ба ҷавон ҳамла кард.

Дора дод зад.

Ҷавон қадаме қафо рафт: “Натарс духтарак”, гуфт ӯ, ”бори аввал нест”. Вай дастонашро ба кисааш гузошта дар пеши Балке истод.

Ҳамсоя байни ҳардуяшон истод: “Ку  ҷавон”.

Аммо ҷавон бас карданӣ набуд: “Агар ин мард фарзандони худро азоб медиҳад, агар вай бо ин рафтораш ҳамаро безобита мекунад...” Ӯ ба марди сархуш муроҷиат кард: “Бирав, ба ҳуҷраат ва дигар ғавғо набардор”.

Ӯро ба пеш тела дод.

Мӯйсафед ба ҷавон мушт зад, аммо ӯ ҳам мушсте зад ба рӯйи марди сархуш. Ғавғо боз авҷ гирифт.

“Бикушед, бикушед!”— дод зад Дораи ёздаҳсола.

Ҷавон Балкеро сахт дошта, ба ҳуҷрааш даровард. Дар даруни ҳуҷра боз каме ғавғо карданд ва сипас оромӣ ҳукмфармо шуд. Ҷавон ба даҳлез баромад: “Имрӯз шумо метавонед осуда бошед”, — гуфт ӯ ба фарзандон.

Аз ҳуҷра садои гиряи кӯдак баромад. Ҳамсоя бо тааҷҷуб нигоҳ кард.

Бо сари хам Алфред омаду дари ҳуҷраро кушод. Ҳамсоя ба дурун нигоҳ кард. Берта гирякунон дар назди болин нишаста, дасти модарро медошт, манзараи даҳшатнок.

«Мебахшед, инро намедонистам».

«Шумо бо ӯ чӣ кор кардед?»

“Парво накунед, хонум Балке”— бо меҳрубонӣ гуфт ҷавон.

«Ман ба ӯ доруи хоб додам, шумо ором хобида метавонад».

Ҳенриета хам шуда, боз ба болишт сар монд: “Худоё...”

Шаб барои оила бори вазнин буд. Кӯдакон дар ниҳоят хоб рафтанд, ҳарчанд ки кӯдакон хоб рафтанд, аммо оромӣ надоштанд.

Ҳенриета бо чашмони хаста дар болини худ дароз кашида буд ва орзуи бо маоши пирмард ду ҳафтаи дигар зиндагӣ карданро мекард. Рӯзе набуд, ки Ҳенриета ин мардро бесаброна интизор нашавад. Рӯзе ки ӯ гум мешуд, Ҳенриета ба сар рӯмоли сиёҳ кашида дар то пайдо карданаш тарабхонаҳо ҷустуҷӯяш мекард. Ӯ ҳамеша дар гӯшае танҳо менишаст. Ӯ рафиқе надошт. Ӯ дар сари миз хам шуда, дастонашро дар ду тарафи ҷом гузошта менишаст. Вақте ки вай дар рӯ ба рӯи ӯ

меистод, сарашро бардошта зуд, пеш аз он ки вай ҳарфе гӯяд, худро сафед мекард: “барои ин тамоми ҳафта кор мекунам ...”

«Метавонӣ то фардо субҳ инҷо бошӣ, аммо дар бораи оилаат низ фикр кун».

«Дар бораи оила фикр кунам?»

Ӯ аз кисаи шимаш ҳамёнро гирифта, тангаҳоро баровара пеши зан партофт.

«Бо ин чанд танга чӣ кор кунам?»

“Чанд танга?” ғур-ғур кард ӯ. Бо дили нохоҳам боз пул баровад.

Ҳенриета шах шуда монд. Ҳенриета чашмонашро пӯшид ва ин тасвирро фаромӯш кард.

Дувоздаҳ фарзандро ба ҷаҳони дӯзахмонанд овард. Шаш нафарашонро аз даст дод. Бо ҳар шаши онҳо ӯ орзуҳои ҷавониашро ба қабристон бурд.

Балке хеле барвақт ба кор баромад ва аввалин касе буд, ки аз хона баромад. Ба вай лозим омад, ки бо қатора ба комбинати газвор равад, ки аз Лайпсиг бист километр дур буд. Ба ҷои Ҳенриета  Берта дар ошхона буд, то қаҳва ва хӯроки рӯзонаашро омода кунад. Вақте ки ӯ ба ошхона даромад, нон бурида истода буд. Чунон либос пӯшида буд, ки ба маймун монандӣ дошт.

Салом надода аз назди Берта гузашт ва ба сӯи дастшӯй рафт. Обро ба рӯйи кабудаш пошид ва пас аз шустан ба сари миз нишаст ва кафшҳояро кашид. Чеҳрааш хоболуд менамуд. Ӯ ба хӯрдан оғоз кард. Дар ин миён Берта ғизои рӯзонаро ба халта ҷой карда, онро рӯи миз гузошт.

Балке бо ғурриш курсиро ба ақиб тела доду халтаро ба китфаш гирифта, ҳеҷ ҳарфе назада, баромада рафт. Берта табақҳоро ҷамъ карда, ба модар хуриш омода кард. Пеш аз он ки онро ба ҳуҷра оварад, овоз баровард: “Алфред, Эрих бароед”.

Ҳама ҳоло хоб буданд, зеро то мактаб вақти зиёде буд.

Берта оромона наҳорӣ карда, дар бораи модар фикр мекард, ки вай ҳанӯз дар хоб аст, аммо Ҳенриета бедор буд, вай чашмонашро кушода, ба шифт менигарист: “Оқибат чӣ мешуда бошад?”

Берта ба назди сабад рафта, бо дастони тифли навзод, ки ҳангоми хобаш ҳаракат намекарданд, бозӣ мекард.

«Дар он ҷо чӣ кор карда истодаӣ?» - пурсид Ҳенриета.

«Ӯро чӣ ном мемонӣ?»— пурсид Берта.

Ҳенриета ҳатто дар бораи ном фикр намекард. Кӯдаки бе ном...

«Чӣ гуна шуд?»

"Артур".

"Чаро Артур?"

"Танҳо ҳамин тавр..."

"Артур", бе таваҷҷуҳ ҷавоб дод Ҳенриета.

Дар ошхона Алфред нону равған мехӯрд. Эрих дар назди дастшӯй истода, худро шуст. Писарон наҳориро оғоз карданд.

Ҳенриета се рӯз дар бистар монд. Дар ин муддат Балке боре ҳам ба диданаш наомада ва то ҳол навзодро низ надида буд. Рӯзи чорум Ҳенриета ба ошхона баргашт. Бегоҳӣ ба фарзандонаш гуфт: — Вақте ки хӯроки бегоҳиро хӯрдед, ба ҳуҷраи худ равед.

Вай мехост, ки бо шавҳараш танҳо бошад.

Аз берун садо баромад. Балке ба ошхона рафт. Бе ягон гап зану фарзандонашро ба эътибор нагирифта, дар гирду атроф ғавғо кард. Халтаро ба болои ҷевон гузошт, кулоҳашро ба мех овехт, болопӯшашаро ба рӯи курсӣ гузошт, нишаст. Ҳенриета шипакҳоро овард ва табақи хӯроки шомро ба рӯи миз дар пешаш гузошт. Ҳарфе нагуфт. Кӯдакон нон мехӯрданд. Онҳо ногаҳон диданд, ки пирамард ба тарафи сабад, ки дар он кӯдаки навзод хобида буд, меравад. Ҳамин тавр ба Ҳенриета нигоҳ карданд, ки дар назди миз банд буд. Вай дағалона гуфт:

«Артур ном хоҳад дошт».

Балке ҷавоб надод. Ӯ ба сари миз нишаста афсӯс хӯрд. Ӯ ба бачаҳо бо чашми адоват нигарист: "Шумо ба чӣ нигоҳ мекунед?

– Оё шумо наметавонед шом ба хайр бигӯед?"

Дора далерона ҷавоб дод: "Ту ҳам ба хайр нагуфтӣ!".

"Бузича, ҳозир ҷазоят медиҳам..."

"Кӯдаконро кордор нашав".

"Ин манам, фаҳмидед?»

Садои наве баланд шуд.

Ҳенриета бо нерӯи қавӣ кӯдаконро аз аз ҷояшон хезонд: "Паноҳ шавед. Зуд".

Вай бачаҳоро ба ошхона фирсонд. Пирамард сарзаниш мекард, табақҳои холиро тела дод: "Артур-чизи нав. Номаш Фридрих мешавад".



“Артур – на дигар”, таъкид кард Ҳенриета. Зарфҳоро ҷамъ кард.

“Ҳоло бидон: минбаъд ман дигар дар онҷо хоб намеравам. Бистари ман дар меҳмонхона мемонад».

Муддате пирамард ба Ҳенриета нигоҳ кард, сипас гуфт: “Ҳеҷ гоҳ...”

Ҳенриета бо қатъият гуфт: “Хомӯш,-хомӯш, мегӯям, кофист!“.

Балке мушти худро ба рӯи миз зад: «Ба ман ҳам».

Ҳенриета бо овози баланд дод зад: «Бас аст, рав ба назди ҳамқадаҳҳоят”.

Фарёди зан нафрати чандинсола ҷамъ кардаашро нисбат ба мард нишон медод.

“Рав ба назди ҳамқадаҳонат”.

Пирамард ба назди ӯ омад, ӯ дод зад: “Ба ман нарас арақхӯр!”

Фарёди модар рамзе буд барои писарон, ки аллакай дар паси дар омода буданд.

«Рафтем!»

Онҳо ба ёрии модар шитофтанд.

Ба ӯ ҳуҷум карданд, ӯ бошад печу тоб хӯрд, вале аз онҳо раҳоӣ наёфт.

Эрих ба болои сари ӯ париду хам шуда, ба гарданаш часпид. Ҳенриета аз даҳшат дод зад. Пирамард писаракро тела дод. Вай ба замин афтода, чусту чолокона аз назди ӯ хазида рафт. Вай худро ба назди модар партофт ва дасту рӯяшро ба китфи ӯ гузошт.

Вазъият дар як дам тағйир ёфт. Балке якбора хомӯш шуд. Ӯ зуд аз ошхона баромада рафт.

Ҳенриета ба рӯи курсӣ нишаст: «Ман дигар тоқат карда наметавонам».

Бачаҳо ӯро иҳота карда, дилбардорӣ карданӣ шуданд.

Вай муддати дароз тоқат кард. Солҳост, ки вай таҳаммул мекард. Вай ба пуле, ки мард медод, ниёз дошт. Фарзандон, ки калонтар мешуданд, аз падар рӯй гардонданд. Онҳо якҷоя зиндагӣ мекарданд, зеро онҳо ба як оила тааллуқ доштанд.

Рӯзе Эрих ба вокзал рафт ва ба модараш нома навишта, ба поезд савор шуду рафт. Ӯ ба хона барнагашт. Ӯ дар ҷаҳон сайругашт кард, лекин сарпаноҳе надошт. Пас аз нопадид шудани Эрих оила пош хӯрд.

Алфред ҳам аз хона баромада рафт. Ӯ духтареро ёфт, ки мехост ба занӣ гирад. Ва чун дар хонаи хусуру хушдомани оянда сарпаноҳ пайдо кард, дигар ба оила  аҳамият надод.

Берта бо дуредгаре, ки одами хуб буд, издивоҷ кард. Аммо ӯ аллакай оиладор буд. Аз вай Берта интизори фарзанд буд. Ҳенриета то ҷудо шудани дуредгар аз зани якумаш ором нашуд ва чун Берта оиладор шуду рафт, Ҳенриета бо Дора, Элзбет ва Артур монд.

Дораи ҳабдаҳсола ба хона кам пул меовард. Вай дар дар меҳмонхона кор мекард ва ба оила ба таври имкон кӯмак мерасонд.

Артур шашсола шуд ва ба мактаб рафт. Ҳенриета ҳатто ба кӯдак сару либос харида натавонист. Аз либосҳои кӯҳна барои ӯ сару либоси мактабӣ омода кард.

Ҳарчанд ки шумораи аъзои оила кам шуда бошад ҳам, Балке боз аз лиҳози иқтисодӣ норозигиро баён мекард: “Се нафари дигар нонхӯр мондааст”, ғуррид ӯ.

Аммо Ҳенриета ҳуқуқҳои худро ҳимоят карда ҳатто ба муштзанӣ низ даст медод. Ҳамёнро аз дасти ӯ кашида гирифта, ҳаққи худро меситонд.

Боз рӯзи маош расид, ва Ҳенриетаро мебоист аз майхона ба майхона шавҳари бадмасташро ҷустуҷӯ кунад.

Вай бо ноумедӣ ба хона баргашт. Дар назди тирезаи ошхона хомӯш менишаст. Асабаш ором нагузошт. Вай дигар чизеро, ки дар дилаш ҷамъ шуда буд, пахш карда натавонист ва он  бо хашму ғазаб аз гулӯяш баромад. Сабадро ба кунҷе партофт ва мушташро маҳкам кард ва ба рӯи миз зад, гӯё ки нафрат дошт нисбати он.

«Модар...»

Ҳенриета ба ақиб гашт.

Дора дар Ошхона. Ҳенриета зуд ба худ омад. "Ту чӣ мехоҳӣ?" - гуфт вай оромона. Ӯ аз кардааш шарм кард.

"Модар...", мехост гӯяд, ки ҳамаашро медонад.

Ҳенриета мӯйашро аз пешонааш ба ақиб партофта, аз ҷо бархост ва духтарашро ба назди дар хонд: "Рав, хоб кун".

«Модарҷон, дигар инхел зиндагӣ кардан намешавад», — илтиҷо кард Дора.

"Хоб рав, мегӯям". Худро базӯр нигоҳ дошта, фармон дод модар ва Дора оромона аз ошхона берун шуд.

Ҳенриета либосро кашид. Ошхона чунон танг ва шаб беохир буд!

Ҳенриета тирезаро кушод. Чун хам шуд, ӯро дид.

Калобида меомад, истод ва мувозинатро нигоҳ дошту ба хона даромад. Ҳенриета дар ошхона буд, вақте ки ӯ ворид шуд. Вай аз наздаш гузашта, кулоҳ ва халтаашро ба рӯи миз гузошт ва мувозинаташро гум карда, ба рӯи курсии худ афтод. Лаҳзае ҳамин тавр нишаст.

Ҳенриета бо нафрат нигоҳ кард. Бадмаст медонист, ки  Ҳенриета барои чӣ ӯро интизор буд. Аз поён ба вай душманона нигарист: «Чаро то ҳол дар ҳуҷраат нестӣ?»

«Пул», паст ва бо тарс садо дод Ҳенриета.

Балке нафаҳмид.

Ҳенриета ба сӯи ӯ рафт, ба китфҳояш часпид ва ба ӯ гуфт: "Пул куҷост?"

Бадмаст дасти ӯро зада дур кард: «Маро ба ҳоли худ гузор".

Сараш ба пеш афтоду хост аз ҷой бархезад. Ҳенриета нагузошташ. Ба кофтани киссаҳояш шурӯъ кард. Ҳамёнро ёфта, гиря кард. Танҳо чанд пул боқӣ монда буд.

«Ту хук - ту хуки бадбахт...» Ҳамёнро ба рӯи ӯ партофт. Аз фарёд задан гулӯяш гирифт. Ба сари шавҳараш мушт заданро оғоз кард, зеро

дигар худро идора карда натавонист. Балке хост ӯро дорад, аммо бо ӯ ба замин афтод.

Фарёди Ҳенриета баланд шуд ва пирамард гулӯяшро дошт.

Артур, ки аз садои ҷангҷол тарсида аз хоб хеста буд, фарёдзанон дар назди дари ҳуҷра бо пойҳои урён меистод ва қалби тифлонааш дар ҳарос буд. Ҳенриета худро аз чанголи шавҳараш озод карда, аз ҷояш бархост.

Ҳенриета дарро кушоду бо ёрии фарзандон пирамардро аз дар берун кард.

Дар хона хомӯшии тӯлонӣ ҳукмфармо шуд. Ҷангу ҷидол дар зинапоя давом ёфт. Балке аз зинапоя ғелида поён шуд. Полис аз патрули шабона, ки дар кӯча буд, садои ҷангҷолро шунида дари хонаро кушода омад. Вай роҳи ҳалли низоъро медонист: “Балке, боз Балке”. Корманди милиса хост ӯро боз ба манзилаш барад. Аммо сокинони хона эътироз карданд: “Ба зиндон баредаш, то ки дар ин ҷо ниҳоят оромӣ ҳукмфармо шавад”.

Полис инсони хуб буд: “Хуб, набошад ӯро ба шӯъбаи полис мебарем, ӯ бояд ҳушёр шавад”.

Ғайричашмдошт Балке оромона худро ба даст гирифта, аз байни сокинони хашмгин баромад.

Аҳли оила дар ошхона ҷамъ шуданд. Ҳеҷ кас ҷуръат накард, ки ҳарфе занад. Ниҳоят кори бад рӯй дод. Ҳенриета шахшуда нишаст ва чеҳраи гиряолуди Артурро ба зонуяш гузошт.

«Ба ман об деҳ, то бинӯшам», — гуфт бепарвоёна. Дора ба модараш як пиёла об дод. Ҳенриета менӯшиду пиёла дар дасташ меларзид.

Ногоҳ Элзбети дувоздаҳсола бо хурсандӣ қарсак зад: “Мо аз ӯ халос шудем, ӯ барнамегардад”. Ҳенриета бо ҷидду ҷаҳд ба ӯ тарафи вай дод зад: “Ором бош!”

Духтар худро ҳимоя кард: «Рост аст охир”.

Аз берун садои занг баромад. Элзбет дод зад: “Мӯйсафед бармегардад, ман аз тиреза меҷаҳам”. Ҳенриета ба сари духтар фарёд зад: “Ту бояд ором бошӣ”. Дора барои кушодани дар рафт.

Корманди милиса ба ошхона даромад. Аз кисаи чакманаш дафтари қайдҳоро гирифт. «Дидам, ки чароғи хонаатон то ҳол рӯшан аст», омаданашро асоснок кард.

«Хуб, боз чӣ шуд?»

«Модарамро зад», — овоз баровард Элзбет.

Ҳенриета бе ҳарфе аз ҷой бархоста, аз дасти Артур гирифт ва Элзбетро дар пеши назари вай зад. "Рафтем, вақти хоб аст". Вай кӯдаконро бо худ бурд.

Вақте ки вай ба ошхона баргашт, корманди милиса аллакай аз Дора маълумоти заруриро барои ҳисобот гирифта буд.

"Акнун шумо шояд фаҳмидед, ки боз бо мо чӣ шуд", гуфт Ҳенриета ва ба сари миз нишаст.

Милиса дафтарчаи қайдро ба киса гузошт. "Шавҳаратон аз зинапоя афтида, сару пояш захмӣ шудааст. Ман бояд далелҳоро қайд кунам".

«Мисли ҳамеша маст буд, ба модарам ҳамла кард. Ин аст далел!»— дағалона гуфт Дора.

-Милиса қоматашро рост кард: "Ҳақиқат ин аст, ки шумо ӯро ин дафъа тамоман рондед".

"Тамоман!", эътироф кард Ҳенриета.

"Яъне..."

"Ҳамин тавр. Ӯ дигар ба хонаи ман намедарояд".

Милиса ришашро молида гуфт: "Қонунҳо мавҷуданд. Шумо ҳақ надоред, ки шавҳаратонро тамоман аз ин хона ронед. Билохир ӯ соҳибхона аст".

Ҳенриета хандид: «Соҳибхона. - Ман бо бачаҳо ба куҷо равам? Оё ман бояд крани газро таъмир кунам?- Дар ин ҷо бачаҳоро таваллуд кардаам, инҷо хонаи онҳост. Ва шумо бошад бо қонунҳо назди ман меоед. Худоё, Шумо милиса нестед? Милиса? Киро Шумо муҳофизат мекунед?«

"Ман қонунҳоеро, ки император қабул кардааст, муҳофизат мекунам". "Чаро император чунин қонунҳоро ҷорӣ кардааст? Оё император маро муҳофизат мекунад? - Вай дар қалъа зиндагӣ мекунад ва дорои муҳофиз мебошад. Ба бадбахтии ман парво надорад".

"Ба хотири шумо ман таҳқири Аълоҳазратро фаромӯш мекунам".

«Оё бояд хомӯш бошам, то касеро таҳқир ё хафа накунам?»

"Барои Шумо беҳтар аст".

Ҳенриета дастонашро ҷунбонд: "Ва он кас дар боло? Ман ҳам ӯро дашном диҳам, чаро аз шавҳарам майзада сохтӣ? Чаро шаш фарзандамро аз марг наҷот надодӣ? Кадом гуноҳро содир кардам? Чаро

император барои шумо чунин қонунҳо мебарорад?»

Муқаррароти хидматӣ иштироки афсарон дар чунин сӯҳбатҳоро манъ кардааст.

«Акнун ба сиёсат ворид нашавед».

"Сиёсат?» Ҳенриета рӯй гардонд. «Ман дар ин бора чизе намефаҳмам».

Балке барнагашт, на пагоҳӣ ва на рӯзҳои дигар.

Як рӯз занги дар садо дод. Ҳенриета дарро кушод. Марде дар рӯ ба рӯи вай истода: "Флюгел", худро муаррифӣ кард.

"Шумо чӣ мехоҳед?"

"Мехоҳам чизҳоро гирам".

"Чӣ  чизҳоро?"

"Чизҳои Фридрихро".

"Пас шумо кистед?"

"Ҳамкасбаш".

Ҳамқадаҳаш, аз сар гузаронд Ҳенриета, зеро касе, ки дар рӯ ба рӯи ӯ меистод, маҳз ба ин монанд буд. "Ва шумо метавонед дар рӯзи равшан аз кор гурезед?"

Ҳенриета ба бача нигарист: "Дар куҷост шавҳари ман?"

"Фридрих ҳоло бо ман зиндагӣ мекунад. Ҷой барои иқомат бояд дошта бошад".

Ҳенриетаро нафрат омад.

"Кучаи Бюлов сездаҳ, дар назди Макс Флюгел, агар хоҳед, ки бо ӯ сӯҳбат кунед".

Ҳенриета гуфт: "Дароед".

Флюгел ворид шуд ва кулоҳашро бардошт. "Ин ҷо интизор шавед".

Ҳенриета ҳамқадаҳи шавҳарашро дар даҳлез гузошт ва ҳисси аҷала ӯро фаро гирифт. Вай натавонист зуд либосҳоро ҷамъоварӣ кунад.

Ҳамаашро баред!-ҳатто табақ, ки аз он мехӯрд, корд, чангак, қошуқ ва косаеро, ки аз ӯ менӯшид, дод: "Ана".

Дасташро ба пешонааш гузошт.

"Ҳамааш дар инҷост?"- пурсид Флюгел.

"Ҳамааш",- шодмонӣ кард Ҳенриета.

Флюгел кулоҳашро дуруст карда, борро ба тахтапушташ гирифт.

"Вазнин-а?", Ҳенриета хушбахт шуд.

“Дар поён аробаи дастӣ дорам”, гуфта, Флюгел ва баромад рафт.

Ҳенриета аз пасаш тамошо карда, баъд дарро баст. Вай ба он такя карда, чуқур нафас кашид. Ӯ барнагашт —Худоё. Ӯ барнагашт...

Аз ин ба баъд чӣ кор кардан лозим?

Қариб аз шодӣ ба хандидан шурӯъ карда буд. Сабукиро ҳис кард. Орзуҳои ҷавонӣ. — Оё боз ҷавон мешавад? - Аммо нақшаҳо барбод рафтанд...

Рӯз тира метобид.

Ҳоло чӣ?

Пирамард танҳо чизҳои асосиро таъмин мекард, аммо дигар намекунад.

Ташвишҳои кӯҳна ва нав ба сари ӯ меомаданд. Аммо ӯ худро аз даст надод. Ҳамон шитобе, ки навакак ӯро фаро гирифта буд, баргашт.

Вай давида ба меҳмонхона даромад ва кати дар ин ҷо гузошташударо бардошт, то онро ба ҷои пешинааш баргардонад. Бо азоб кӯрпаи вазнинро бардошта бурд. Артур дигар дар утоқи ӯ хоб мекунад ва духтарон дар онҷо мемонанд.

Маблағи намерасида бояд ҷуброн шавад.

Аз деҳаи назди шаҳр деҳқоне ҳамроҳи Лотте бо ароба ба Лайпсиг меомад ва дар ба дар гашта, шир мефурӯхт.

Вақте ки Лотте ҳанӯз ҷавон ва оташин буд, ҳамчун аспи девсират дар қатор мерафт. Вай қадами парадро мисли дигар аспҳо иҷро мекард.

Холо бошад оромона ба деҳқон Мюлнер хизмат мекунад. Боэҳтиётона ва доноёна аробаро мекашид ва медонист, ки дар назди кадом дар бояд таваққуф кард.

Деҳқон харидорони доимӣ дошт ва якеашон Ҳенриета буд. Вақте ки деҳқон ба ӯ пешниҳод кард, ки кӯмакаш кунад, ӯ фавран розӣ шуд. Деҳқон ба ӯ маблағи ночиз қарз дод, то ӯ ароба харад. Дар соати муайяни саҳар Ҳенриета бо он ба назди аробаи деҳқон рафт ва деҳқон ба ӯ як миқдори калон шир дод. Ҳенриета ширро ба кӯзаҳои хурдтар рехта, онро ба мизоҷон мерасонд. Элзбет ва Артур бояд то саршавии мактаб ба вай ёрӣ мерасонданд.

Даромад кам буд. То нисфирӯзӣ Ҳенрита боло ва поён мерафт.

Агар то ин замон ӯ дар ғаму ғусса ғӯтида буд, ҳоло бошад рӯз ба рӯз шод мешуд, зиндагиаш беҳтар мегардид. Хушбахтии дербоз аз даст

додаашро боз пайдо кард. Пай бурд, ки инсон ҳеч гоҳ худро гум карда наметавонад ва кашф кард, ки тавоноиву далерӣ ва қувваи худро аз даст надодааст.

Доираи харидоронаш аз коргар то қозиро дар бар мегирифт.

Хонаи коргарон кӯҳнаву фарсуда буданд.

Дар ин ҷо камбағалони одилрафтор ва ашхоси шаробӣ зиндагӣ мекарданд. Дар ин ҷо кӯдакон дар рӯзҳои борониву офтобӣ бозӣ мекарданд. Дар ин ҷо занҳо дар назди хона меистоданду ғайбат мекарданд. Дар ин ҷо майзадагон бегоҳӣ ҷавмъ меомаданд. Дар ин ҷо зинапояҳо садо мебароварданд. Дар ин ҷо дари хонаҳо садо мебаровард: «Хомӯш, лаънат бод! Оё бача боз маст шуд?»

Мисли сад сол пеш, вақте ки Балке, ки бо мурури замон майнӯш шуд, ба хона омада буд. Аммо азбаски зиндагии Ҳенриета дигар мисли сад сол пеш набуд, вай ҳаётро дар оинаи қаҳваранг медид. Олами хурд, аммо равшан. Як зиддияти аҷиб байни ин ҷаҳони кӯчак ва зиндагии кунунии ӯ пайдо шуд, ки нав ва тамоман дигар менамуд. Вай ҳайрон шуд: Магар ҷаҳон ба он гунае, ки сад сол пеш буд, ҳамон тавр дигар наменамояд¬ ва тағйир додани ҳаёти ман чӣ гуна мебошад? Чаро? равон фикр мекард вай дар кӯчаи Арбайтерштрассе. Дар баробари кӯчаи Арбайтерштрассе ба Кайзер-Вилҳелмштрассе буд. Бо дарахти зайтун ва растанӣ оро дода шуда. Дар ин ҷо хонаҳо боҳашамат буданд. Онҳо тирезаҳои васеъ ва пешдолонҳои барҳаво доштанд. Ба болои дарҳо тахтача бо навиштаҷот овезон буд: "Даромадгоҳ барои ҷанобон".–Ба талбандагон ва савдогарон даромадан қатъиян манъ аст". Дар бари даромадгоҳи асосӣ дари хурде буд бо навиштаҷот: "Даромадгоҳ барои хизматчиён ва таъминкунандагон". Ҳенриета бояд аз ин дар медаромад. Духтарони хизматрасон Фрида, Минна, Айда ном доштанд. Баъзеҳо низ буданд, ки бо номашон зебо ба монанди Роза ё Мария буд. "Субҳ ба хайр хонум Фрида".

«Субҳ ба хайр хонум Балке. Садои кӯзаро набароред, ҷанобон ҳанӯз дар хобанд».

«Ман хеле ором хоҳам буд, хонум Фрида».

Ва оромона Ҳенриета тавассути дари хурд баргашт.

Ва ин ҳамон шире буд, ки Ҳенриета дар ду олами аз ҳамдигар хеле дур ва аммо ба ҳам наздик тақсим мекард. Одамони ин ду олам ме-

тавонистанд аз тирезаҳо ба ҳамдигар нигаранд, яъне сокинони кӯчаи Арбайтерштрассе ва Кайзер-Вилҳелмштрассе. Аммо касе аз тиреза ба дигараш наменигарист. Чаро?

Вақте ки ширро тамом мефурӯхт, Ҳенриета кӯзаҳоро оварда ба аробаи деҳқон, ки нишаста саҳархӯрӣ мекард, мегузошт. "Бо ман нишинед, хонум Балке".

Мюлнер пораи ҳасибро бурид: "Ана, хонум Балке".

«Ташаккур  ҷаноби Мюлнер».

«Ростӣ, ҳардуи мо сазовори он ҳастем».

Ҳенриета бо иштиҳо ҳасибро мехӯрд.

Деҳқон Мюлнер одами осоишта ва ботартиб буд. Баъди ба охир расидани кор сӯҳбат карданро дӯст медошт. Вақте ки ӯ дар посух ба саволи худ дар бораи фарзандони Ҳенриета фаҳмид, ки Артур ҳоло таъмид нагирифтааст, хурсанд шуд. Мюлнер Ҳенриетаро мехост бовар кунонад, ки боз таъмид кунад. Вай ба сектаи баптистҳо шомил буд.

"Баптистҳо"–ҳайрон шуд Ҳенриета, "Чизҳое ҳаст. Ман дигар ба Худо бовар надорам, барои ҳамин писарам таъмид нашудааст".

Деҳқон бо ташвишу изтироб сар ҷунбонд: "Бо калисо ман ҳам коре надорам. Аммо инсон бе Худо зиндагӣ карда наметавонад. Ин хуб нест. Таъмид нанамудани кӯдак гуноҳ аст. Танҳо шахси аз ҷиҳати ақл баркамол роҳи Худоро пайдо мекунад. Аммо ҳоли Шумо чӣ мешавад, агар бар зидди ӯ қарор қабул кунед?"

«Ман умуман зидди ӯ нестам».

«Аммо шумо ба Худо бовар намекунед».

"Барои ҳамин ҳам ман наметавонам на муқобилаш на барояш қарор қабул кунад. Ӯ намехоҳад нисбати зани камбағал хашм кунад".

"Худо баду некро медонад".

"Вай набояд ин корро кунад".

"Аммо, хонум Балке. Дунё барои неку бад офарида шудааст"

"Чӣ хуб асту чӣ бад? – Аз лаҳзае ки шири шуморо ба мардум меорам, дар ин бора фикр мекунам".

«Шири ман ба он чӣ дахл дорад?».

"Ба куҷое ки шир меорам, як литр бисту чор пфенниг арзиш дорад".

«Ҳаа» - гуфт деҳқон » ин аст нархаш. Оё ин нарх баланд аст?»

«Хеле баланд, хеле паст? - Маъзуратон чӣ?»

Саволи Ҳенриета деҳқонро ноҳинҷол кард, ӯ китф дарҳам кашид: “Ӯ одил аст”.

“Ҳар кас бисту чор пфенниг барои як литр медиҳад. Коргар, ки дар як ҳафта чордаҳ марка мегирад ва Фрида хизматгори қозӣ, ки дар ҳафта... хайр, ин хел одам дар як ҳафта чӣ қадар маош мегирад?”

Мюлнер боз ҳам бештар хиҷолат кашид ва боз китф дарҳам кард: “Бешубҳа бештар аз чордаҳ марка”.

Бо табассуми меҳрубонона Ҳенриета хомӯш шуд, зеро намехост, ки марди некро озор диҳад. “Худои азизи ту мардумро баробар офарид”.

“Чӣ маънӣ дорад ин суханон? Ҳама одамон дар назди Худо баробаранд. Шумо набояд ин қадар беандеша гап занед».

“Ман ин коро пештар анҷом дода будам. Ҳозир пеш аз сухан гуфтан фикр мекунам. Пештар дар ин бора умуман фикр намекардам ман боварӣ доштам, ки ҷаҳон танҳо як тараф дорад. Аммо он паҳлӯҳои зиёд доштааст. Бояд чашмонро кушод”.



Сӯҳбат барои деҳқон торафт душвор гардид.

"Агар чашми шумо ҳамеша ба дорою нодоро дӯхта бошад, пас чӣ гуна Худоро хоҳед ёфт? Ман он чиро ки мекорам, ҳамонро меғундорам. Ин ҳама чизест, ки ман карда метавонам. Офтобу борон ба ман аҳамият надоранд.

Ҳенриета дастонашро ба рӯяш гузошт. Нафрати кӯҳна нисбати шавҳараш, ки ӯро азоб медод дошт, боз дар ӯ пайдо шуд. Вай бӯи нафаси турши ӯро фаҳмид ва боз шармаш омад, ки ношукрӣ мекунад. Он чизе ки Худо якҷоя кардааст, набояд одамро аз ҳам ҷудо кунад. – Ва ҳар боре, ки баданаш варам мекард, бори сад баробар зиёдро мекашид. –Дастонашро поён кард. «Оё ин бояд аз ҷониби Худо бошад? — Не, ҷаноби Мюлнер. Не, не, не!»

Сарфи назар аз тафовутҳояшон, ҳарду дӯст боқӣ монданд. Фақат онҳо аз чунин сӯҳбатҳо дар оянда даст кашиданд, зеро онҳо аз боз ба умқи чунин андешаҳо шармгин шуданд. Онҳо бо якдигар наздиктар шинос шуданд ва ин барояшон кофӣ буд.

Боз шумораи аъзоёни боқимондаи оила кам шуд. Дора дар як меҳмонхонаи санаторию курортӣ дар ҷазираи Силт ҷой гирифт. Ҳенриета ҷиддан зид буд, ки ҷавони ҳабдаҳсола ба ҷойҳои хатарноку бегона равад. Дора гуфт: — Ман ба ту пул мефиристам, — модарашро тасаллӣ дода, ҷомадонашро баста, роҳи мошинро пеш гирифт.

Ҳенриета ба ҳамаи фарзандонаш муҳаббатеро, ки ҳамчун модар ба онҳо бояд изҳор мекард, изҳор карда буд, аммо ба таври одилона не. Ин як муҳаббати самимӣ буд. Кӯдакон ҷанг карда, боз оштӣ мешуданд.

Аммо азбаски вай дар зиндагиро аз саҳифаи нав оғоз кард ва бо Элзбету Артур танҳо монда буд, дилаш озодтар метапид, аз нав нашъунамо мекард, боз дилхун шуд, ки ҳеҷ гоҳ ба қадри кофӣ нисбати фарзандон муҳаббат дошт. Акнун барои ин вақт надоштааст.

Ҳенриета бо Артури шашсола азоб намекашид.

Вақте ки ӯ саҳар бедораш кард, аз бистар хеста, норозигӣ баён кард, зеро маҷбур буд, ки як соат пеш аз оғози дарс ба модараш кӯмак кунад.

Элзбет бошад, танбал, девона ва гарданкаш буд. Ҳенриета маҷбур буд бештари вақт ӯро бо зӯрӣ аз ҷойи хоб барорад. Меҳраш нисбати духтар рӯякӣ буд. Нисбати Артур бошад рӯз то рӯз меафзуд.

"Камон месозӣ?"

Артур сар ҷунбонд.

"Набошад чӣ?"

Артур ҷавоб надод, гурехт ва бо як қуттии сигор ва сим бозгашт. Дар ошхона чизе месохт.

"Ту чӣ месозӣ?"

Ҳенриета тамошо мекард, ки дастони моҳири бачаи шашсола чизеро якҷоя мекарданд?

Артур фаҳмонд: «Муаллими суруд ғиҷҷак менавозад»

«Оё он ғиҷҷак аст?»

"Бубин чи хел зебо садо мебарорад".

Чанд рӯз давом кард, ки писарбача тавонист аз қуттии сигор ғиҷҷаки ҳаюло созад. Вақте ки ӯ корро анҷом дод ва Артур ба он камонча сим баст ва навохт, садои гӯшхарош аз он баромад.Ҳенриета мехост хандад, вале ба ҳайрат афтод ва дарҳол ҳис кард, ки таҳқир мешавад. Ба Артур гуфт: "Аз муаллими суруд пурс, ки чӣ тавр ин корро анҷом додан мумкин аст".

**Давом дорад...**

**Аз олмонӣ тарҷумаи**
**Бабаева Ҳадиса –**
**донишҷӯи соли панҷуми факултети**
**забонҳои романӣ-германӣ**

# АЗИЗ НЕСИН



# ДЕВОНАЕ БАР БОМ

Ҳамаи аҳли маҳалла ба ҷунбуҷӯш афтоданд:

– Як девонае рафта рӯи бом!

Саросари кӯча аз ҷамъияте, ки барои тамошо омада буданд, пур шуда буд. Аввал аз калонтарҳои маҳал утумубилҳои пулис расид. Баъд ҳам билофосила мошинҳо ва маъмурҳои отанишонӣ бо он нардбонҳои дарозашон.

Модари бадбахташ аз пойин илтимос мекард:

– Азизҷонам, писаракам! Биё пойин, қурбонат шавам. Биё пойин, қурбони қадат бигардам! Ва девона аз болои бом ҷавоб дод:

– Агар маро ришсафеди маҳал бикунед, ки хуб, вагарна худамро парт мекунам пойин!

Маъмури оташнишонӣ тури наҷотро во карда буданд, ки агар девона худашро парт кунад, бигирандаш...як дастаи нӯҳнафарӣ гӯшаҳои туреро нигаҳ дошта буданд. Девона ҳай медавид ин тарафи бому ҳай медавид он тарафи бом ва маъмурони бечора ҳам ба дунболаш...бадбахтҳо аз пас ин тарафу он тараф давида буданд, араҷ аз ҳафт бандашон роҳ афтода буд. Раиси калонтарӣ бо лаҳне ниматаҳдидомез ва нимамеҳрубонӣ

саъй мекард девонаро розӣ кунад, ки аз хари шайтон биёяд пойин!

– Маро ришсафеди маҳал бикунед то биёям...вагарна худаму мeандозам пойин.

Таҳдид, таҳбиб, илтимос, хоҳиш...ҳеч кадом таъсире накард.

– Бародарҷон! Биё пойин...биё...биё биравем қадам бизанем!

–Хеле хуб, ҳоло, ки зиёд исрор дорӣ қадам бизанем, ту биё боло, чаро ман биёям пойин?

Яке аз миёни ҷамъият гуфт:

– Бигӯем ришсафеди маҳаллаат кардаем то биёяд пойин.

Яке дигар бод ба гулӯ андохт, ки:

– Худоё! Яъне воқеан бояд ин девонаи занҷириро ришсафеди маҳалла кард?

Пирамарде, ки ба асои худ такя дода буд, гуфт:

– Чӣ ришсафедаш бикунед, чӣ накунед, инро, ки ман мебинам пойин омаданӣ нест!

– Ҳоло шояд бишавад бо як роҳе пойинаш овард.

– На хайр. Ман инро хуб мешиносам: як бор, ки фурсате ба даст овардан ва савор шудан пайдо кард, дигар пойинбиё нестанд.

– Ҳоло бигзоред ин дафъа пойинаш биёрем...

– Агар метавонед пойинаш биёред ин гӯю ин майдон!

Яке аз он наздикӣ фарёд зад:

– Биё пойин, бобо! Ту ришсафеди маҳалла шудӣ!

Биё пойин!

Ва девонае, ки инро шунид, лаби бом шурӯъ кард ба рақсидан ва бишкан задан ва гуфт:

– Баҳ! Пойин тамом, ки ҳеч, агар узви анҷумани шаҳрам накунед, худамро аз ун боло меяндозам пойин.

Пирамард нигоҳи пирӯзмандонае ба атрофаш кард ва гуфт:

– Шунидед? Нагуфтам вақте савор шуд дигар пиёда бишав нест?

– Хуб, дигар. Пас беҳтар ҳар чӣ мегӯяд бикунем.

–Пойин намиёяд...Инсон дар зиндагияш фақат як бор по медиҳад, ки биравад боло, аммо вақте, ки боло рафт дигар...

Калонтар ҳарфи пирамардро бурид ва ба тарафи девона фарёд кашид:

– Интихобат кардем бобо. Узви анҷумани шаҳрат кардем. Дигар биё пойин. Ин қадар ҳамшаҳриёнро чашминтизор нагузор!

Девона дубора бино кард бишкан задан ва рақсидан. Дар айни ҳол мехонд, ки:

Намиём, ҳой, намиём, ох намиём, вох намиём

То шаҳрдорам накунен фикр накунен пойин биём...

Пирамард гуфт:

– Нагуфтам? Дидед? Шумоҳо бояд ба мавқеаш иқдом мекардед, ҳоло дигар кор аз кор гузашта. Дигар ҳоло агар пойин биёд девона нест, хар аст!

Сарҷуха (дараҷаи низомӣ) оташнишонӣ, ки саропо хиси арақ шуда буд ва нафас-нафас мезад, гуфт:

– Ҳоло агар бигӯем шаҳрдор шудӣ чӣ мешавад масалан? Хуб, бигзор бигӯем шаҳрдор шуда.

Он вақт дастҳояшро дар тарафи даҳанаш ва фарёд зад:

– Биё пойин ҷаноби шаҳрдор! Биё шурӯъ ба анҷоми вазифа кун!

Девона бори дигар шурӯъ кард ба чархондани шикаму камар ва гуфт:

–Ман биём қотии одамҳое шавам, ки як девонаро шаҳрдор карданд...Пойин намеоям, ки намеоям!

–Чӣ мехоҳӣ дигар?

– Намояндагии маҷлис!

Ва ҷамоат пас аз мушовара ва табодили назари кӯтоҳе якеро водоштанд дод бизанад:

– Хеле хуб, шудӣ намоянда. Ҳоло дигар биё пойин. Бибин! Ҳама мунтазарат ҳастанд.

Девона дасти росташро гузошт рӯи нуки димоғаш шурӯъ кард ба адо даровардан:

– Ғайримумкин аст! Биёям қотии шумоҳое шавам, ки як девонаро ба намояндагии маҷлисатон интихоб мекунед?

– Ҳой, бародар! Гуфти намоянда, мо ҳам кардем. Аз ун гузашта намояндаҳои дигар мунтазират ҳастанд, мехоҳанд ҷаласаро ташкил бидиҳанд.

– Магӯянд борон меоёд. Биёям пойин, ки бигиред бибаредам тимористон? На хайр...тамом.

•

-
-

Пирмарда, пас аз муддате, ки сокит буд дубора ба ҳарф омад ва гуфт:

– Бехуд ба худатон заҳмат надиҳед. Ин девонаҳоро ман мешиносам. Худи шумоҳоро ҳам агар ба намояндагӣ интихоб бикунанд дигар ҳозир намешавед пойин биёед!

Девона мураттибан фарёд мезад:

– Устондор, устондор...агар устондорам бикунед, меоям пойин. Агар на, ҳоло худамро меяндозам пойин:

– Як...ду...

Ҷамъият нагузоштанд ба се бирасад ва фарёд заданд:

– Кардем, кардем...устондорат кардем...наяндоз, наяндоз!

Девона дубора шурӯъ кард ба рақсидан ва фир додан ва гуфт:

– Вазир...вазир...вазирам кунед то наяндозам, агар на ҳоло худаму меяндозам пойин!

Явош-явош ҳарфи пирамард рост дармеомад. Ин буд, ки иддае давраро гирифтанд ва гуфтанд:

– Чӣ мефармоед? Яъне вазираш бикунем?



Пирамард гуфт:

– Дигар кор аз кор гузашта...Ҳоло дигар...ҳар чӣ мегӯяд иҷро бикунед.

Ҷамоъат фарёд кашид:

– Вазират кардем, вазират кардем, худатро наяндоз, наяндоз!

– Меандозам.

– Дига чаро? Магар вазират накардем?

– Ҳа-ҳа-ҳа! Бояд нахуствазир кунед то биём вагарна худаму парт мекунам.

Ҷамъият даври пирамардро гирифта буданд саволпечаш мекарданд?

– Чӣ кор хоҳад кард?

– Яъне худашро меандозад?

Пирамард гуфт:

– Маълум аст, ки меандозад.

Ҷамъият гуфтанд:

– Эй вой, накунад худашро баяндозад! Ва баъд бо ҳавлу ҳарос ба тарафи девона фарёд заданд:

– Бобо, хеле хуб, нахуствазират кардем. Ҳоло дига биё пойин!

Девона забонашро барои халқи аллоҳ даровард ва гуфт:

– Охир нахуствазире мисли ман миёни ахмаққое мисли шумо чӣ кор дорад, ки биёяд пойин?

– Ҳар орзуе, ки дорӣ бигӯ анҷом бидем, аммо худатро наяндоз пойин.

Девона лаби бом дароз кашид, сарашро ҷилӯ овард ва пурсид:

– Ҳоло яъне ман нахуствазирам?

Ҷамъият яксадо фарёд кард:

– Оре, бобо, нахуствазирӣ!

– Хеле хуб. Пас ҳоло, ки нахуствазирам ҳар вақт ирода кунам пойин меёям ба шумоҳо чӣ марбут аст? Агар хостам меоям, нахостам намеоям.

Калонтар, ки сахт асабонӣ шуда буд, гуфт:

– Моро даст андохта. Аслан бигузоред ҳар ғалате мекунад бикунад, ҷаҳаннам, ки худашро андохт, як девона камтар!

Аммо баъд ангор бо худаш ҳисоб кард ва дид, ки мумкин аст ин мавзӯъ барояш дарди саре эҷод кунад, чун рӯ кард ба сарҷуха оташнишонӣ ва аз ӯ пурсид:

– Ҳоло чӣ кор бояд бикунем, Яъне ба ҳеч василае намешад ин девонаро овард пойин? Пас шумоҳо барои чӣ омадед?

Сарҷуха оташнишонӣ ҳам, ки пок даромада буд ҳамин саволро аз пирамард кард:

– Яъне мешавад? Чӣ тавр мешавад?

– Бале, кӣ мешад? Чаро ки нашавад?

– Чӣ тавр?

– Ҳоло агар бигузоред ман пойинаш меорам.

Ҷамъият ақиб рафт ва чашмҳо бо бесабрӣ ба пирамард дӯхта шуд, ки девонаро чӣ тавр пойин хоҳад овард.

Пирамард рӯ кард ба девона, ки ҳамон тавр болои боми иморати ҳафттабақа  машғули рақсидан буд, фарёд зад:

– Оё олиҷаноби нахуствазир ирода нафармуданд, ки ба табақаи шашум суъуд бифармоянд?

Девона, ки инро шунид бо лаҳне ҷиддӣ гуфт:

– Бисёр олӣ! Бисёр олӣ! Ирода фармудем!

Ва он вақт дохили даричаи бом шуд, аз пиллаҳо пойин омад ва аз панҷараи яке аз утоққои табақаи шашум сар берун кард ва ба тамошои ҷамъият пардохт.

Пирамард гуфт:

– Ҳашматпаноҳо! Оё барои боздиди табақаи панҷум суъуд нахоҳед фармуд?

– Чаро, чаро...суъуд мефармоем!

Ва ба ҳамин тартиб чанд дақиқа баъд девона ба табақаи саввум суъ-уд кард. Ҳоло дигар аз он ҳаракоти рӯйи бом, яъне чархидану атвори дигар даст бардошта буд ва ҳолате чиддӣ дар чеҳрааш дида мешуд.

Пирамард гуфт:

– Эй нахуствазири бузургвори мо! Оё ба табақаи дуввум суъуд нахоҳед фармуд?

– Бале, бале, ба хости шумо чунин кунам!

Ва ба табақаи дуввум омад.

– Оё барои суъуд ба табақаи аввал ирода нахоҳанд фармуд?

•

•

•

Саранҷом, девона дар миёни ҳилҳила ва фарёдҳои шодмонаи ҷамоат тамошочӣ аз иморати берун омад, рафт тарафи калонтар, дастҳояшро ҷилӯ овард ва гуфт:

– Биё, додош, дастбандҳоятро ба дастам бизан ва маро бифирист девонахона...ба назарам ҳоло дигар ёд гирифта бошӣ бо девонаҳо чӣ тавр бархӯрд кунӣ!

Вақте, ки девонаро бурданд, ҷамоат бо шуру иштиёқ пирамардро давра карданд. Пирамард бо ҳасрат нигоҳе ба иморат ва нигоҳе ба ҷамъият андохт, баъд саре ба таассуф такон дод ва гуфт:

–Ман чиҳил сол умрамро дар сиёсат гузарондаам ва мӯҳои сарамро дар кори сиёсат сафед кардаам...

Он вақт оҳе кашид ва гуфт:

– Афсӯс, ки дигар қуввае ту зонуҳом нест. Вагарна манам мерафтам ба боло ва ...ун вақт медидед боло рафтан яъне чӣ...агар ман боло мерафтам касе қодир набуд маро биёрад пойин.

**Тарҷумаи Аҳмади Шомлу.**

**Таҳияи Қурбонзода Насимбек**

# КӮТОҲТАРИН ШОҲКОРҲОИ АДАБӢ

Баъзе адибон тавони онро доранд ки оламеро дар чанд вожа ғунҷо-нанд.

1. Рӯзе Ҳемингуэ шарт баст ки ҳикояе иборат аз шаш калима хоҳад навист ки ҳар хонандаро муассир бикунад.

Шартро бурид:

"Барои фурӯш, попӯши бачагона, истифода нашуда".

2. Фредерик Броун кӯтоҳтарин қиссаи тарснокро навишта:

"Охирин одами рӯи Замин дар хона нишаста буд. Ногаҳ дарро кӯф-танд".

3. Ҳенрӣ барандаи озмуни кӯтоҳтарин достон гашт ки дар он суннати насрнависии қадимӣ, оғоз, авҷ, анҷом бояд риоя мешуд:

"Ронанда сигорашро рӯшан карду хам шуд то бибинад ки дар бак чӣ қадр бензин монда. Бечора ҳамагӣ бисту се сол дошт".

4. Дар озмуни кӯтоҳтарин зиндагинома миёни фаронсавиҳо, зане бо ин ҳикояи кӯтоҳ баранда шуд:

"Пештар сурати соф доштаму пероҳани бо чину шикан, ҳоло баръ-акс".

**Наврӯз Салоҳиддин-**
**донишҷӯи ДДОТ**

# ОХИРИН КАЛИМОТИ НАВИСАНДАГОНИ РУС ПЕШ АЗ МАРГ

«Бароям нардбон биёваред».

**Николай Гогол**

«Дӯстат доштам ва як бор ҳам ба ту хиёнат накардам, ҳатто дар фикрам».

**Фёдор Достоевский дар номае ба ҳамсараш**

«Ман ошиқи ҳақиқатам».

**Лев Толстой**

«Ман ба ин аҳмақ шиллик намекунам».

**Михаил Лермонтов**

«Чӣ шиканҷа аст, ки одам натавонад калимаи муносиб барои афкораш наёбад».

**Фёдор Иванович Тютчев**

«Ин туӣ, аҳмақ?»

**Михаил Салтиков хитоб ба марг**

«Русия маро хӯрд, мисли хуке, ки бачаашро мехӯрад».

**Александр Блок**

«Мемирам. Хеле вақт аст, ки шомпун нахӯрдаам».

**Антон Чехов**

«Парвонае дар ҳоли парвоз аст».

**Владимир Набоков**

**Аз форсӣ баргардони**
**Қурбонзода Насимбек**

# С. Михалков

## НОН

Ду-се наврас ба раҳ футбол мекард,
Валекин пораи нон тӯбашон буд.
Чунон бо шавқ меронданд, гӯё,
Ки дар он сӯ ҳарифи хубашон буд.

Набуд он пораи нони харида,
Ки онро ёфтанд аз пушти хона.
Касе аз рӯйи раҳ нонро набардошт,
Ҳама машғули бозӣ хуррамона.

Расид аз роҳ марди ношиносе,
Биистоду нигаҳ кард ӯ ба сад дард.
Надода эътиборе кӯдаконро,
Бишуд хам, бурдаи нон бар каф овард.

Зи чангу хок нонро кард ӯ пок,
Ба риққат омаду бар чашм молид.
Ҳама диданд, ки чун бо муҳаббат,
Зи рӯи нон ба чӣ меҳре бибӯсид.

Бипурсиданд: "Кӣ ҳастӣ ту, бобо?"
Бикарда бозии худро фаромӯш.
Бигуфто мард: "Марде нонвоям"
Ба роҳаш рафт нон дар даст, хомӯш.

Ҳамин як ҳарф худ бас буд аз он мард,
Ки бӯйи нони гарм омад зи ҷое.
Замину осмон пеши назарҳо,
Бишуд пур аз саракҳои тилоӣ.

**Тарҷумаи**
**Нусратулло Бобоев**

# Симини БЕҲБАҲОНӢ



# Ҳушанг Ибтиҳоҷ СОЯ

Наздик ба чиҳил сол (на, хеле бештар) аз нахустин дидорам бо Соя мегузарад. Ангор, ки хоб мебинам. Ҳарчи менависам, чандон дақиқ нест, меҳолуд аст. Аммо реша дар воқеият дорад, аз пушти ғубори

замону замона пайдост.

Соли 26 ё 27 аст. Бо духтаре аз хонаводаҳои асили Рашт дӯстӣ дорам. Дар мадрасаи Момоӣ бо ӯ ҳамклос (ҳамсинф) будам. Он қадар бо ӯ ягона ва меҳрубон ҳастем, ки ба гуфтан дарнамеояд. Ӯ дар кори гирифтани диплуми Момоист. Аммо ман ду сол пештар аз мадраса ихроҷ шудаам ва дар ҳамон ҳангом шавҳар кардаам, то достони мадраса ва ихроҷро ба фаромӯшӣ бисупорам.

Ихроҷам ба сабаби бархӯрдест, ки бо дуктур Ҷаҳоншоҳи Солеҳ, раиси мадраса доштам. Ба ман силӣ зад ва аз ман силӣ хӯрд. Устоду шогирд дастугиребон шудем. Нораво зад! Мехост тақсирро ба гардани касе биандозад ва маро интихоб кард. Ниме аз чашму суратам нилӣ шуд. Баъд ҳам ҳизби «Тӯда» ва рӯзномаҳои тӯдаӣ ва ғайритӯдаӣ масъаларо матраҳ карданд. Навиштанду навиштанд ва достони рӯз шуд. Митингҳои хиёбонӣ ба роҳ афтод ва кор чандон боло гирифт, ки мавқеияти се вазири тӯдаӣ дар кобинаи «Қавом» ба хатар афтод. Ва ҷанҷол ба иқтизои авзоъ фурӯ нишаст ё фурӯ нишондандаш!

Бигзарем. Қасдам гуфтани инҳо набуд. Пеш омад. Ба унвони муътариза бипазиред. Доштам аз соли 26 ва 27 мегуфтам. Ҳамклос ва дӯсти меҳрубони ман Меҳрии Озарсимо, ки ҳоло равонаш ба абадият пайвастааст, пас аз он ки аз мадраса ихроҷ шудам, маро раҳо накард. Як рӯз чанд шеър аз шоире бароям овард ва хонд. Гуфт: «Исмаш Ҳушанги Ибтиҳоҷ аст. Соя тахаллус мекунад. Хеле бошууру аҳли мутолиа ва барозанда аст. Бист сол бештар надорад». Он замон ману Меҳрӣ ҳам бист сол бештар надоштем. Шеърҳои Ҳамидӣ, Нимо, Таваллулӣ, Рашиди Ёсамӣ, Раҳии Муайярӣ ва бештар аз ҳама Шаҳриёр ва чандин тани дигарро, ки саршинос буданд, мехондем. Аммо ин ки миёни ҳамсинну солҳои худамон шоире арзанда пайдо шавад, бароямон муғтанам буд.

Меҳрӣ мегуфт: «Ҳамаи хонаводаҳои Рашт, махсусан духтарҳо, Сояро дӯст доранд. Аммо ӯ ба ҳеч духтар эътиное намекунад, ҷуз яке, ки исмаш Парвин аст. Як китоб шеър барояш сурудааст».

Ин шоири ҷавони гелонӣ, ки ин қадар дар миёни духтарҳои Рашт маҳбуб буд, хеле зуд дар миёни ҳамаи адабшиносон ва шеърдӯстони кишвар шуҳрате ба ҳам зад. Ёдам меояд, ки дуктур Маҳдии Ҳамидӣ дар муқаддимае, ки барои китоби ӯ навишта буд, зимни ташвиқи шоири ҷавон иборате ҳам навишта буд, ки мазмунаш чунин буд: Шеъри ман

наргиси Шероз аст ва шеъри Соя наргиси Гелон. Наргисҳои Шероз хушатранд, наргисҳои Шероз мумкин аст шодобтар бошанд, аммо ҳаргиз атри наргисҳои Шерозро надоранд!

Ин даъвои Ҳамидӣ (равонаш шод бод!) номунтазир набуд. Ӯ ба ҳеч шеъре аз гузашта ё ҳол ба андозаи шеъри худаш ишқ намеварзид ва шояд «норсисм»-и ӯ дар муқоисаи шеъраш бо наргис намудори ин ҳолат бошад.

Вақте ман сархӯрда аз мадраса ба хонаи шавҳарам омадам, аз анҷумане, ки дар хонаи модарам ва ҳамсараш ташкил мешуд, бехабар мондам. Ману ҳамсарам ба фикр афтодем, ки дар хонаи худамон анҷумане барпо кунем ва исмашро «Анҷумани адабиёти нав» бигузорем. Дар хиёбони Фахробод манзил доштем. Ҳаёте буд ва ҳавзе пур аз об ва боғчаҳое пур аз атласӣ ва мино ва шабҳои тобистон. Чанде нагузашт, ки шоирони ҷавон ва донишҷӯёни донишкадаи адабиёт, ки дар он ҳангом то хонаи мо фосилаи зиёде надошт, аз анҷуман истиқбол карданд. Дуктур Муҳаммадамини Раёҳӣ ва дуктур Бостонии Порезӣчашмва, ки он ҳангом донишҷӯйи риштаи дуктурӣ буданд, ғолибан бо шеърҳошон ба маҷлис равнақ медоданд. Ҳар шаби ҷумъа як устод, масалан, Алиасғари Ҳикмат, дуктур Машоихи Фаридунӣ, дуктур Вораста (номи кӯчаки ӯ ҳоло ёдам нест), дуктур Исои Сипаҳбадӣ, Муҳаммади Ҳиҷозӣ ва ҳар ки дастамон ба доманаш мерасид, бароямон суханронӣ мекард. Зеҳнам ёрӣ намекунад, ки ҳамаро ба хотир биёварам. Ёди ҳамаашон бахайр!

Зимистонҳо дар толори дорулфунун ҷамъ мешудем, гоҳе ҳам дар толори донишҷӯёни донишкадаи адабиёт. Дар яке аз ҳамин ҷаласот Соя аз Рашт ба Теҳрон омада буд. Худро муаррифӣ кард. Хушсимо буд ва борикандом ва сиёҳчашм ва шармрӯву наҷиб. Аз ӯ хостем шеъре бихонад ва хонд ва мавриди таваҷҷуҳ воқеъ шуд. Ин оғози ошноии ман бо ӯ буд.

Соли бисту ҳашт аст. Аз Соя ғазалҳое бар забонҳо мегузарад ва аз ҳама бештар ин ғазал:

Нашавад фоши касе он чи миёни ману туст,
То ишороти назар номарасони ману туст.
Гӯш кун, бо лаби хомӯш сухан мегӯям,
Посухам гӯ ба нигоҳе, ки забони ману туст.

Рӯзгоре шуду кас марди раҳи ишқ надид,
Ҳолиё чашми ҷаҳоне нигарони ману туст.
Гарчи дар хилвати рози дили мо кас нарасид,
Ҳама ҷо замзамаи ишқи ниҳони ману туст.
Гӯ, баҳори дилу ҷон бошу хазон бош, арна
Эй басо боғу баҳорон, ки хазони ману туст.
Ин ҳама қиссаи фирдавсу таманнои биҳишт
Гуфтугӯеву хаёле зи ҷаҳони ману туст.
Нақши мо, гӯ, нанигоранд ба дебочаи ақл,
Ҳар куҷо номаи ишқ аст, нишони ману туст.
Соя, з-оташкадаи мост фурӯғи маҳу меҳр,
Ваҳ аз ин оташи равшан, ки ба ҷони ману туст.

Хонум Дилкаш онро дар мояи «сегоҳ» хондааст ва баъзе дигар хонандагон ҳам. Ва инсофан ғазалест тамомиёр.



Соли сӣ ӯро дар хиёбон мебинам. Бо Шаҳрошӯби Амиршоҳӣ барои харид омадаанд. Салому алайке мекунем. Аз анҷумани адабиёти нав мепурсад. Мегӯям: «Таътилаш кардаем». Ҳоло дигар ба анҷуманҳои сиёсӣ  рӯй овардаам. Ӯ низ ҳамин тавр. Неруҳоямонро дар роҳҳои дигар масраф мекунем. Ҳавои ҷаҳони нав ба сар дорем, ки адабиёти нав худ ҷузъе аз он ҷаҳон аст. Худоҳофизӣ мекунам.

Чанде баъд дар хонаи Саид Нафисӣ ҷамъ шудаем. Хонаи кӯчакест дар хиёбони Ҳидоят. Мехоҳанд ба ононе, ки беҳтарин шеърро барои сулҳ сурудаанд, ҷоиза бидиҳанд. Нимо ҳам ҳузур дорад. Ҷоизаҳоро ҳам овардаанд: ҳар кадом як ситораи тилоист, ки рӯйи рӯбонии обиранг насб шудааст. Ахавону Соя ва Касроӣ ва Гӯё Осимӣ баранда мешаванд. Ва ман дар гӯшае буғзи худро фурӯ мехӯрам.

Нимо ба Нафисӣ мегӯяд: «Намоишнома, ки надорем. Касе нанавиштааст. Ҷоизаи онро ба шеър бидиҳем!» Нафисӣ  истиқбол мекунад ва як ҷоизаи ситораи тилоӣ ҳам ба ман медиҳанд ва сигирмаам  боз мешавад ва механдам.

Ахавон, ки ба конфронси сулҳи Прог нарафт. Сояро нафаҳмидам бо ҷоизааш чи кард.

Соли сиву ду дастнавиштаи шеъри «Эъдоми равзанбаргҳо»-ро яке аз дӯстон ба ман медиҳад:

Хабар кӯтоҳ буд

Эъдомашон карданд...

Шеър даст ба дасту даҳон ба даҳон мегардад. Аксари озодихоҳон ва равшанфикрон ин шеърро хондаанд.

Дар ин ҳангом Соя муддатест, ки дар қолаби нимоӣ шеър мегӯяд, аммо ғазалро аз ёд набурдааст.

Ҷавонон рӯзҳои ғамангезеро мегузаронанд: сукут, хафақон, таътили матбуоти озодандеш, муҳокимоти пай дар пай, маҳкумияти Мусаддиқ ва ёронаш, зиндонӣ шудани бешуморе аз аҳли қалам ва ҳунармандон, аз ҷумла Ахавон ва Касроӣ ва Самини Боғчабон ва садҳо тан аз вобастагон ба аҳзоб ва аз ҳама муҳимтар, пӯшолӣ  будани ормоне, ки солиёни дароз фаъолтарин ҳамватанони моро маҷзуби фиреби худ карда буд ва мӯҷиби дилсардиву ноумедӣ шуда буд.

Дар чунин ҳангомест, ки дастнавиштаи маснавии «Баҳори ғаман-

гез»-и Соя боз даст ба даст мегардад ва чанде баъд дар яке аз матбуот мунташир мешавад:

Баҳор омад, гулу насрин наёвард,
Насиме бӯи фарвардин наёвард.
Парасту омаду аз гул хабар нест,
Чаро гул бо парасту ҳамсафар нест?
Чӣ афтод ин гулистонро, чӣ афтод?
Ки ойини баҳорон рафта аз ёд...

Ва дар поёни маснавӣ шоир орзу мекунад, ки баҳори оянда:

Ба Наврӯзи дигар, ҳангоми дидор
Ба ойини дигар ояд падидор...

Ду-се моҳ баъд аз ин фарвардин ва ин «Баҳори ғамангез» боз ғазале аз Соя дар вазне бадеъ (фоилот, фоилоту фоилот) даст ба даст мегардад:

То ту бо манӣ, замона бо ман аст,
Бахту коми ҷовидона бо ман аст.
Ту баҳори дилкашиву ман чу боғ,
Шӯру шавқи сад ҷавона бо ман аст...

Вазни ин ғазал, бо ин ки собиқа дорад, пеш аз Соя барои фурми хоси ғазал ба кор нарафтааст.

Чанде баъд ин рубоиро барои шаҳодати Муртазои Кайвон менависад:

Эй оташи афсурдаи афрӯхтанӣ,
Эй ганҷи ҳадаргаштаи андӯхтанӣ,
Мо ишқу вафоро зи ту омӯхтаем,
Эй зиндагиву марги ту омӯхтанӣ,

ки албатта ниҳонӣ дар гӯшҳо замзама мешуд. Шояд «Ҳафтумин ахтари ин субҳи сиёҳ»-ро низ барои яке аз тирборонҳои дастҷамъӣ суруда бошад.

Соя, мисли худи ман, бо ғазал шурӯъ карда ва баъд ба шеъри нимоӣ рӯй овардааст, бе он ки даст аз ғазал бздорад. Имрӯзи шеваи кори ӯ бештар ғазал аст, ки дар он ба камол расида.

Ангор, ҳамин дирӯз буд, ки ҷавонҳо дар маҳофили худ мехонданд:

«Дер аст, Голиё!»
...
Ин фарши ҳафтранг, ки помоли рақси туст...»

Соя ғолибан дар шеърҳои нимоии худ ишқи шахсӣ ва хусусиро бо як ҳадафи иҷтимоӣ талфиқ мекунад ва аз шиорӣ будани он мекоҳад.

«Бӯса» намунаи хубе барои ин гуна ашъори ӯст. Дар ин шеър зимни ишороте ба авзои замона ва муқовиматҳову талошҳо шоир аз маъшуқ мепурсад, ки «хуштарин лабханд чист?» ва маъшуқ ба посух мегӯяд:

...лабханде, ки ишқи сарбаланд
Вақти мурдан бар лаби мардон нишонд.

Солҳо дар пайи ҳам мегузаранд. Гоҳ Сояро дар маҳфиле мебинам. Бисёр камҳарф ва ором шудааст. Издивоҷ кардааст. Ҳамсараш Олбо, духтари зарифу матин ва мабодии одоб аст. Кӯдаконе доранд. Дуруст намедонам чандто ва чандсола ҳастанд. Ҳар гоҳ ӯро мебинам, ба ёди ин гуфтаи Саъдӣ меафтам: «То кӯдакон баровардам, кӯдакӣ накардам».

Оғози даҳаи чиҳил аст. Шабе бо Фаридуни Мушири ва чанд тани дигар дар маҳфиле ҳастем. Фаридун мегӯяд, ғазале тоза аз Соя ба дастам расидааст ва мехонад:

Шаб омаду дили тангам ҳавои хона гирифт,
Дубора гиряи бетоқатам баҳона гирифт.
Шикеби дарди хамӯшонаам дубора шикаст,
Дубора хирмани хокистарам забона гирифт.
Нишоти замзама зорӣ шуду ба шеър нишаст,
Садои ханда фиғон гашту дар тарона гирифт.
Зиҳӣ писанди камондори фитна, к-аз буни тир
Нигоҳ карду ду чашми маро нишона гирифт...

Ба ин ҷо, ки мерасад, ишора мекунад, ки Соя ин шеърро ҳангоме навиштааст, ки барои чашми писараш Кайвон оризаи сахт пеш омадааст ва ӯро барои муолиҷа ба хориҷ аз кишвар бурдааст. Ва баъд бо ҳамон ҳоли ҳамешагии худ, ки аз хондани шеъри хуб лаззат мебарад ва саховатмандона мехоҳад дигаронро дар ин лаззат саҳим кунад, мегӯяд: Бубинед! Диққат кунед: Зиҳи, писанди камондори фитна... ва баъд мегӯяд: таҷассуми тире, ки раҳо шуда ва ба чашми фарзанд нишастааст, фарзанде, ки худ ду чашми Соя аст, чи танзи талхе дорад: Зиҳӣ, писанди камондори фитна...! Авҷи дард аст. Ва боз мехонад:

Умеди офиятам буд, рӯзгор нахост,
Қарори айшу амон доштам, замона гирифт...

Ва ман мебинам, ки чеҳра ва доманам аз ашк хис (тар) аст ва алъон

ҳам, ки ин сатрҳоро менависам, ҳамин тавр...

Солҳо баъд... Шояд соли панҷоҳ аст. Дар утоқи шӯрои мусиқии родиё бо Соя ва Муширӣ ва Маҳмуди Тафаззулӣ нишастаем ва аз ҳар даре сухан пеш мекашем. Ишора ба ҳамон ғазалаш мекунам. Мегӯяд: «Намедонӣ, дар чи ҳоле онро навиштам. Шаб буду хона дилгир ва ғурбати ваҳшатнок  ва занам обистан ва писаракам гирифтори мусибати чашм. Аз хона берун задам, ки ба хонаи дӯстам биравам барои машварате. Якбора дидам ғазалеро, ки замзама кардаам дар тӯли хиёбон ва зери ҳамон борон ба поён расондаам:

Дили гирифтаи ман ҳамчу абри боронӣ
Кушоише магар аз гиряи шабона гирифт.

Муддате бо Соя дар родиё ҳамкор будам, дар канори Нодирпур, Ядуллоҳи Руъёӣ ва Бежани Ҷалолӣ. Соя сарпарасти шӯрои шеъру мусиқӣ буд ва ман узви шӯрои шеъру тарона. Ӯ аз ҳуқуқ ва мазоёи ширкати симон даст кашида буд ва ба сабаби алоқааш ба мусиқии асили эронӣ масъулияти шӯрои мусиқиро бо дастмузди ночиз пазируфта буд.

Воқеан соатҳо ва рӯзҳо вақт сарф мешуд, то таронае бенақс таҳия ва пахш шавад, яъне оҳангаш, танзимаш, шеъраш, садои хонандааш, талаффузи дурусти вожаҳояш ва саранҷом ҳамнавоӣ ва иҷрояш дар ҳадди камол бошад.

Чи қадар барои мубориза бо таронаҳои мубтазал ва бозорӣ дар ҳамин шӯрои шеъру мусиқӣ талош мекардем ва чи мақолоте ин ҷову он ҷо менавиштем. Аммо сафҳафурӯшон ва таҳиякунандагони наворҳои бозорӣ ҳам даст аз тавтиа барнамедоштанд.

Ба ҳар сурат, ба назари ман, Соя дар таҳзиби мусиқии эронӣ то он ҷо, ки дар ихтиёри ӯ будааст, сахми чашмгире дорад ва ин хидмате дар канори кори шоирии ӯ будааст. Муҳаммадризо Шаҷариён, хонандаи арзишманди ин рӯзгор, гузашта аз истеъдоди зотӣ ва эҳтимому кӯшиши фаровонаш барои кашфу омӯзиш, гумон мекунам, то ҳадди чашмгире низ вомдори роҳнамоиҳои Соя бошад. Ҳамин яке ду сол пеш ду ғазал аз Соя дар яке аз матбуот хондам, ки ҳарду бо забоне ширин ва тағаззулӣ дарбаргирандаи тавсияҳо ва андарзҳое ба ду Муҳаммадризо (Шаҷариён ва Лутфӣ) буд.

Мусиқӣ дар канори шеър дилгармии зиндагии Соя аст. Духтараш Ялдо ва домодаш Маҷиди Дурахшонӣ ҳар як мусиқидон ва навозан-



даи ҳунарманд ҳастанд. Яке ду сол пеш, ки дар Олмон будам, Ялдо аз ман хост, ки ба Килин биравам ва дар анҷумани мусиқии эронӣ, ки ба ҳиммати ӯ ва ҳамсараш ташкил мешавад, барномае дошта бошам ва гуфт, ки мехоҳам вақте бошад, ки «бобо» аз Ландан омада бошад ва дар ин шаб ҳузур дошта бошад.

Беҳтар аз ин намешуд. Муддатҳо буд, ки Сояро надида будам. Қавлу қарор гузоштем. Дар Килин бо Соя ва Олбо дар рестуроне моҳӣ хӯрдем ва ёди моҳии сафед ва моҳии озоди Эрон афтодем, ки дар дунё камназиранд.

Соя дигар он Сояи ҷавон набуд. Риши сафеде дошт то пари шолаш, агарчи шол набаста буд. Чашмҳои сиёҳаш ба «гудӣ» нишаста буд ва чеҳрааш виқори шасту чандсолагиро пазиро шуда буд. Бо ин ҳама рӯзе, ки тоза аз зиндон раҳо шуда ва ба хонаи мо омада буд, аз ин ҷавонтар менамуд ва ришаш кӯтоҳтар буду торҳои сафедаш бештар.

Шаб ба солуни анҷумани мусиқӣ рафтам. Маҷид ва Ялдо ва ҳунармандони дигар барномае иҷро карданд ва баъд ман шеърҳоямро хондам. Аз Соя хостам, ки ӯ ҳам шеър бихонад. Нахонд ва гуфт имшаб шаби ихтисосии туст.

Дилгармӣ ва иштиғоли дигари Соя дар зиндагӣ ошиқӣ бо Ҳофиз аст. Тардид надорам, ки Ҳофиз нахустин устоди шеъри Соя будааст.

Ман бо шеваи тасҳеҳи девонҳо ошноӣ надорам. Ин қадар ҳаст, ки солҳо бо Ҳофизи аллома Қазвинӣ хӯ кардаам. Чанд девони Ҳофизи дигар ба тасҳеҳи Фарзод ва Пажмон ва Анҷавӣ ва Ҷалоливу Хонларӣ дорам, ки гаҳ-гоҳ ба сабабе аз асбоб ба онҳо муроҷиа мекунам ва ахиран Ҳофиз ба саъйи Сояро дорам, ки медонам ҳосили чиҳилу чанд соли кори мудовим ва ошиқонаи ӯст.

Бисёр касон дар тӯли таърих баъд аз Ҳофиз хостаанд ғазалҳое бисароянд, ки ҳамарҷ ва ҳамшеваи ғазали Ҳофиз бошад ва натавонистаанд. Яъне агар ҳам яке ду ғазал аз ин даст арза карда бошанд, ба ҳисоби нудрат ва иттифоқ аст, на ба ҳисоби мумкин ва маъмул. Аммо вақте ғазалҳои Соя бе имзо хонда шавад, шунаванда бояд тамоми ғазалҳои Ҳофизро дар пеши чашм ва дар зеҳн дошта бошад, то битавонад ҳукм кунад, ки он чи мешунавад, аз Ҳофиз нест.

Шаҳриёр, аз ғазалсароёни бузурги мо, ки худро шогирди Ҳофиз медонист, шева дигар кард ва бо пардохтан ба масоили малмуси зиндагӣ ва истифода аз таъбироти маъмул ва забони содаву оммаписанд хусусияти дигаргуна ба ғазали худ бахшид.

Амирии Фирӯзкӯҳӣ, ғазалсарои хуби муосир низ бо суд ҷустан аз борикандешиҳои сабки ҳиндӣ ва шайънигориҳои он ва талфиқи отифӣ ва мазмун ғазали худро дар марзи миёни сабки ҳиндӣ ва сабки ироқӣ мустақар кард.

Раҳии Муайярӣ низ бо таъбироти зебоишинохтӣ ва қофияву радифҳои хушоҳанг ғазали маҳфилӣ ва шӯрангез ба адабиёт тақдим кард.

Соя аммо то марзи ҳамзамонӣ ба Ҳофиз наздик шуд ва то ин ҳад наздик шудан ба шеъре аз гузаштагон бо ҳифзи хусусиёт ва рӯйдодҳои замона корест, ки ман медонам то чи андоза мушкил аст ва мусталзими тавонест дар ҳадди тавони Соя.

**Аз китоби**
**«Ёди баъзе нафарот», таҳияи Толиби Луқмон**



# Спужмай ЗАРЁБ

# КИТОБФУРӮШИ ДЕВОНА

Се кӯча ва як майдон буд дар ин майдон китобҳо бисёре буд. Дуконҳои қассобӣ, нонвоӣ, ширинифурӯшӣ, давофурӯшӣ ва яке китобфурӯшӣ. Субҳҳо одамҳо аз ин се кӯча мебаромаданд, майдоне бузургро тай менамуданд ва мерафтанд пушти корашон. Шомҳо сейли (гурӯҳ) ҳамин одамҳо бо чашмони дарунрафташон, бо лабони маҳкам ба ҳам часбидаашон боз мегаштанд аз майдони бузург мегузаштанд, дар се кӯча тақсим мешуданд ва баъд нопадид мешуданд ҳамаи ин одамҳо бо чашмони дарунрафташон пеши пояшонро медиданд, мисли ин ки ҷои дигарро дида наметавонистанд. Лабҳояшон ҳамеша ба ҳам часбида буд, лабханд ёд надоштанд. Наздикҳои шом дами дуконҳо пурҷамъияттар мешуд ва одамҳо бастаҳои бузург ва кӯчак зери бағал мегирифтанд, пеши пояшонро медиданд ва мерафтанд дар се кӯча нопадид мешуданд. Аммо ҳеч кас дами дукони китобфурӯшӣ намеистод. Нигоҳҳои китобфурӯш аз субҳ то шом аз пушти панҷара ҷамъиятро, одамҳоро мековид... Аз ӯ ҳама ҳисоб мебурданд. Марди қавибунияе буд, устухонҳои дурушт-дурушт дошт, шонаҳояш паҳн буд, бозуҳояш мӯҳкам-мӯҳкам менамуд.

Вақте шом мешуд, китобфурӯш соаташро медид, устувор рӯи ҷояш менишаст, ҷамъиятро бо нигоҳаш мековид, ба одамҳое, ки бо чашмони дарунрафтаашон пеши пояшонро медиданд, медид ва садо мезад:

– Аммо

Ҳамаи ононе, ки аз наздикии дуконаш мегузаштанд, такон мехӯрданд, боло медиданд, китобфурӯш бо ангушт сӯи яке онон ишора мекард ва мегуфт:

– Биё.

Мард наздик мешуд, китобфурӯш китобе аз қафасаи китобҳо берун мекард ва ба мард мегуфт:

– Ин китобро бихар.

Агар муштарӣ китобро мегирифт ва пулашро рӯи тоқча мегузошт, ки ҳеч... аммо агар мегуфт:

– Не

Китобфурӯш банди дасташро мегирифт ва дар байни панҷаҳояш он қадар мефишурд то муштарӣ аз дард ба худ печад ва бо дасти дигараш пул дароварад ва рӯи тоқча бигзорад. Он вақт дасташро раҳо мекард. Муштарӣ китобро мегирифт ва мерафт. Ҳама ононе, ки ин тавр китоб мехариданд ва дар он се кӯча нопадид мешуданд, вақте дар охирҳои кӯча мерасиданд, ин сӯ-он сӯ медиданд, лойи китобҳоро боз мекарданд, ба калимоти чопӣ ва сиёҳранг, ки канори якдигар чорзону зада буданд, медиданд, китобро дар лойи панҷаҳошон мефишурданд, пора мекарданд, мучола (жиҷим) мекарданд ва бо тамоми тавоноияшон дураш меандохтанд. Баъд бо чашмони дарунрафтаашон дубора пеши поҳояшонро медиданд ва хунсарду ором пеш мерафтанд.

Субҳҳо боз одамҳо аз се кӯча намудор мешуданд, аз майдоне бузург мегаштанд ва мерафтанд пушти корашон, нигоҳҳои китобфурӯш дунболи муштарии дирузинаш ҷамъиятро мековид. Вақте ӯро меёфт баланд садо мекард:

– Оқо.

Муштарӣ меистод. Китобфурӯш бо ангушташ ишора мекард ва мегуфт:

– Биё!

Муштарӣ бо тарс пеш мерафт. Китобфурӯш мепурсид:

– Китобро хондӣ?

Муштарӣ ҷавоб медод:

... Ҳон

Китобфурӯш боз мепурсид:

– Хубаш буд?

Муштарӣ ҷавоб медод:

– ...Ҳон, махсусан ҳамон одам ҷолиб буд. Ҳамон одами лоғар, китобфурӯш сарашро ором такон медод ва мегуфт:

Ҳон, ҷолиб аст. Ҳама чиз ҷолиб аст.

***

Мегӯянд вақте шабҳо новақт мешуд, шаҳр бе ҷамъият мешуд, китобфурӯш чароғашро мегирифт ва ҳар се кӯчаро яке баъди дигар то охир тай мекард, аз ин ҷо ва он ҷо мучолаҳои китобҳояшро меёфт, дар доманаш меандохт ва меомад ба дуконаш. Ҳама китобҳои мучолашуда ва порашударо рӯи миз тӯда мекард, пушти миз менишаст, мӯҳояшро чанг мезад ва мекашид, ӯҳу-ӯҳу мегирист. Ашкҳояш аз канори чашмонаш меғалтид аз ду тарафи биниаш мелӯлиданд рӯи миз, канори китобҳои порашуда ва мучолашуда. Ба китобҳо медид ва гиряолуд мегуфт:

– Шуморо куштанд...шуморо куштанд, ӯҳу-ӯҳу, шуморо куштанд, чашмони ашколудашро бо пушти дасташ пок мекард, аз ҷояш бармехост, пулҳояшро мешумурд, дар сандуқ мегузошт, китобҳои мучолашуда ва порашударо дар сандуқи дигар мегузошт. Баъд аз пушти китобҳо оинаи бузургеро дармеовард, канори чароғ мегузошт. Худаш рӯбарӯи оина менишаст ва худашро шаклакҳое месохт, қиёфаҳое ба худ мегирифт, ду канори даҳонашро гоҳе пас мебурд ва гоҳе пеш меовард, гоҳе ҳам ду ангушташро дар ду канори даҳонаш фурӯ мебурд, ду кунҷи лабонашро сӯи гӯшҳояш мекашид, дандонҳояш сапед-сапед маълум мешуданд, баъд сарашро ба оина наздик мекард, шақиқаҳояшро дар оина медид, лойи мӯҳояш торҳои сапед ин ҷову он ҷо медурахшид, сарашро ба оина наздиктар мекард, торҳои сапеди мӯяшро яке-яке меканд ва канори миз мегузошт. Оинаро дубора дар махфигоҳаш мегузошт, бозмегаш ба тӯдаи кӯчаки мӯҳои сапед медид, тударо, дар кафи даст мегузошт ва бо ғиз (асабоният) пуф мекард ва ҳар тор ба ҳар гӯша нопадид мешуд.

Субҳҳо боз муштарии дирӯзиашро пайдо мекард ва мепурсид:

– Оқо, китобро хондӣ?

Муштарӣ ҷавоб медод:

– ...ҳон

Китобфурӯш боз мепурсид:

– Хубаш буд?

Муштарӣ ҷавоб медод:

– ...Ҳон, махсусан ҳамон одами лоғар ҷолиб буд.

Китобфурӯш сарашро такон медод ва мегуфт:

– Ҳон, ҷолиб аст, ҷолиб аст, ҳама чиз ҷолиб аст.

Мегуфтанд ин китобфурӯш як рӯз девона шуда нимашаб китобҳояшро гирифта ва аз шаҳраш фирор карда ва омада он ҷо дуконе боз карда ва аз ҳамон вақт танҳои танҳост.

Як рӯз ман дами дуконаш истодам бо тааҷҷуб дар ман нигарист, чашмонашро бузург ва кӯчак кард ва бо нобоварӣ гуфт:

– Ту китоб мехонӣ?

Гуфтам:

– Ҳо.

Аз ҷояш бархост, сӯи қафасаи китобҳо рафт, ман сарамро пеш бурдам, бо диққат ва кунҷковӣ даруни дуконашро дидам, бисёр муназзам буд, ҳама деворҳо пур аз қафасаҳо буд ва қафасаҳо пур аз китобҳо. Китобҳои бузург, китобҳои кӯчак. Зери яке аз қафасаҳо тасвире овехта шуда буд, давродаври тасвир бо диққат бурида шуда буд, тасви-



ри музҳике буд. Мавҷуде шабеҳи инсон чаҳорзону нишаста буд ду дасташро рӯи ду зону гирифта буд, гӯшҳояш бузург-бузург буд, мисли ду ҳалқаи бузург. Гарданашро як тараф каҷ карда буд даҳонаш то бехи гӯшаш боз буд, забонашро берун оварда буд, мисли ин ки қаҳқаҳа механдид чашмонаш гирди гирд буд. Тасвир ранги сабз дошт. Китобфурӯш торе дар гардани он андохта буд ва онро ҳалқовез карда буд.

Тасвир ҳамеша ҳамонтавр чорзону зада дар ҳаво дар эҳтизоз буд. Болои қафаса тасвири дигаре буд қоб шуда, тасвири марди миёнасол буд, ки пешонии бузургу чеҳраи устухонӣ дошт, чашмонаш дурҳоро медид, лабҳояш ба ҳам часбида буд, рост нишаста буд мисли он ки аз солҳои сол ҳамон тавр хушк шуда буд. Дуртар рӯи яке аз қафасаҳо муҷассамаи сангии сапеде буд, танҳо сари як мард. Мард мӯҳои дарози пуршикан дошт, мӯҳояш то рӯи шонаҳояш афтода буд, чашмони муҷассамаи рӯбарӯяшро медид, лабҳояш мӯҳкам ба ҳам часбида буд, китобфурӯш китоберо рӯи тоқча гузошт, пулашро гузоштам, китобро гирифтам, роҳи яке аз он се кӯчаро гирифтам ва рафтам. Вақте дар охирҳои кӯча расидам намедонам чаро ман ҳам лойи китобро боз кардам, ба калимоти чопӣ ва сиёҳранг, ки канори якдигар чорзону зада буданд дидам, баъд ман ҳам китобро пора кардам, мучола кардам ва бо тамоми қудратам дур андохтам ва аз дур шакли номуназзами китоби мучолашударо дидам, роҳамро гирифтам,пеши поямро дидам ва рафтам.

Баъд аз он ҳамеша аз бероҳаҳо рафтуомад мекардам, аз наздики дӯкони китобфурӯшӣ намегузаштам, намехостам аз ман бипурсад, ки китобро хондаам ё нахондаам...

* * *

Солҳо гузашт. Дигар дар мӯҳои ман ҳам тори сапед ин ҷову он ҷо барқ мезад...аммо субҳҳо одамҳо аз ҳамон се кӯча мебаромаданд, аз майдони бузург менигаристанд ва мегузаштанд ва мерафтанд пушти корашон...чашмонашон ҳамонтавр дарунрафта ва чуқур буд, лабҳояшон рӯи ҳам часбида буд, лабханд мезаданд. Шомҳо боз аз майдоне мегузаштанд ва дар се кӯча нопадид мешуданд.

Ва нигоҳҳои китобфурӯш ҳам аз пагоҳ то бегоҳ ҷамъияти одамҳоро мековид ва наздикҳои шом одамеро садо мезад ва ӯро водор ба харидани китобе мекард...Одамҳо ҳам дар охири кӯчаҳо китобҳоро

пора ва мучола мекарданд ва боз ҳам нимашабҳо китобфурӯш чароғ ба даст ҳар се кӯчаро то охир мепаймуд, китобҳои порашудаашро дар доманаш ҷамъ мекард, меомад рӯи мизи дуконаш мегузошт ва ӯҳу-ӯҳу мегирист.

Як рӯз баъд солҳо ман ҳам дар байни ҷамъияти одамҳои белабханд гум шуда будам. Пеши поямро медидам ва хаёлам меомад чашмонам дарун рафта ва чуқур аст лабонам маҳкам ба ҳам часбида буд. Як бор шунидам касе садо зад:

– Бош!

Истодам, нигоҳамро аз замин ором-ором баланд кардам, ду пойи собиту мӯҳкам камари борик, ки ба тарафи боло аризтар мешуд... шонаҳои паҳн, гандани кулуфт, лабҳои сиёҳранг, баъд нигоҳам дар чашмонаш нишаст, шинохтамаш, китобфурӯши девона буд. Мӯҳояш сиёҳ буд, бо худ гуфтам, ҳатман шаби пештар торҳои сапеди мӯҳояшро яке-яке канда. Даври чашмонаш чинҳое афтода буд, канори лабҳояш ҳам, пурсид:

– Китоб хондӣ?

Ёдам омад, ки солҳо пеш ман ҳам китобро нохонда дар охири кӯча пора ва мучола карда будам ва бо тамоми қудратам дураш андохта будамаш. Ёдам омад, ки шояд китобфурӯш пораҳои китобашро як нимаи шаб дар охирҳои он кӯча ёфта бошад. Гуфтам:

– Не.

Сарашро хам кард ва дубора ба суръат баланд кард ва шармзада гуфт:

– Медонам...ҳама чизро медонам, аммо бигӯ, ҳон, хондам хубаш буд, бигӯ...бигӯ.

Ман билотаклиф монда будам, намедонистам чӣ кор кунам. Сокит будам мисли ин ки лабонам ба ҳам дӯхта шуда буд. Якбор ба шиддат банди дастамро гирифт, бо ангушташ, баъд дастамро фишурд, дарди зиёдтар дар банди дастам эҳсос кардам. Хаёлам омад устухони данди дастам шикаста. Гуфт:

– Аз паси ман такрор кун!

– Такрор мекунам.

Шармзада ба ман дида гуфт:

– Бигӯ китобро хондаам.

Аз пушташ такрор кардам.

– Китобро хондам.

Боз гуфт:

– Хубаш буд, ҷолиб буд.

Ва боз такрор кардам:

– ...хубаш буд, ҷолиб буд.

Дастамро раҳо кард, сарашро такон доду гуфт:

– Ҳон...ҷолиб аст, ҷолиб аст.

Банди дастам дард мекард, аз китобфурӯши девона тарсида будам. Боз банди дастамро дар байни ангуштонаш мӯҳкам гирифт ва шармзада гуфт:

– Бо ман биё.

Дигар чизе нагуфт. Канораш роҳ рафтам. Роҳпаймоии дарозе буд. Аз кӯчаҳои ношиносе мегузаштам. Одамҳо аз панҷараҳошон сарак мекашиданд, мутааҷҷиб ба ман ва китобфурӯш медиданд ва бо худашон саргӯшӣ мекарданд ва аблаҳона ба ҳамдигар медиданд.

Кӯчаҳо мутааффин (бӯи бад) буд, бӯи озордиҳанда ва бадӣ ҳар сӯ пахш буд.

Як бор мутаваҷҷеҳ шудам ин бӯй бӯйи ошност. Чандин сол ақиб рафтам. Бозгаштам ба кӯдакиям. Он вақтҳо рӯзҳои ҷумъа мерафтем гӯристони канори қабри падаркалонам соатҳо нишастем ва зор-зор мегиристем.

Гӯристон бурун аз шаҳр буд, дар роҳи он силоҳхонаи бузурге қарор дошт, тобистонҳо тааффуни салоххона то фосилаҳои бисёр дур пахш мешуд бӯи гӯшти гандида ва хун.

Ҳамаи мо бо ду ангушт бинии худро маҳкам мегирифтем. Тааффун ба одам ҳолати истифроғ медод. Қадамҳои худро тезтар мекардем. Поҳои ман кӯтоҳ-кӯтоҳ буд, зуд хаста мешудам, нафас мезадам, мегиристам, мегуфтам:

– Монда шудам.

Яке аз онон, ки бо ман мебуд, банди дастамро маҳкам мегирифт, маро дар паси худаш мекашид, банди дастам дард мегирифт, беирода медавидам, гоҳе ҳам поҳои кӯтоҳам дар ҳаво муаллақ мемонд, маро мебурданд. Ёдам омад, ки ки яке аз рӯзҳо вақте аз канори салоххона мегузаштем, ҳамон тавр, ки бо ду ангушт биниамро маҳкам гирифта

будам, сарамро пеш кардам ва даруни салоххонаро дидам, ҳар тараф лаккаҳои бузургу сиёҳ аз хунҳои хушкида ба ҷо монда буд, ин ҷо ва он ҷо лаккаҳои сурх аз хуни тоза ҳам буд. Говҳо, гӯспандҳо, шутурҳо билотаклиф истода буданд ва ором-ором мижа мезаданд. Гарданашонро каҷу рост мекарданд ва атрофашонро медиданд.

Дар атрофашон мардони нерӯманд ва қавӣ бо бозувони мӯҳкам ва шонаҳои ариз истода буданд, нигоҳашон ҳолати таҳоҷумӣ дошт, лабонашон чарбу сиёҳ буд мисли либосҳояшон. Ба камарашон теғҳое овехта буданд, теғҳо дар рӯшании офтоб барқ мезад. Яке аз онон рӯи ду зону нишаста буд ва гӯсфандеро ҳалол мекард ҳанӯз кораш тамом нашуда буд, хун аз гардани гӯсфанд фаввора мезад. Онон биниҳояшонро набаста буданд, бо ҳамон тааффун хӯ гирифта буданд Баъдҳо ҳамин одамҳо ва салоххона ва гӯсфандонро шабҳои зиёде дар хоб медидам ва аз хоб мепаридам.

– Биниатро чаро маҳкам гирифтаӣ?

– Садои китобфурӯш ба худам овард, мо ҳанӯз роҳ мепаймудем ва банди дастам дар байни ангуштонаш буд. Гуфтам:

– Ин тааффун туро намеозорад?

Гуфт:

– Не.

Пурсидам:

– Ин бӯи чист?

Бисёр хунсард гуфт:

– Гӯшти гандида ва хун.

Боз пурсидам:

– И наздикиҳо салоххона аст?

Ҷавоб дод:

– Не...

Сарашро баланд кард, бо ангушташ сӯи панҷараҳо ишора кард, боз бисёр хунсард идома дод:

– Не, ин бӯ аз он ҷоҳо меояд.

Тарс маро гирифта буд, одамҳоро медидам, ки аз панҷараҳо сарак мекашанд. Аз китобфурӯш пурсидам:

– Ту бо ман чӣ кор дорӣ?

Гуфт:

– Бо ту гап мезанам.

Аз худам пурсидам: бо ман чӣ гап мезанад? Аммо ба ӯ дигар чизе нагуфтам. Ба майдони кӯчаке расидем.

Китобфурӯш дастамро кашид ва гуфт:

– Биншин.

Нишастам ва ӯ ҳам нишаст, бидуни ҳеч муқаддимае гуфт:

– Ҳама китобҳоямро ту бихар.

Бо нобоварӣ ба ӯ нигаристам.

– Не, не, ман намехарам.

Хашмгин шуд, пурсид:

– Чаро?!

Гуфтам:

– Ман он қадар пул надорам.

Гарданашро каҷ кард ва гуфт:

– Ба ту арзон медиҳам!

Боз гуфтам:

– Ман ҳеч пул надорам...

Садояшро баландар кард ва гуфт:

– Ҳама китобҳоро ба ту муфт медиҳам!

Гиҷ шуда будам, гуфтам:

– Ман ҷо надорам китобҳоро бигзорам.

Гуфт:

– Аммо онҳоро бигир.

Боз гуфтам:

– Не, намегирам.

Ин бор бо илтимос гуфт:

– Бибин, онҳоро бигир!

Ҷавоб додам:

– Намегирам.

Боз гарданашро каҷ карду гуфт:

– Онҳоро бигир.

Овозашро оҳиста кард, мисли ин ки дар гӯшам мегӯяд, идома дод:

– Онҳоро бигир, боз мисли дигарон бирав дар охири он кӯчаҳо онҳоро пора кун, мучола кун ва дур андоз, аммо ба ман бигӯ китобҳоро мегирам! Бигӯ!



Ман сокит будам, лабонам ба ҳам часбида буд, китобфурӯш фарёд зад:

– Бигӯ!

Ҳамон тавр сокит ва беҳаракат ӯро нигоҳ мекардам. Боз банди дастамро байни ангуштонаш маҳкам фишурд. Хаёлам омад банди дастам шикаст, аз дард ба худ печидам.

Китобфурӯш банди дастамро бештар фишурд ва гуфт:

– Аз пушти ман такрор кун: китобҳоро мегирам.

Аз пушташ такрор кардам:

– Китобҳоро мегирам.

Овоз ба назарам бисёр зеру хафа омад. Дастамро раҳо кард. Банди дастам дард мекард, ангуштонам аз ихтиёрам берун шуда буд. Ба пушти дастам дидам рагҳояш барҷаста ва кабуд шуда буд.

– Хуб, китобҳоро мегирӣ? Ҳо, аз ман хуш шудӣ? Як лабханд бизан.

Гиҷ шуда будам, иртиботи ин пурсишҳоро ба ҳам намеёфтам, рақ-рақ ӯро медидам.

Тамоми китобҳое, ки дар дӯконаш дида будам ва муназзам дар қафа-

саҳо чида шуда буд, зери назарам таҳу боло мерафт, унвонҳои китобҳо дар зери назарам бузургу бузургтар мешуд, такрор кард:

– Як лабханд бизан, бибин, бизан.

Ман мисли ҳамаи мардуми шаҳр лабханд ёд надоштам, лабҳоям ба ҳам часбида буд, хашмгин боз банди дастамро гирифт ва шурӯъ кард ба фишурдан ва гуфт:

– Гуфтам лабханд бизан.

– Гуфтам:

Чи тавр лабханд бизанам?

Овоз ба назарам бисёр зеру хафа омад, ҳамон тавр ки шунида будам, ки ӯ шабҳо рӯбарӯи оина менишинад худашро шакалакҳо месозад. Ду сари ангушташро дар ду канори даҳонаш фурӯ бурд ва ду кунҷи даҳонашро сӯи гӯшҳояш кашид, дандонҳои сапед-сапедаш яке баъди дигар намоён шуд, гуфт:

– Ин тавр!

Ба ӯ хира шуда будам, ҳолати даҳонаш ҳич ба лабханд шабоҳат на-дошт. Ӯ ҳам лабханд задан ёд надошт, ман мисли ин ки санг шуда будам лабонам ба ҳам часбида буд, ором-ором мижа мезадам, ӯро медидам. Китобфурӯш хашмгинтар шуда буд. Лабонаш меларзид. Рагҳои гарда-наш барҷаста ва кабуд шуда буд, чинҳои пешонӣ ва даври чашмонаш амиқтар шуда буд, нафас-нафас мезад. Ангушташро ба аломати таҳдид баланд кард, бо хашм фарёд зад:

– Агар лабханд назанӣ ҳалолат мекунам мисли як мурғ.

Инъикоси садояш дубора ба гӯшам омад.

– Агар лабханд назанӣ ҳалолат мекунам мисли як мурғ.

Қиёфааш ба назарам бисёр зишт омад.

Рӯи ду зону нишаста буд қассоби салоххона, ёдам омад қиёфааш ба назарам беш аз ҳад зишт омад, намедонам чаро аз ӯ ҳеч натарсидам, бо чашмони холӣ ӯро менигаристам, аммо лабонамро аз ҳам дур кар-да наметавонистам. Китобфурӯш хира-хира ба ман дид. Хашмгинтар шуд як бор бо суръат ҳаракате кард ва бо ду дасташ мӯҳоямро кашид, сарам такон хӯрд, мӯҳоям дар ҳаво чархе зад ва дубора рӯи шонаҳоям лағзид, пӯсти сарамро сӯзиш гирифт. Боз фарёд зад:

– Лабханд бизан...

Дандонҳоям ба ҳам қуфл шуда буд, лабонам ба ҳам часбида буд,

беҳаракат ӯро медидам, мисли ин ки санг шуда будам, лабонаш ба шиддат ларзидан гирифт, даври чашмонаш ҳам сурх шуд. Рагҳои кӯчаки чашмонаш ҳам сурх шуд, нафасҳояш фиш-фиш садо мекард. Якбор ҷаҳид ва панҷаҳояшро дар гарданам ҳалқа кард. Ҳамон тавр, ки гулӯямро фишурд, наъра зад:

– Лабханд бизан...

Даҳонашро беш аз ҳад боз карда буд ва ҳар ду риштаи дандонҳояш то охир дида мешуд, забони сурхрангаш паҳн шуда буд. Такрор кард:

– Лабханд б...з...н

Ман ба даруни даҳанаш, ба ҳалқаш, ба сохтмони печида ва сурхранги ҳалқумаш медидам.

Сохтмони печида ва сурхранги мартаъиш буд. Ҳалқаи панҷаҳояш дар гулӯям танг ва тангтар мешуд, ангуштонаш устухони гарданамро сахт меозурд. Нафасам банд шуда буд, ду дастам ба ду тарафам овехта, афтода буд, мисли ин ки санг шуда буд. Намехостам дастамро ба танаш бизанам, аз ӯ бадам омада буд, аз зиштияш бадам омада буд, рақ-рақ ба сохтмони печида ва сурхранги ҳалқумаш медидам, ки муртаъиш буд фарёд мезад:

– Лабханд б...з...н

Ҳалқаи ангуштонаш бисёр танг шуд, лаккаҳои сиёҳӣ пеши чашмам рақсидан гирифт...баъд лаккаҳои дурахшон. Хаёлам омад, ки одамҳое пушти панҷараҳо ҳам ба гулӯи ҳам афтодаанд ва ба якдигарашон наъра мезананд:

– Лабханд б...з...н

Лаккаҳои сиёҳ ва дурахшон пеши чашмам бузургтар шуд, дигар чизе надидам, хаёлам омад аз дурҳо садои хафае мешунавам.

– Л...а...б...х...а...н...д...

**Таҳияи**
**Қурбонзода Насимбек**



# И.С.ТУРГЕНЕВ

# "ҲАМЛЕТ" ВА "ДОН КИХОТ"

*Суханронӣ дар хониши оммавӣ барои фоидаи Ҷамъияти дастгирии адибон ва олимони мӯҳтоҷ, 10-уми январи соли 1860*

Ҷанобон ва хонумҳо!

Нашри аввали фоҷеаи Шекспир «Ҳамлет» ва қисми якуми «Дон Кихот»-и Сервантес тақрибан дар як вақт, дар ҳамон як соли оғози асри 17-ум сурат гирифт .

Ин тасодуф барои мо аҷиб намуд: наздикии асарҳои мазкур ба ибрози чанд андешае водорамон кард. Лутф фармоед, то ин андешаҳоро бигӯем ва пешакӣ назари лутфу марҳамати шуморо умедвор шавем. «Ҳар кӣ шоирро дарк кардан хоҳад, бояд ба пӯсти ӯ ворид шавад»,–гуфта буд Ҳёте; носир аз ин қоида комилан маҳрум аст; аммо метавонад умед бандад, ки хонандагон ё шунавандагони ӯ мехоҳанд дар олами сайру сулук ва ҷустуҷӯю эъҷоз ҳамсафараш бошанд.

Баъзе андешаҳои банда шумо, азизони дилро, бо ғайримаъмулӣ буданашон шояд ҳайрон кунанд; аммо бартарии вижаи асарҳои бузурги адабӣ, ки даҳои офарандагонашон ба онҳо умри ҷовидон бахшидааст, маҳз ҳамин аст, ки фикру мулоҳизот нисбати ин осор, умуман, монанди

нуқтаи назарҳо ба зиндагӣ, хеле гуногун, ҳатто зидди ҳамдигар буда метавонанд, вале ҳамзамон ҳамаашон ҳаққу рост низ мебошанд. То ин замон дар бораи «Ҳамлет» шарҳу тафсири зиёде навишта шудааст ва дар оянда боз бештар навишта хоҳад шуд. Маҳз омӯзиши шахсияти қаҳрамони нотакрори он боиси ин натиҷагириҳо, хулосаҳои гуногун гардидааст.

«Дон Кихот» бо ҳама равшании ҳадаф, софии баёни мисли офтоби ҷануб аёнаш гӯё ба шарҳу тафсири гуногун эҳтиёҷе надорад. Вале, дареғо, ки мо, русҳо, як тарҷумаи нағзи «Дон Кихот»-ро рӯйи даст надорем; таассуроти аксари мо дар бораи он номуайяну номушаххас аст; чун «Дон Кихот» гуфтем, ё шунидем, масхарабозеро тасаввур мекунем, – вожаи «донкихотӣ»-ро ҳамчун бедаступойӣ, бебандуборӣ, соддалавҳӣ мефаҳмем, – ҳол он ки донкихотӣ бунёди худфидоӣ дорад, ки танҳо дар қолаби ҳаҷву танз рехта шудааст. Тарҷумаи хуби «Дон Кихот» беҳтарин хидмат ба омма хоҳад буд ва сипоси бепоёни мардум насиби адибе хоҳад гардид, ки ин асари ҷовидонаро бо тамоми шукуҳу зебоияш манзури мо мекунад. Аммо... бармегардем ба асли матлаби суҳбати имрӯза.

Мо гуфтем, ки пайдоиши ҳамзамони «Дон Кихот» ва «Ҳамлет» тасодуфи аҷибу ҳайратовар буд. Ба мо чунин намуд, ки дар симои ин ду қаҳрамон ду хислати аслӣ, вале ба ҳам зидди табиати инсонӣ нуҳуфтаанд, мисли ду қутбе, ки сайёраи инсонӣ гирди меҳвари онҳо давр мезанад. Ба андешаи мо тамоми одамон каму беш ба яке аз ин ду қаҳрамон мансубият доранд, қариб ҳар яке аз мо ё ба Дон Кихот ё ба Ҳамлет монанд мебошем. Дуруст аст, ки дар замони мо Ҳамлетҳо аз Дон Кихотҳо бештар ба назар мерасанд, аммо тухми Ҳамлетҳо низ кам нашудааст.

Мефаҳмонем:

Ҳамаи инсонҳо огоҳона ё ноогоҳона мувофиқи салоҳдид, орзуву нияти хеш умр ба сар мебаранд, яъне ба таври худ ҳақиқат, зебоӣ, накӯкории хос доранд. Аксарият идеали тайёри комилан дар шароити мушаххаси таърихӣ шаклгирифтаро ҳамчун намуна мегиранд; онҳо ҳаёти хешро дар қиёс бо ин идеал пеш мебаранд, ҳарчанд баъзан таҳти таъсироти эҳсосот ва тасодуфот пой аз ҷодаи ин интихоби худ берун мениҳанд, аммо ба дурустии он ҳеҷ гоҳ шубҳа намекунанд; ди-

гарон, баръакс, гаштаю баргашта идеали худро бо маҳаки андешаву тафаккур месанҷанд, меозмоянд. Ҳарчӣ бошаду набошад, мо иштибоҳ намекунем, агар бигӯем: ин идеал, ки барои тамоми инсонҳо асос ва ҳадафи зиндагонӣ шудааст ё дар беруни онон, ё дар даруни худи онон қарор дорад; ба ибораи дигар, барои ҳар кадоми мо ё ман-и худӣ дар ҷойи якум меистад, ё чизи дигаре, ки худ дар ҷойгоҳи баландаш нишондаем. Шояд ба мо эътироз кунанд, ки ҳақиқати ҳаёт ин тазодро намепазирад, дар ҳар мавҷуди зинда ин ду ҷаҳонбинӣ метавонанд бо навбат ҳукмронӣ кунанд, ҳатто то дараҷае ба ҳам пайваст шаванд, лекин мо ҳатто дар бораи номумкинии тағйироту ихтилофот дар вуҷуди инсон фикр ҳам накардаем; мо танҳо хостем, ки дар бораи муносиботи дугунаи инсон ба идеали худ ишора кунем ва акнун кӯшиш ба харҷ медиҳем, то бо фаҳму тасаввуроти худ чӣ тавр инъикос гардидани ду муносибати мухталифро дар симои ҳар ду қаҳрамони интихобиямон нишон бидиҳем.

Оғоз мекунем аз Дон Кихот.

Кист Дон Кихот? Бо нигоҳи жарф ба ӯ менигарем, на бо нигоҳи сатҳӣ, рӯякӣ. Дар симои Дон Кихот танҳо «ритсар» – ҷавонмарди паҳлавони ғамзадаро, ки барои мазоҳу масхараи достонҳои куҳани паҳлавонӣ офарида шудааст, намебинем. Равшан аст, ки моҳияти ин шахс бо дасти тавонои офаридгори ҷовидонаш хеле доман густурдааст ва дар қисми дуюми асар Дон Кихотеро вомехӯрем, ки мусоҳибу мунисн хонумону ҷанобони олимақом, мушовиру мураббии ҳокими қудратманд аст, на он Дон Кихоте, ки дар қисми аввали достон буд, махсусан, дар оғози китоб: лоуболе аҷоибхислату далқак, ки паёпай аз дасти рӯзгор зарба мехӯрад; бинобар ин пӯстро мегузорем ва ба мағзи моҳият фурӯ меравем. Такрор мекунем: асли Дон Кихот чист? Пеш аз ҳама асли ӯ бовар аст, эътиқод аст; бовар ба як чизи ҷовидон, тағйирнопазир, ба ҳақиқати комил, ки берун аз маҳдудаи як инсон аст, хидмату қурбонӣ талаб мекунад ва ин ҳақиқат ба ӯ осон даст медиҳад, ин ҳақиқат ба туфайли  хидмати пайваста ва нерӯи худфарсоияш ба ӯ дастрас аст. Дон Кихот саропо ғарқи садоқат ба идеалест, ки ба хотири он ба тамоми шиканҷаҳо, ҳатто ҷонсупорӣ, омода мебошад; ҳаёти худро танҳо василаи хидмат ба идеал, тантанаи ҳақиқат ва адолат дар ҳама рӯйи замин медонаду бас. Ба мо эрод мегиранд, ки ин идеал натиҷаи таассуроту

тасаввуроти ноқиси ӯ аз олами тахайюлии достонҳои қаҳрамонист; розием – маҳз дар ҳамин ҷо зоҳир мешавад ҷанбаи танзомези Дон Кихот; аммо асли идеал тозаву озодаву дастнахӯрда боқист.

Дон Кихот зистан барои худ, танҳо хӯрдани ғами худро шармандагӣ медонист. Ӯ, агар чунин гуфтан раво бошад, берун аз худ, барои дигарон, барои бародарони худ, ба хотири маҳву нобуд кардани бадӣ, ба хотири пархош бар зидди нерӯҳои аҳримании зиддинсонӣ – ҷодугарону бузургҷуссаҳо, яъне истибдодгарон зиндагӣ мекард. Ягон зарра худхоҳӣ нест дар сиришти ӯ, ғами худро намехӯрад, ҳамеша омодаи қурбон кардани худ аст – таваҷҷуҳ кунед ба ин сухан – ӯ бовар дорад, сахт ва



бе дудилагӣ бовар дорад! Аз ин рӯ, ҷасур, сабур аст, бо ғизои ночиз ва либоси андак қаноат мекунад: аслан, вақти ба ин чизҳо андешидан надорад. Дилаш ором, рӯҳаш бузургу ҷасур аст, худопарастии меҳрбор озодии ӯро маҳдуд намекунад; шуҳратталабӣ барояш бегона аст, ӯ ба худ, ба ҳадафи худ, ҳатто ба зӯру тавони ҷисмониаш ҳеҷ шакку шубҳае надорад; иродаи ӯ шикастнопазир аст. Кӯшишу талоши доимӣ барои расидан танҳо ба як мақсаду ҳадаф афкори ӯро якрангу дилбазан, ақли ӯро якнавохту якранг ҷилва медиҳанд; ӯ кам медонад, ҳамзамон барои бисёр донистанаш эҳтиёҷ надорад: ӯ медонад кори худро ва моҳияти зиндагонии худро дар ин ҷаҳон ва ин аст дониши асосӣ. Дон Кихот баъзан девонаи комил ба назар мерасад, зеро чизҳои бешубҳа мавҷудаи атроф аз назари ӯ ғайб мезананд, дар оташи эҳсосу шавқи ӯ об мешаванд (ӯ воқеан дар сурати лӯхтакҳои чӯбин маврҳои зинда, дар сурати гӯсфандон паҳлавононро мебинад), дар баъзе маврид ақлаш нокомил менамояд, зеро наметавонад ба осонӣ ҳамдардӣ кунад ё ҳаловат бибарад; аммо ӯ чун дарахти решамуҳкам аст; ба умқи хок решаҳои қавӣ давондааст ва ҳатто қодир нест эътиқоди худро дигар кунад, ё таваҷҷуҳашро аз як ашё ба ашёи дигар равона созад; кохи ахлоқу хирадаш (ин паҳлавони девонаи сайёҳ хушхулқтарин мавҷуди ҷаҳон аст) ба андешаву суханронии ӯ, новобаста аз ҳолати масхараӣ ва таҳқиромез, ки зуд-зуд дучор мегардад, нерӯ ва ҳашамати хоса мебахшанд... Дон Кихот ходими дилбохтаи идея (ғоя)-и худ аст, ки дурахши ин офтоб ӯро нурафшон кардааст.

Ҳамлет кист?

Пеш аз ҳама шахси мубталои таҳлилу муҳокимаю худпарастӣ ва аз ин рӯ, беэътиқодӣ, нобоварӣ аст. Ӯ танҳо барои худ зиндагӣ мекунад, ӯ худпараст аст; аммо ин шахси худхоҳ ба худаш ҳам бовар надорад; зеро танҳо ба чизе метавон бовар кард, ки берун аз мо ва болои мо бошад. Аммо он «ман»-е, ки Ҳамлет ба он бовар дорад, барояш азизу муқаддас аст. Ин нуқтаи оғозест, ки ӯ пайваста ба он бармегардад, зеро ба ғайри он дар тамоми ҷаҳон чизеро барои дилбандӣ пайдо намекунад; ӯ шаккок аст ва умре бо худ машғулу маҳбуб аст; вазифаю уҳдадориҳои худро иҷро намекунад, мансабу мавқеашро афзал мешуморад. Ҳамлет ба ҳама чӣ шакк мекунад, ба худаш ҳам ҳатто бовар надорад; ақли ӯ то сатҳе рушд карда, ки аз комёбиҳои хеш ҳам розӣ намешавад; ӯ сустии

худро эътироф мекунад ва чун ҳама худшиносӣ нерӯи хосеро дорост, аз ин ҷо истеҳзою тамасхураш об мехӯрад, баръакси ҷаҳду талоши Дон Кихот. Ҳамлет бо шавқу завқ худро дашном медиҳад, пайваста худро мушоҳида карда, доиман ба ботини худ нигариста, камбудиҳои хешро донистa, ба онҳо нафрат мехонад, худашро нафрат мекунад ва метавон гуфт, ки бо ин нафрат умр ба сар мебарад. Ӯ ба худ бовар надорад, шуҳратпарасту ҳавобаланд аст; намедонад чӣ мехоҳад ва барои чӣ зиндагӣ мекунад, аммо дӯстдори ҳаёт аст... «Эй Худо, эй Худо! (хитоб мекунад дар саҳнаи дуввуми қисми якум), оҳ, агар ту, эй довари замину осмон, худкуширо гуноҳ намеҳисобидӣ!». Аммо ӯ ҳеҷ гоҳ ин ҳаёти бесарунӯг ва тиҳии худро қурбон намекунад; ӯ ҳанӯз то пайдоиши сояи падар, то гирифтани он супориши даҳшатбор, ки иродаи кайҳо пора-пораашро тамоман шикаста мегардонад, орзуи худкушӣ мекунад,– аммо худро намекушад. Муҳаббати ба ҳаёт доштаи ӯ маҳз дар ҳамин орзуи ҳаётбезорӣ нуҳуфтааст; ба ҳама ҷавонони ҳаждаҳсола чунин эҳсосот шинос аст:

Гаҳ хун ҳамеояд ба ҷӯш, нерӯ шавад лабрез гоҳ .

Ва аммо нисбати Ҳамлет он қадар ҳам сахтгир намешавем; ӯ дард мекашад, дардҳои ӯ ҷонсӯзтар, шадидтар аз дардҳои Дон Кихот мебошанд. Дон Кихотро чӯпонҳои дурушту дағал, ҷинояткорони озодкардаи худаш мекӯбанд; Ҳамлет худ худашро маҷрӯҳ мекунад ва ранҷ медиҳад; дар дасти ӯ ҳам шамшер аст: шамшери дудамаи таҳлил...

Эътироф бояд кард, ки Дон Кихот ба таври мусбат хандаовар аст. Шахсияти ӯ шахсияти беҳад мазҳакавиест, ки қалами тавонои эҷодкораш ками дар кам меофарад. Номи ӯ ҳатто дар забони деҳқонони рус чун лақаби тамасхуромез нишастааст. Мо борҳо инро бо гӯшҳои худ шунидаем. Фақат бо як бор ба ёд овардани ӯ пеши назар шахси қадхамидаи лоғари хушкандоми бо чороина – зиреҳу сипару шамшер печонида ва дар аспи пӯсту устухоншудаи Россинанта нишаста ҷилвагар мешавад. Дон Кихот хандаовар аст... аммо дар ин ханда нерӯи муросокорона ва гуноҳбахшанда нуҳуфтааст ва беҳуда нагуфтаанд: «Ба ҳар чизе, ки механдӣ, арзандаи он ҳастӣ» ва ба ин гуфта илова кардан метавон: ба ҳар касе, ки хандидӣ, ӯро бахшидӣ ва ҳатто ба дӯст доштанаш омода ҳастӣ.

Аммо зоҳири Ҳамлет ҷалби таваҷҷӯҳ мекунад. Ӯ молихулиёист, на-



муди рангпарида ва на лоғараш (модари ӯ эрод мегирад, ки фарбеҳ аст,–«our is fat»), либоси сиёҳи махмалин, килк дар кулоҳи нозанин, ҳаракати маҳин, суханони равону ширин, ҳиссиёти доимии аз дигарон бартар будан дар радифи хушҳолии худкамбинии заҳрогин – ҳама чизаш дилписанд аст, ҳама чизаш мафтун мекунад; ҳамаро хуш меояд, ки Ҳамлет номандашон, ҳеҷ кас намехоҳад, ки лақабаш Дон Кихот бошад; «Ҳамлет Баратинский» навишта буд Пушкин ба дӯсти худ; ҳеҷ кас намехоҳад ба Ҳамлет бихандад ва ин аст нишонаи маҳкумияти ӯ: вайро дӯст доштан қариб ки ғайриимкон аст, баъзе мардуми монанд ба Ҳоратсий ба Ҳамлет одат мекунанд. Мо баъдан дар бораи онон сухан хоҳем гуфт. Ҳар кас ба ӯ ҳамдардӣ мекунад, ки ин фаҳмост: қариб ҳар нафар дар симои ӯ хислатҳои хешро дармеёбад; аммо, такроран мегӯем, дӯст доштани ӯ имкон надорад, ба он хотир, ки худи ӯ касеро дӯст намедорад.

Муқоисаи худро идома медиҳем. Ҳамлет писари шоҳест, ки бародари ҳамхунаш ӯро кушта, соҳиби тахту тоҷ гардидааст; падари ӯ аз гӯр, аз «коми дӯзах» бармехезад ва ба писар амр мекунад, ки қасосашро биситонад, аммо Ҳамлет дудила мешавад, худро фиреб медиҳад, бо

дашномдиҳии худ қонеъ мешавад ва ниҳоят амаки худро тасодуфан ба қатл мерасонад. Ин нишонаи бемории равонӣ аст, ки ба хотири он ҳатто одамони бисёр доно, вале наздикбин густохона ба маҳкум кардани Шекспир ҷуръат карданд!

Дон Кихоти камбағалу қашшоқ, ин пирамарди оҷизу танҳо бидуни ҳар воситаву васила ҷаҳд мекунад, ки бадиро аз ҷаҳон бардорад ва мазлумони тамоман барои ӯ бегонаро дар ҳама кураи замин муҳофизат кунад.

Чӣ боке, агар нахустин кӯшиши ӯ барои раҳоибахшии бегуноҳе аз дасти ситамгар ба сари он бегуноҳ балои азимтар овард... (мо саҳнаеро дар назар дорем, ки Дон Кихот як бачаро аз зери латукӯби хӯҷаинаш халос мекунад ва ҳамоно баъди рафтани наҷотбахш хӯҷаин камбағали бечораро даҳҳо маротиба зиёдтар азоби алим медиҳад); чӣ боке, агар осиёҳои бодии ба мардум нафърасонро душманони азимҷусса пиндошта, Дон Кихот ба онҳо ҳуҷум оварад... Пӯсти мазҳакавии ин шахсиятҳо набояд чашми моро аз мағзи моҳияти онҳо дур созад. Касе, ки худфидоӣ пеша карда, дар бораи ҳамаи оқибатҳою эҳтимолоти ин амал меандешад, ҳеҷ гоҳ ба қурбонӣ қодир нест. Бо Ҳамлет ҳеҷ гоҳ ин воқеот рух намедиҳанд: магар ӯ бо он ақли дарроку шаккок ба ин иштибоҳ роҳ медиҳад? На, ӯ бо осиёҳои бодӣ намеҷангад, ба мавҷудияти азимҷуссаҳои бадҳайбат бовар надорад ва агар вуҷуд ҳам медоштанд, бар зидди онҳо ҳамла намекард. Ҳамлет монанди Дон Кихот ҳеҷ гоҳ тоси сартароширо ба ҳама нишон дода, онро кулоҳхӯди ҳаққонии сеҳрноки Мамбрин намегуфт; мо тахмин мезанем, ки агар худи ҳақиқат пеши чашмони Ҳамлет ҷилвагар ҳам мешуд, ӯ намеёрист онро эътироф кунад... Охир кӣ медонад, мумкин ҳақиқат ҳам мисли ҳамон азимҷуссаҳои бадҳайбат мавҷуд набошад? Мо ба ҳоли Дон Кихот механдем, аммо, чанобон ва хонумҳо, кӣ аз байни мо метавонад аз рӯйи виҷдон боварҳои гузашта ва ҳозираи худро тагурӯ карда, иқрор шавад, ки ӯ ҳамеша ва дар ҳар куҷо тоси қалъагии сартароширо аз кулоҳи заррини сеҳрнок фарқ кардаасту фарқ мекунад?... Бинобар ин ба эътимоди мо кори асосӣ дар самимият ва худи нерӯи эътиқод буда, натиҷа дар дасти тақдир аст. Танҳо эътиқоду тақдир метавонанд нишон диҳанд, ки мо бо шабаҳҳо даргир шудем ё бо душмонони ҳақиқӣ ва бо кадом кулоҳ сарҳои худро пӯшондем. Кори мо мусаллаҳ шудан ва

мубориза бурдан аст.

Муносибати тӯдаҳо, ё худ авом ба Ҳамлет ва Дон Кихот ҳам аҷоиб аст.

Намояндагони авом – Полоний дар назди Ҳамлет ва Санчо Панса дар ҳузури Дон Кихот.

Полоний мӯйсафеди коройӣ, зирак, бохирад, вале ҳамзамон маҳдуд ва сергап аст. Ӯ маъмури хуб, падари намунавӣ мебошад: ба ёд оред насиҳатҳояшро ба писари худ Лаерт ҳангоми азми сафараш ба хориҷа, – насиҳатҳое, ки аз рӯйи хирад бо супоришҳои ҳоким Санчо Панса дар ҷазираи Баратория қобили қиёс мебошанд; Ҳамлет аз диди Полоний натанҳо девона, балки бачаест ва агар шаҳзода намебуд, ӯро барои беҳудагияш, барои ғайриимкон будани истифодаи дурусту муфиди андешаҳояш нафрат мекард. Саҳнаи маълуми тамошои абр аз ҷониби Ҳамлет ва Полоний, саҳнае, ки Ҳамлет тасаввур мекунад, мӯйсафедро гӯл задааст, барои мо маънии аён дорад, ки фикрамонро тасдиқ мекунад... Мо ба худ иҷозат медиҳем, ки он саҳнаро хотиррасон намоем.

Полоний. Малика мехоҳад бо Шумо суҳбат кунад, шоҳзода. Бетаъхир, худи ҳозир.

Ҳамлет. Ҳо, он абрро мебинед? Монанди парасту...

Полоний. Бале, комилан мисли парасту.

Ҳамлет. Ба назари ман мисли шутур менамояд.

Полоний. Бале, кӯҳонҳояш айнан ба кӯҳонҳои шутур монананд.

Ҳамлет. Ё мисли кит бошанд?

Полоний. Дуруст. Айнан кит.

Ҳамлет. Хуб, ман назди модарҷон меравам.

Магар дар ин саҳна Полоний мисли як надими дарбор нест, ки ба шоҳзода хушомад мезанад ва чун як калонсол нест, ки намехоҳад бо бачаи бемор ва савдозада баҳсу монозира кунад? Полоний як сари мӯ ба Ҳамлет бовар надорад ва ҳақ комилан бар ҷониби ӯст; бо ҳама маҳдудии тафаккураш ӯ девонагии Ҳамлетро аз ишқи Офелия медонад ва, албатта, иштибоҳ ҳам мекунад; аммо ӯ дар тавсифи хислати Ҳамлет ростқавл аст. Ҳамлетҳо барои омма ҳеҷ манфиате намеоваранд; онон ба омма чизе намедиҳанд, онро ба ягон самт раҳнамун намешаванд,

чунки худ аслан ба ҷое ҳам намеравад. Бале, чӣ тавр роҳбар метавон шуд, вақте ки худ заминро зери поят ҳис намекунӣ? Бо ин вуҷуд Ҳамлетҳо ба омма нафрат доранд. Касе, ки худро эҳтиром намекунад, ӯро кӣ ва чаро эҳтиром кунад? Ва магар шарт аст бо омма омехтан? Оҳ, чӣ қадар ин омма дурушту чиркин аст! Ҳамлет бошад, ашроф аст ва натанҳо ба хотири ҳамчун ашроф таваллуд шуданаш.

Санчо Панса тамоман тамошои дигаре дорад. Ӯ, баръакс, ба ҳоли Дон Кихот механдад, нағз медонад, ки ӯ девона аст, аммо се маротиба ватан, хона, ҳамсар, духтари худро тарк карда, аз паси ин девона меравад, ба ҳазор бало гирифтор мешавад, то нафаси охирин ба ӯ содиқ аст, ба ӯ бовар дорад, бо ӯ ифтихор мекунад ва дар сари болини марги хӯҷаинаш зону зада, фиғон мекашад. Ин вафодорӣ, ин садоқатро танҳо бо умеди ба даст овардани манфиати шахсӣ шарҳ додан мумкин нест; Санчо Панса ақлу хиради солим дорад; ӯ хеле хуб ҳам медонад, ки ба силоҳдори паҳлавони бузурги сайёҳ дар ин сафарҳо ҷуз мушту лагад чизе намерасад. Сабаби ин садоқатро дар дигар ҷо бояд ҷуст; он, агар чунин сухан раво бошад, дар умқи яке аз хусусиёти на он қадар



хуби омма – дар нобиноии хушбахтона ва бовиҷдонона (оҳ, ба омма дигар намудҳои нобиноӣ ҳам маълум аст!); дар шавқу ҳавасу ҷидду ҷаҳди беғаразона, нафрат ба манфиатҳои мустақили шахсӣ, ки барои инсони камбағал ба нафрат ба нон баробар аст, нуҳуфта мебошад. Ин аст хусусияти бузурги таърихи умумиҷаҳонӣ! Оммаи одамон ҳамеша бо бовари кӯр-кӯрона аз паси шахсиятҳое меравад, ки худ онҳоро таҳқиру поймол, нафрату таъқиб мекард, аммо ононе, ки аз таҳқиру таъқиб, ҳатто хандаву тамасхури авом натарсида, тамоми таваҷҷуҳи хешро танҳо ба ҳадафи аслияшон равона карда, диловарона ба пеш мераванд, ҷустуҷӯ мекунанд, меафтанд, мехезанд ва ниҳоят ба мақсад мерасанд, подошашон ҷудост; танҳо касе ба ҳадаф мерасад, ки дил раҳнамояш бошад, les grandes pensees viennent du cocur,–гуфтааст Вовенарг. - Ғояҳои бузург аз дил сар мезананд.

Ҳамлетҳо чизе пайдо намекунанд, чизе кашф намекунанд ва пайе аз худ боқӣ намегузоранд, ғайр аз нақши шахсияти худ чизе аз онон намемонад. Онон, ки дӯст намедоранд ва бовар намекунанд, чӣ ҳам ёфта метавонанд? Ҳатто дар кимиё (сарфи назар аз олами органикӣ) барои он ки чизи сеюме пайдо шавад, таркиби аз ду чизи дигар зарур аст; аммо Ҳамлетҳо танҳо ба худ машғуланд; онҳо танҳо мебошанд, бинобар ин беҳосиланд.

Шояд ба мо эътироз кунанд: «Магар Ҳамлет Офелияро дӯст намедошт?».

Дар бораи ӯ, ҳамчунин дар бораи Дулсинея ҳам ҳарф хоҳем зад.

Ин ду қаҳрамони мо ба зан ҳам бисёр муносибати аҷоиб доранд.

Дон Кихот Дулсинея – зани дар асл набударо дӯст медорад ва омода аст барояш ҷон бисупорад (ба ёд оваред суханони ӯро, ки мағлуб шуда, ба хоку хун олуда, ба ғолиби ба синааш ханҷарзада мегӯяд: «Бизанед маро, ҷаноб, то заифии ман боиси паст шудани шарафи Дулсинея нагардад; ман аз самими дил тасдиқ мекунам, ки ӯ зеботарин бонуи ҷаҳон аст»). Ӯ ба таври идеалӣ, покиза, ҳатто беҳтар аз идеалӣ дӯст медорад, ки ҳатто тасаввур карда наметавонад, ки маҳбубааш аслан вуҷуд надорад; ончунон тозаву озода дӯст медорад, ки вақте Дулсинея дар намуди деҳотизани дурушту дағалу чиркин намудор мешавад, ба чашмони худ бовар намекунад ва инро кори сеҳри ҷодугарон мешуморад. Худи мо ҳам бо гузашти умр, дар сайру сафарҳои ҳаёт одамонеро дидаем,

ки барои чунин Дулсинеяҳои камарзиш ё чизи дурушту чиркине, ки дар симои он амалӣ гардидани идеали худро дидаанд, ҷон бохтаанд ва табдили онро ба қувваҳои бадӣ нисбат додаанд, – мо қариб мегуфтем, ки ба ҷодугарон – тасодуфҳо ва шахсиятҳои зишту манфур. Мо ин гуна шахсҳоро дидаем ва агар онон гум шаванд, дар китоби таърих чизи хондание намемонад ва бигзор он абадан пӯшида шавад! Дон Кихот аслан ҳеҷ эҳсоси шаҳвонӣ надорад; ҳама орзуҳояш покизаву беолоиш мебошанд ва гумон аст, ки дар ниҳонхонаи дили худ васли воқеии Дулсинеяро ҷой дода, шояд ҳатто ӯ аз ин васл ба тарсу ҳарос афтода бошад!

Оё Ҳамлет дӯст медошт? Наход офарандаи донои рамзу рози ӯ, ки так-таки дили инсонро медонист, ба ин худхоҳи худкома, шаккок, ки заҳри таҳлил масмумаш кардааст, дили дӯстдору вафодор бахшида бошад? Шекспир ба ин ихтилофот коре надорад ва хонандаи зирак бо андак тааммул метавонад бовар ҳосил кунад, ки Ҳамлет инсони шаҳватпараст аст ва ниҳонӣ шаҳватронӣ мекунад (ходими дарбор Розенкранс, вақте Ҳамлет бо ӯ дар бораи ба дилаш задани занон суҳбат мекунад, хомӯшона лабханд мезанад), Ҳамлет, мегӯем мо, дӯст намедорад, танҳо беҳунарона вонамуд мекунад, ки ошиқ аст.

Дар ин бора мо шаҳодати худи Шекспирро дорем.

Дар саҳнаи якуми амали сеюм Ҳамлет ба Офелия мегӯяд:

Туро ман як замоне дӯст медоштам.

Офелия. Шоҳзода, Шумо маро маҷбур кардед, ки инро бовар кунам.

Ҳамлет. Ту бояд бовар намекардӣ!.. Ман туро дӯст намедоштам.

Ва бо гуфтани ин сухани охир Ҳамлет аз пиндошти худ ҳам бештар ба ҳақиқат наздик мешавад. Эҳсоси ӯ ба Офелия, ба ин мавҷуди пок ва беолоишу муқаддас ё бешармона (ба ёд овaред кинояҳои дуҳӯраи ӯро вақте ки дар саҳнаи театр аз Офелия хоҳиш мекунад, то иҷозат диҳад, ки назди зонувонаш... дароз кашад) ё лофзаниҳояшро (ба саҳнаи байни ӯ ва Лаерт таваҷҷуҳ кунед, вақте ӯ ба қабри Офелия медароядва бо суханони арзандаи Брабармас ё капитан Пистол мегӯяд: «Чил ҳазор бародар бо ман баҳс карда наметавонанд! Бигзор ба болои мо миллион теппаро чаппа кунанд» ва ғайра). Ҳамаи муносибати ӯ бо Офелия аздусар боз ҳам машғул шудан бо худии худаш мебошад ва дар

хитоби ӯ, ки мегӯяд: «Эй парӣ! Маро андар дуоҳои муқаддаси худ зикр намо!» мо танҳо дарки амиқи нотавонии дардовари худашро мебинем, ки дӯст дошта наметавонад ва назди «покии муқаддас» зону мезанад.

Аммо бас, дигар дар бораи ҷанбаҳои манфии Ҳамлетҳо, дар бораи ҷиҳатҳое, ки моро парешон мекунанду наздику фаҳмо мебошанд, сухан гуфтан кофист. Мекӯшем, то чизҳои дигареро баён кунем, ки як дараҷа қонунманд ва бо ин сабаб ҷовидонӣ ҳастанд. Дар ӯ оғози инкор таҷассум ёфтааст, ҳамон оғозе, ки шоири бузурге онро аз дигар хислатҳои хоси инсонӣ ҷудо карда, дар симои Мефистофел пешниҳоди мо кардааст. Ҳамлет ҳам монанди Мефистофел аст, аммо Мефистофеле, ки дар ҳалқаи зиндаи табиати инсонӣ умр ба сар мебарад; бинобар ин инкори ӯ бадӣ нест – он бар зидди бадӣ равона карда шудааст. Инкори Ҳамлет ба некӣ шубҳа мекунад, аммо ба бадӣ шак надорад ва ба муқобили он ба ҷанги шадид мебарояд. Он ба некӣ шубҳа дорад, яъне ба ҳақиқат ва самимияти он шак мекунад ва бар зидди он на ҳамчун ба некӣ, балки мисли некии сохта, қалбакӣ, ки дар батнаш бадӣ ва дурӯғ нуҳуфтаанд, ҳуҷум мекунад. Ҳамлет мисли Мефистофел хандаи қаҳ-қаҳи бетарафона намезанад; дар табассуми талхи ӯ маъюсие аён аст, ки аз дардҳову ранҷҳояш шаҳодат медиҳад ва бо ӯ ҷӯр меояд. Шаккокии Ҳамлет беэътиноию бепарвоӣ нест ва аҳамияту арзиши он ҳам дар ҳамин аст; некию бадӣ, ҳақиқат ва дурӯғ, зебоӣ ва зиштӣ аз назари ӯ ба як чизи тасодуфӣ, гунг, карахт табдил намеёбанд. Шаккокии Ҳамлет, яъне бовар накардан ба будани ҳақиқат дар ҳоли ҳозир аст, ки бо дурӯғ муборизаи оштинопазир мебарад ва бо ин фидоии ҳақиқат буданашро собит мекунад, ҳарчанд ҳанӯз ба тантанаи ҳақиқат бовари комил надорад. Аммо инкор дорои нерӯи маҳвкунанда аст: чӣ тавр ин нерӯро дар маҳдудаи муайян нигоҳ бояд дошт, чӣ тавр ба он нишон дод, ки дар куҷо бояд биистад, чиро бояд нобуд созад, ба чӣ бояд раҳм кунад, хулоса идора кардани ин нерӯ душвор аст, душвор. Маҳз дар ҳамин нукта ҷанбаи фоҷиавии ҳаёти инсон муайян мешавад: барои кор ирода ва тафаккур лозим аст; аммо ирода ва тафаккур аз ҳам ҷудо шудаанд ва торафт аз ҳам дуртар мешаванд.

And thus the native hue of resolution
Is sicklied oer by pale cost of thought...
(Сурхии рӯйи ирода мепарад,

Аз сафедии тафаккур кам-камак),

– мегӯяд ба мо Шекспир бо лабони Ҳамлет... Бубинед, аз як сӯ Ҳамлетҳои мутафаккир, бошуур, аксар ҳамабину ҳамадон, аммо беҳосил ва маҳкум ба карахтӣ истодаанд, аз сӯи дигар Дон Кихотҳои нимдевона, ки ба мардум фоида меоваранд, танҳо ба хотири он, ки танҳо як нуқтаро медонанду мебинанд, ҳатто нуқтаи номавҷудро дар симое, ки дидан мехоҳанд. Хоҳ-нохоҳ суолҳое пайдо мешаванд: наход барои бовар кардан ба ҳақиқат девона бояд шуд? Ва наход ақли солим бо ҳамин сабаб аз нерӯи худ маҳрум гардад?

Ҳатто муҳокимаи сатҳии ин масъалаҳо муҳлати зиёде мехоҳад.

Танҳо гуфтанием, – дар ин ҷудоӣ, дар ин дуализм (дурангӣ, дубаҳрӣ), ки зикраш дар боло рафт, мо бояд қонуни бунёдии тамоми ҳаёти инсониро эътироф кунем; ин ҳаёт оштӣ ва мубориза абадии ду оғоз, ду мабдаъ аст. Агар мо аз пур кардани гӯши шумо бо истилоҳоти фалсафӣ бим намедоштем, метавонистем гӯем, ки Ҳамлетҳо моҳияти нерӯҳои марказшитоби табиат мебошанд, ки мувофиқи он ҳамаи ҷунбандагон (зиндагон) худро маркази офариниш ҳисоб мекунанд ва ба ҳамаи мавҷудоти дигар ҳамчун ба хидматгорони худ назар мекунанд (мисли магасе, ки дар пешонии Искандари Мақдунӣ нишаста, бо бовари том, ки ҳаққи ҳалоли ӯст, хуни шоҳро мемакид; Ҳамлет ҳам ҳарчанд худро баръакси магас (чун магас ба ин сатҳ нарасидааст) нафрин мекард, доимо ҳамаро ҳаққи худ медонист. Бе ин нерӯи марказшитоб (қувваи худхоҳӣ) табиат зинда будан наметавонист, ҳамчунон ки бе нерӯи марказгурез, ки тибқи қонуни он ҳамаи мавҷудот танҳо барои мавҷудоти дигар мавҷуд мебошанд (намояндагони ин нерӯ, ин принсипи садоқат ва қурбонӣ, ки бо ранги мазҳакавӣ тасвир ёфтаанд, Дон Кихотҳо мебошанд). Ин ду нерӯи карахтӣ ва ҳаракат, қафомондагӣ ва пешравӣ моҳияти қувваҳои асосии ҳамаи мавҷудот мебошанд. Ин нерӯҳо ба мо моҳияти нашъунамои рустаниро мефаҳмонанд, инчунин асрори рушди халқҳои абарқудратро мекушоянд. Мешитобем, то аз ин хулосаҳои чигил ба дигар андешаҳои бароямон маъмулӣ бигзарем.

Мо медонем, ки аз ҳама осори Шекспир машҳуртаринашон «Ҳамлет» аст. Ин фоҷиаест, ки театрҳоро ҳамеша аз тамошобин пур мекунонад. Дар ҳоли имрӯзаи оммаи мо, ки ба худшиносӣ ва тафаккур кӯшиш дорад, дар ҳоли шаку шубҳааш ба худ ва ҷавониаш ин падида

фаҳмост; аммо сарфи назар аз зебоиҳои дилрабои ин асари олиҷанобӣ рӯҳпарвар ба даҳои офарандааш қоил бояд шуд, ки ҳарчанд ба Ҳамлети худ бисёр монанд аст, онро бо нерӯи тавонои сухан аз худ ҷудо карда тавонист ва ин симои ҷовидро барои омӯзишу таҳлили абадии ворисон гузошт. Рӯҳи офарандаи ин симо рӯҳи одами Шимол аст, рӯҳи дудилагӣ ва таҳлил, рӯҳи гарону тираи тиҳӣ аз муназзамию рангорангии ба қолабҳои муъҷази аксаран хурд иҳотанашуда, аммо амиқ, тавоно, гуногун, мустақил, роҳбарикунанда.

Шекспир аз қаъри замири хеш Ҳамлетро офарида, исбот кард, ки дар соҳаи назм чун дар дигар риштаҳои ҳаёти халқ ӯ бартар аз офаридаи хеш аст, чунки ӯро ба куллӣ дарк мекунад.

Рӯҳи инсони Ҷануб, ки дар симои Дон Кихот тасвир шудааст, рӯҳи равшан, хурсанд, содда, ҳассос, ба умқи зиндагӣ фурӯнараванда, онро фаронагиранда, аммо инъикоскунанда мебошад. Мо наметавонем аз хоҳиши муқоисаи Шекспир ва Сервантес сарфи назар кунем, аммо танҳо ба баъзе нукоти фарққунанда ва монандии онон ишора менамоем. Байни Шекспиру Сервантес чӣ муқоисае буда метавонад? – суол медиҳанд баъзеҳо. Шекспир – абарқудрат, нимахудо... Бале, аммо Сервантес ҳам дар назди бузургворе чун офарандаи «Шоҳ Лир» паканаи назарногир нест, ӯ ҳам инсон аст, инсоне. ки ҳақ дорад ҳатто дар назди нимахудоён бо ду пойи худ рост биистояд. Бешубҳа, Шекспир Сервантес ва натанҳо ӯро, бо ғановату нерӯи тахайюли худ, ҷилои шеъри олӣ, тафаккури амиқ ва вусъати хирад пахш мекунад; аммо шумо дар достони Сервантес тезутундиҳои тӯлонӣ, тасвироти ғайритабиӣ, кинояву рамзҳои душворфаҳмро вонамехӯред; шумо инчунин дар саҳифаҳои китоби ӯ бо каллаҳои бурида, чашмҳои аз косахонаҳояшон канда, дарёи хуни рехта, он даҳшату ваҳшати мероси асримиёнагӣ - барбарияти оҳиста-оҳиста аз хуни якрави шимолиҳо дуршавандаро намеёбед; воқеан, Сервантес мисли Шекспир ҳамзамони Шаби Варфоломей буд; ва баъди онон ҳам бидъаткоронро месӯзонданду хунҳо мерезонданд, оё ин хунрезӣ ягон вақт қатъ мегардида бошад?! Асрҳои миёна ба «Дон Кихот» бо дурахши назми провансалӣ, бо саҳнаҳои ҷолиби достонҳои паҳлавонӣ, ки худи Сервантес нахуст ба онҳо малеҳона механдид, вале боз ҳам бо номи «Персилес ва Сигизмунд» чунин достоне навишт, таъсир расониданд. Шекспир ташбеҳоти худро аз ҳама ҷо, аз замин, аз

осмон, бе ягон монеа мегирад, ҳеч чиз аз назари ҳамабини ӯ пинҳон намемонад; ӯ бо нерӯи фавқуллода, бо қувваи уқобе, ки ба болои сайдаш ҳуҷум мекунад, маъниҳои бикрро сайд мекунад. Сервантес симоҳои худро, мисли падаре, ки фарзандони худро муаррифӣ мекунад, меҳрубонона пеши хонанда мегузорад; ӯ танҳо чизеро мегирад, ки барояш фаҳмою наздик аст. Тамоми ҷанбаҳои инсонӣ мусаххари даҳо ва закои шоири англис мебошанд; Сервантес сарвати худро танҳо аз рӯҳу ҷони софу пок ва таҷрибаи бузурги рӯзгори худ мегирад, аммо сахтгирӣ намекунад; беҳуда нест, ки дар тӯли асорати ҷонкоҳи ҳафтсола Сервантес, тавре ки худ гуфтааст, дарси сабурӣ омӯхтааст; доираи муҳити ӯ тангтар аз муҳити Шекспир аст; аммо дар ин муҳит чун дар ҳар як мавҷудоти зинда тамоми ҷаҳон акс ёфтааст. Сервантес бо сухани мисли барқ фикри шуморо якбора рахшон намекунад; ӯ бо нерӯи фавқулоддаи илҳом якбора шуморо ба ваҷд намеоварад; шеъри ӯ Шекспирвор нест, ки монанди баҳр баъзан тира бошад, шеъри ӯ рӯди чуқури серобест, ки байни соҳилҳои гуногун равон аст; хонандаи соҳибзавқ ба амвоҷи мусаффои он фурӯ рафта, мафтуни хомӯшии паҳновар ва равонии сокити маҷрои он мешавад. Пеши назар симои ин ду шоири ҳамасрро меоварем, ки ҳарду дар як рӯз – 26 апрели соли 1616 аз дунё гузаштаанд. Сервантес шояд дар бораи Шекспир чизе намедонист; аммо фоҷеанигори беҳамто дар сукути хонааш дар Стратфорд, ки се сол қабл аз маргаш он ҷо гӯшанишинӣ мекард, мумкин романи бузурги Сервантесро хонда бошад, зеро дар он замон ба забони анлисӣ тарҷума шуда буд... Манзарае, ки арзандаи килки рассоми мутафаккир аст: Шекспир, ки «Дон Кихот» мехонад! Сарфарозу хушбахтанд кишварҳое, ки мисли ин ду шахс устодони ҳамасрон ваояндагонро ба инсоният бахшидаанд!

Тавқи ҷовидони шуҳрат ба гардани инсони машҳур ба халқи ӯ низ мансуб аст. Дар хотимаи ин суҳбати мухтасар лутф фармоед, баъзе гуфтаниҳои хосаро низ баён кунем.

Яке аз лордҳои англис (довари беҳтарин дар ин баҳс) дар ҳузури мо Дон Кихотро намунаи ҷентелмен – ҷавонмарди воқеӣ номид. Дар ҳақиқат, агар муошırати оддӣ ва оромбахш нишони одами ботарбия бошанд, Дон Кихот сазовори ин унвон аст. Ӯ идалгои ҳақиқӣ аст, ҳатто ҳангоме ки хидматгорзанони шӯхи ҳерсог рӯяшро пур аз кафки собун

мекунанд. Соддагии рафтори ӯ на аз набудани ҳисси худхоҳияш, балки аз он аст, ки мо онро соҳиби фикри худ будан меҳисобем; Дон Кихот ба худ машғул нест ва худу дигаронро эҳтиром карда, дар бораи худнамоӣ фикр ҳам намекунад; Ҳамлет бошад, бо ин вуҷуд, ки шароити роҳату гуворо дорад, бубахшед ба хотири ибораи фаронсавӣ, ayant des airs de parvenu - ба як бодии пешхез монанд аст; ӯ мушавваш, баъзан ҳатто дурушт аст, худнамоӣ мекунад, таҳқирро раво медорад. Аммо ӯ нерӯи баёни хосу нишонрас дорад, нерӯе, ки махсуси ҳар шахсияти мутафаккир ва созандаи худ аст, ки ба он Дон Кихот ҳаргиз дастрасӣ надорад. Умқ ва назокати таҳлилии Ҳамлет аз таҳсилоти ҳамаҷонибаи ӯ маншаъ мегирад (набояд фаромӯш кард, ки ӯ дастпарвари Донишгоҳи Виттенберг буд). Ӯ ноқиди беҳамтост, маслиҳатҳояш ба ҳунарпешагон дуруст ва оқилона ҳастанд; ҳисси назокати ӯ баланд аст, мисли ҳисси масъулияти Дон Кихот.

Дон Кихот ҳамаи фармудаҳои қоидаву қонун, дин, шоҳону ҳерсогҳоро эҳтиром мекунад, вале ҳамзамон озод аст ва ба озодии дигарон эҳтиром мегузорад. Ҳамлет ба шоҳону дарбориён дашном медиҳад ва моҳиятан як ситамгар ва таҳаммулнопазир аст.

Дон Кихот саводи кофӣ надорад, Ҳамлет, эҳтимол ҳатто рӯзнома ҳам пур мекард. Дон Кихот бо он, ки бесавод буд, дар бораи корҳои давлатӣ, идоракунӣ ақидаҳои худро дошт; Ҳамлет ба ин корҳо вақту ҳоҷат ҳам надошт.

Бисёриҳо бар зидди латукӯбҳои зиёде садо баланд мекунанд, ки Сервантес ба сари Дон Кихот меоварад. Мо болотар гуфтем, ки дар қисми дуюми достон паҳлавони бечораро қариб, ки намекӯбанд; аммо афзуданием, ки бе ин занозанию латукӯбҳо ӯ ба бачаҳое, ки саргузашташро хеле бо шавқу завқ мехонанд, он қадар писанд намеомад ва барои мо, калонсолон, ҳам тобиши аслии худро гум мекард, хунуку ҳавобаланду мағрур менамуд, хислатҳои табиии худро аз даст медод. Мо ҳозир гуфтем, ки дар қисми дуюм ӯро дигар намезананд; аммо дар охири китоб, баъди шикаст хӯрдани Дон Кихот аз ҷониби ритсар – паҳлавони «моҳи равшан», ки либоси бакалаврӣ пӯшида буд, баъди даст кашиданаш аз даъвои паҳлавонӣ, каме пештар аз фаворасии маргаш галаи хукон ӯро поймол мекунад. Мо борҳо шунидаем, ки барои ин саҳна Сервантесро маломат кардаанд – чаро инро навиштааст, чӣ даркор буд такрори

он шӯхиҳои дилбазан; аммо дар ин кор инстинкт – ғаризаи табиии даҳо раҳнамои Сервантес буд, чунки дар манфуртарин саргузашт низ маънии амиқ ниҳон аст. Зери пойи хукон таҳқир шудан дар ҳаёти Дон Кихотҳо кам вонамехӯрад ва маҳз дар охирҳои умрашон; ин вопасин ҳаққест, ки онҳо бояд барои тасодуфи дурушт, нофаҳмии бетарафона ва ҷонкоҳ бипардозанд... Ин аст торсакии дунёи дурӯя... Сипас онҳо метавонанд бимиранд. Онон аз обу оташи озмоишгоҳи ҳаёт бо сари баланд гузаштанд ва кунун дарҳои абадият бар рӯяшон боз мешавад.

Ҳамлет ҳангоми зарурат маккор, ҳатто сахтггир аст Ба ёд оваред саҳнаи аз ҷониби ӯ ташкил кардани қатли ду фиристодаи шоҳро ба Англия, ба ёд оваред суханронияшро дар маросими дафни Офелия, ки худ ба қатлаш расонида буд. Дар омади гап, тавре болотар гуфтем, инҳо инъикоси фоҷеаҳои чанде пеш сипаригаштаи асрҳои миёна буданд. Аз сӯи дигар, мо дар симои Дон Кихоти поквиҷдону воқеӣ бояд майлонҳои фиреби нимҳушёронаю нимгунаҳкорона, майл ба худфиребиро, ки қариб ҳамеша хоси тафаккури хаёлпарваронаи аҳли эҳсосу шавқ мебошанд, нодида нагирем. Ҳикояи ӯ дар бораи саргузашташ дар ғори Монтезинос бофта буд, ки ҳатто Санчо Панса ба он бовар накард.

Ҳамлет аз камтарин бебарорӣ рӯҳафтода мешавад ва лаб ба шиква мекушояд, Дон Кихот аз маллоҳони киштӣ то мурдан лат мехӯрад, аммо боварашро ба пирӯзӣ ҳеҷ аз даст намедиҳад. Мегӯянд, ки Фурйе ба воситаи рӯзномае ба як нафар англис муроҷиат карда буд, ки барои татбиқи нақшаҳояш ба ӯ як миллион франк диҳад ва тӯли чандин сол ба ваъдагоҳ мерафту интизор мешуд ва табиист, ки англис ягон бор ҳам пайдо нагардид. Албатта, ин хеле хандаовар аст, аммо як чизи дигар ба ёди мо меояд: одамони қадим худоҳои худро ҳосид, ҳасадхӯр меҳисобиданд ва барои баровардани ҳоҷатҳои худ ба онон ихтиёран қурбонӣ пешкаш мекарданд (ба ёд оваред ангуштарини ба баҳр партофтаи Поликратро); аз ин рӯ, чаро мо ҳам фикр накунем, ки қиссаи хандаовар бояд ба рафтор, ба хислатҳои худи инсонҳое, ки ба корҳои бузург даъват шудаанд, омезиш наёбад, мисли ҳамон қурбониҳое, ки ба худоён пешкаш мекарданд? Ба ҳар ҳол бе чунин ашхоси соддалавҳи хандаовар инсоният пеш намерафт ва Ҳамлетҳо низ дар бораи чӣ фикр карданашонро намедонистанд.

Бале, такроран мегӯем: Дон Кихотҳо пайдо мекунанд – Ҳамлетҳо

таҳия месозанд. Шояд аз мо бипурсанд, ки чӣ гуна Ҳамлетҳо ягон чиро таҳия, коркард мекунанд, чун ба ҳама чиз шакку шубҳа доранд ва аслан аз ҳисси бовар маҳрум мебошанд? Мо ба ин суол эътироз мекунем, зеро мувофиқи тақсимоти одилонаи табиат Ҳамлетҳои комил ва Дон Кихотҳои комил вуҷуд надоранд: инҳо танҳо нуқтаҳои канории ду самт, манзилҳои ниҳоии ду роҳ мебошанд, ки аз ҷониби шоирон эҷод шудаанд. Ҳаёт сӯи онҳо мешитобад, ҳарчанд ҳеҷ гоҳ онҳоро дарнамеёбад. Набояд фаромӯш кард, ки чун принсипи таҳлил дар симои Ҳамлет ба авҷи фоҷеа расонида шудааст, принсипи шавқу рағбат (энтузиазм) дар симои Дон Кихот ба авҷи мазҳака дакка хӯрдааст, аммо дар ҳаёт фоҷеаи комил ва мазҳакаи комил аҳёнан вомехӯранд.

Ҳамлет аз ҳамнишинию наздикии Горатсий хеле бурд мекунад. Бо ин шахс, ба иқболи замони мо, алҳол зиёд дучор меоем. Дар симои Горатсий мо пайраву шогирди содиқу вафодорро, ба маънии ҳаққонияш мебинем. Бо хислати равоқӣ, бо дили оташин, бо ақли каме маҳдуд ӯ норасоиву камбудиҳои худро ҳис мекунад ва хоксор аст, ки



хоси инсонҳои маҳдуд нест; ӯ ташнаи донишу насиҳат аст ва аз ин рӯ, даври Ҳамлети донишманд чун парвона мегардад ва бо тамоми ҳастии поки худ, бидуни интизории ҳамраъйӣ, изҳори садоқат мекунад. Ӯ бо Ҳамлет на ҳамчун шоҳзода, ҳамчун ба пиру сарвар муносибат мекунад. Яке аз хидматҳои бузурги Ҳамлетҳо низ ҳамин аст, ки ашхосеро мисли Горатсий ташаккул медиҳанд, тарбия мекунанд ва чунин инсонҳо тухми хиради коштаи онҳоро дар дили худ сабзонда, парвариш карда, баъдан ҳосили онро ба тамоми ҷаҳон паҳн мекунанд. Суханоне, ки Ҳамлет моҳияти Горатсийро эътироф менамояд, пеш аз ҳама боиси шарафмандии худи ӯ мебошанд. Дар ин суханон фаҳмишҳои худи ӯ дар бораи шаъну шарафи баланди инсон, кӯшишу талоши некхоҳона баён гардидаанд, ки ҳеҷ шаккокие наметавонад рӯйи онҳо соя афканад.

«Бишнав,–мегӯяд Ҳамлет ба ӯ,–

Аз он рӯзе, ки ин дил
Ҳокими аъмоли худ гардид,
Фарқи неку бад донист,
Туро пеш аз ҳама ҷо дод дар худ.
Басо ранҷе кашида, шодӣ бинмудӣ,
Пазируфтӣ  ту шаҳду заҳри қисматро
Ба шукру бо сипоси бекарона.
Ту хушбахтӣ, ки хун бо ақл
Омехтию сидқан мекунӣ хизмат,
На ҳамчун най
Туро ҳар боди қисмат дар фиғон орад,
Ку марде, ки варо эҳсос
Ғуломи худ нагардондаст?
Ман ӯро мекунам пинҳон
Ба умқи кони ҷони худ,
Ба мисли он, ки ман кардам туро пинҳон.

Шаккоки бовиҷдон ҳамеша равоқиро эҳтиром мекунад. Вақте ки дунёи қадим пош хӯрд, дар ҳар марҳалаи баъдӣ мисли он замон беҳтарин инсонҳо ба фалсафаи равоқия паноҳ бурданд, ки дар паноҳи он шаъну шарафи инсониро нигоҳ доштан мумкин буд. Шаккокиён агар

қудрати мурдан дар кишвари «рафтану барнагаштан» надоштанд, эпикурӣ шуданд. Падидаи фаҳмо, ғамангез ва беҳад барои мо ошно!

Ҳам Ҳамлет, ҳам Дон Кихот бо марги ҷонсӯз мемиранд; аммо анҷоми онон чӣ қадар тафовут дорад! Вопасин суханони Ҳамлет хеле зебо ҳастанд. Ӯ таслим мешавад, хомӯш мегардад, ба Горатсий фармони зиндагӣ кардан медиҳад, овози пешазмаргии худро ба фоидаи Фортинбраси ҷавон – намояндаи поку беолоиши сулолаи подшоҳӣ медиҳад... аммо нигоҳи охирини ӯ ба пеш нигаронида намешавад... «Боқимонда... хомӯшӣ», – мегӯяд шаккоки дар дами марг ва – воқеан, абадан хомӯш мешавад.

Марги Дон Кихот дилро ба риққат меоварад. Дар ин лаҳза тамоми моҳияти бузурги ин шахс дастраси ҳама мегардад. Вақте силоҳбардори собиқаш ба расми тасаллият мегӯяд, ки онҳо боз ба наздикӣ ба сафар мебароянд, паҳлавони ҷон дар лабаш расида мефармояд: «На, ҳама чӣ тамом шуд, ман аз ҳама кас бахшиш мепурсам; ман дигар Дон Кихот нестам, ман боз ҳамон Алонзои накӯкор ҳастам, тавре ки замоне маро чунин меномиданд:  – Alonzo el Bueno».

Аҷоибанд ин суханон; бори якум ва охир ба забон гирифтани ин лақаб хонандаро ҳайрон мекунад. Бале, танҳо ҳамин калима ҳанӯз пеши чеҳраи Марг қадр дорад. Ҳама чӣ мегузарад, ҳама чӣ нобуд мешавад, мансаби баланд, ҳукумат, даҳои оламгир, ҳама хок мешаванд...

Ҳама чизи шукӯҳманди заминӣ
Равад чун дуд сӯи осмонҳо...

Аммо корҳои нек мисли дуд ба ҳаво намераванд; онҳо абадитар аз тамоми зебоиҳои нотакрор ҳастанд; «Ҳама чиз мегузарад, – гуфта буд саҳоба (апостол), – танҳо ишқ аст, ки мемонад».

Баъди ин суханон чизе илова карда наметавонем. Мо худро хушбахт мешуморем, агар бо нишон додани ду самти аслии рӯҳи инсон, ки бо шумо суҳбат кардем, баъзе афкори шуморо, ҳатто мухолифи мо бошанд ҳам, барангехта бошем, – агар чунин аст, мо тақрибан вазифаамонро иҷро кардаем ва умед аст, ки таваҷҷуҳи хайрхоҳонаи шуморо наозурда бошем.

**Аз русӣ тарҷумаи**
**Ҷӯра ЮСУФӢ.**

# А.П.Чехов.



# Се ҲИКОЯ

## ПЕШ АЗ АРӮСӢ

Панҷшанбеи ҳафтаи гузашта, Подзатилкинаи дӯшиза дар манзили волидайни арҷманди худ бо Назариеви регистратори коллеҷ номзад шуд. Ноншиканон пуршукуҳ буд. Аз шампони ланиниски ду шишаву аз водко якуним сатил нӯшиданд, шишае шароби лафит ҳам нӯши ҷони арбобхонумҳои ҷавон шуд. Падарҷонҳову модарҷонҳои арусу домод ба мавқеъ ашк мерехтанд, арусу домод бо камоли майл бусобусӣ мекарданд; як шогирди синфи ҳаштуми дабиристон ба сухан омад: «O tempora, o mores!» ва «Salvete, boni futuri conjuges» – нӯшбодаш пурдабдаба буд; Ванка Симислуфи сурхмӯ, ки то он дам дар интизори шуруъи маросими қуръакашӣ аслан ҳич коре намекард, ғарқа дар ҳаяҷону андуҳи шадид, мӯяшро андар сари бузургаш жулидаву дар лаҳзае муносибу «айни муддао» зонуҳояшро гурс-гурс мушткӯб кард ва бо садои баланд гуфт: «Бало занад, дӯст доштам ман бонуро ва дӯсташ дорам!»; аз ин адои

ӯ дӯшизагони маҳфил ба завқ омаданд.

Подзатилкинаи наварус танҳо барои он хубу мақбул аст, ки ҳич чизе қобили таваҷҷуҳ надорад. Касе ҳам фаҳму фаросати ӯро надидаасту намедонад, аз ин рӯ дар васфаш – ягон калима. Қиёфааш низ одист: бинияш ба падарҷон рафта ва манаҳаш ба модарҷон, чашмонаш гурбаӣ, пеши бараш маъмулӣ. Пионино навохтан метавонад, аммо бидуни нота; модарҷонро дар ошпазхона дастёрӣ мекунад, бе корсет намегардад, таъоми явғонро хуш надорад, ибтидову интиҳои ҳамаи ҳикматро дар дарки ҳарфи «Ѣ» мебинад ва дар олам беш аз ҳама мардони хушандому исми «Роланд»-ро дӯст дорад.

Ҷаноби Назариев – марде миёнақад, қиёфааш сафеду беҳис, мӯйҳояш марғула, пушти сараш ҳамвор. Ӯ дар куҷое корманд аст, маошаш ночиз, басахтӣ барои хариди тамоку кифоят мекунад; аз вай доимо бӯйи собуни заъфарониву карболка меояд, худро шадидан занакбоз мешуморад,  баланд-баланд гап мезанад, шабу рӯз мутаҳаййир аст; дар гапзанӣ оби даҳонаш пош мехӯрад. Олуфтапӯш аст, волидонашро мутакаббирона назар меандозад ва ҳич хонуми ҷавоне набудааст, ки аз канораш бигзараду ӯ ба хонум нагӯяд: «Шумо чӣ қадар содалавҳед! Кош каме адабиёт мехондед!» Дар дунё беш аз ҳама хатти худ,  маҷаллаи «Саргармӣ» ва мӯзаи ғарчро дӯст дорад, аммо аз ҳама бештар дӯстдори худаш ҳаст, ба вижа, он лаҳазҳо, ки дар маҳфили бонувон нишаставу чойи ширин бинӯшад ва бо шӯру шавқ вуҷуди шаётинро инкор кунад.

Бале, чунинанд бону Подзатилкина ва ҷаноби Назариев!

Баъди маросими ноншиканон, саҳари рӯзи дигар, ошпаззан бону Подзатилкинаро, ки аз хоб бархест, назди модарҷонаш хонд. Модарҷон, ки бар рахти хоб дароз кашида буд, ӯро ин дарси ахлоқ дод:

– Боз чиро имрӯз худро бо пироҳани пашмин ороиш додаӣ? Мешуд, ки куртаи ҳариратро пӯшӣ. Вой, сарам чунон дарде дорад! Дина ин кали шумрӯйи падаратро шӯхӣ гирифт. Пазмони ҳамин гуна шӯхиҳои аблаҳона шудаам! Чӣ чизе дар қадаҳ барои ман меорад... «Бинӯш», мегӯяд. Хаёлам, шароб аст, – баъд, ки нӯшидам, – дар қадаҳ сиркаи махлут бо рӯғани зери шӯрмоҳӣ. Бадмасти кареҳ шӯхӣ кард ба ман! Ҳамин қадар ҳунар дорад ин манаҳкашол – танҳо шарманда кардани кас! Ман сахт дар аҷабу ҳайратам, ки ту дина хушҳол будӣ, гиря накардӣ. Хушҳолӣ аз чӣ? Оё пуле пайдо карда будӣ? Таъаҷҷуб мекунам!

Мардум хаёл мекард, ки ин шодиҳоят ҳама ба хотири тарки хонаи падариятанд. Албатта, шояд чунин ҳам бошад. Хуб? Ишқу ошиқӣ? Кудум ишқ? Ту аз рӯйи маҳаббат ба дунболаш нестӣ, дар умум аз пайи мансаби вай давидӣ! Ё ки нодуруст? Ҳайҳот, ки чунин!

Аммо, модарҷон, ин фанду феъли номзади ту маро хуш намеояд. Бераҷа мутакаббиру мағрур аст. Ту лаҷоми ӯро кашида... Чӣ-й-й-й? Ҳатто фикрашро накун!.. Баъди як моҳ ҳам шуруъ мекунед ба ҷанҷол: ки вай ин тур асту ту ҳам интурӣ. Шавҳардорӣ аз ҳавасҳои духтарҳост, вале он ҳич чизи хуб надорад. Худам таҷриба кардаам, медунам.

Ба сарат уфтод, ту ҳам мефаҳмӣ. Печутоб нахур ин қадар, бе ин ҳам сарам чарх мезанад. Мардҳо ҳама аблаҳанд, ҳамзистӣ бо онҳо чандон ширин нест. Ёри ту ҳам аблаҳ аст, агарчи фукаш чухт аст. Аз ҳадд мутеъи ӯ мабош, ин қадар ҳам нозбардорияш накун, иҳтиромашро ҳам чандон ба ҷо наёвар: ба ҳич ваҷҳ. Дар ҳар амре аз модар бипурс. Ҳар чӣ шуду нашуд, зуд пеши ман биё. Бе модарат худсарона коре накун, Худованд – пушту паноҳат! Шавҳар ягон маслаҳати хубат намедиҳад, кори хубе ҳам намеомӯзадат, ҳар даступое кунад, ба нафъи худ мекунад. Инро бояд донӣ! Падаратро ҳам ин қадар сӯхтамупухтам гӯш мадеҳ.

Ба хонаат даъвати будубошаш накун, ки бо ин хайрхоҳии аҳмақо... худро афгор мекунӣ. Вай талош мекунад, ки аз шумоён чизе ситонад. Тамоми рӯз соябасоя бо шумоён хоҳад буд, охир беҳуда дар остонаатон ҳалқа задааст?

Водко хоҳад пурсид, тамокуҳои шавҳаратро мекашад.

Оре, падарат аст туро, аммо як каси баду музиррест. Ин нобакор дар зоҳир некучеҳра аст, аммо дар ботин як мори заҳрдор! Шуруъ мекунад ба пулқарзкунӣ – надиҳедаш, зеро, агарчи мушовири мулкии рутбаи нуҳум аст, аммо як ҳуққабоз. Бибин, садояш баланд шуд, туро фарёд дорад! Рав наздаш ва он чӣ аз ман дар борааш шунидӣ, боз нагӯияш. Вагарна ин золими бетавфиқ ҳамоно ба ман дармеуфтад; аз худ канораш гузор – дури банур! Бирав ҳоло, қалби ман побарҷост!.. Ҳама душмани ман ҳастед!

Вақте мурдам, баъд суханҳои ман ёдатон меояд! Золимҳо! Дӯшиза Подзатилкина модарро гузошту сӯи падарҷон шитофт. Падар канори рахти хобаш нишаста, болишти кайкзадаашро хокаи бобуна мезад.

– Духтарам! – гуфт падарҷон. – Хеле шодам, ки бо ҷавоне мисли ҷа-

ноби Назариеви хирадманд нийяти издивоҷ дорӣ. Хеле хушҳолам ва ин амри хайрро таҳсин мекунам. Беибо шавҳар кун, натарс, духтаракам!

Хонадоршавӣ ин як омили пуршукуҳе... хуб, чӣ ҳоҷати гуфтан? Зиндагӣ кун, борвар шав, зиҳу зоти зиёд биёвар.

Худованд ҳодию ҳомият бошад! Ман... ман... мегирям. Зимнан, ашкҳо ба ҷое намерасонанд. Ашки одамӣ чӣ аст?

Танҳо як иҳсоси равонии буздилона ва дигар ҳич чиз!

Акнун, духтаракам, маслаҳати маро гӯш кун! Волидайни худро аз ёд набар! Шавҳар бадурустӣ аз падару модарат хубтар несту нахоҳад буд. Шавҳаратро фақат зебоии зоҳирии ту писанд аст, вале ту бо тамоми вуҷуд маҳбуби моӣ. Ин шавҳар ба чӣ хотир туро дӯст дорад? Барои хулқу хӯят? Барои неквартзиҳоят? Ба нишони эҳсос? На ҳаргиз-ҳ! Маҳзи ҷиҳоз дӯстат дорад ӯ. Охир, ҷунакам, мо ба дунболи ту чанд копек на, балки як ҳазор рубли расо медиҳем! Инро бояд фаҳмӣ! Ҷаноби Назариев марди бисёр хубест, вале ҳаргиз бештар аз падар дӯсташ мадор.

Ӯ ба ту мечаспад, аммо рафиқи асили ту нахоҳад шуд. Пеш меоянд он лаҳазоте, ки вай... Бас, беҳтараш, духтаракам, дигар ба забон наёрам! Модаратро гӯш кун, азизакам, аммо иҳтиёткорона. Ӯ як зани нек аст, ҳайҳот ки дурӯяву риёкор, сабукфикр, пурғанҷуноз. Ашрофзан аст, хонуми самимӣ, хуб... бало ба пасаш! Ӯ наметавонад ба ту ҳамон маслаҳатеро диҳад, ки падарат – муҷиби ҳастии ту, дода тавонад. Дар хонаат ӯро ҷо накун. Шавҳарҳо хушдоманро хуш надоранд. Мисли худи ман; ба ҳадде бад медидам, ки чанд бор дар қаҳвааш пӯкаи сӯхтагӣ рехта будам, ки мешуд аз онҳо переферанси муносиб чоп кард. Додгоҳи низомӣ Зиюмбумбунчикуфи афсарро ба хотири хушдоманаш ба муҳокама кашид. Магар ёдат нест? Зимнан, он вақт ту ба дунё наёмада будӣ. Бо ҳар касеву дар ҳар ҷое – аввал падар. Инро бояд донӣ ва низ фақат бояд ӯро гӯш кунӣ.

Баъдан, духтари ман... Ин тамаддуни аврупоӣ дар миёни табақоти занон мағлата коштааст, ки гӯиё баччаи зиёди зан, зиёни зан! Ин дуруғ! Як афсона! Падармодарро ҳар қадар фарзанд беш бошад, ҳамон андоза хуб аст. Зимнан, на! На ин тавр! Тамоман баракс! Ман иштибоҳ кардам,  ҷунакам. Ҳар қадар баччаи кам, ҳамон андоза дами беғам.

Инро дирӯз аз як гузориш хондам. Навиштаи кадом як Малтус. Бино бар ин... Касе омад... Ох! Ин ки номзади ту!



Бо либоси шеку фиребову айёр! Ох, боракаллоҳ! Волтер Скотти воқеъӣ! Ҷонакам, ба пешвозаш бирав, ман акнун табдили либос мекунам.

Ҷаноби Назариев омад. Арус пазирояш шуду гуфт:

– Лутфан, бишинед бидуни расмият!

Ӯ ду бор пошнаи пойи росташро кӯфту назди арусаш бинишаст.

– Чӣ тур зиндагӣ доред? – шуруъ кард ӯ бо ҳамон густохии дерин. – Хуб хобидед? Аммо медонед, ман имшаб тамоман нахобидам. Эмил Золаро мехондаму дар бораи шумо орзу кардам. Шумо Золаро хондаед? Магар не? Ҳай-ҳай-ҳай! Охир нахондани он дар ҳукми ҷиноят аст! Як корманд ба ман дод, ки хонам. Басо ҷаззоб менависад!

Ман медиҳам, ки бихонед. Оҳ! Вақте онро дарк мекунед!

Ман чунон ишқу алоқае ҳис мекунам, ки шумо ҳич гоҳ эҳсосаш накардаед! Иҷозат диҳед, ки муччитон кунам!

Оқои Назариев нимхез шуд ва лаби пойини дӯшиза Подзатилкинаро бӯса зад.

– Хонавода куҷоянд? –идома дод бо ҳамон густохӣ. – Мехоҳам, бибинамшон. Бояд гӯям ки аз онҳо, ман то ҷое асабониям. Хеле фиребам додаанд, фавқулода! Таваҷҷуҳ мекунед... падари шумо ба ман мегӯянд, ки мушовири мулкии дараҷаи ҳафтумам, аммо маълум мешавад, ки ӯ фақат мушовири мулкии дараҷаи нуҳум будааст. Ҳ-мм!..

Магар ҳамин тавр мумкин аст? Баъд-ҳ... Ӯ қавл дода буд, ки барои шумо якуним ҳазор рубл медиҳад, вале дирӯз модарҷонатон ба

ман гуфт, ки ман беш аз ҳазор гирифта наметавонам. Оё ин харигарӣ нест? Черкасҳо мардумони хунмастеянд, бо ин вуҷуд, чунин рафтор намекунанд.

Ман иҷоза нахоҳам дод, ки ин гуна фиребам диҳанд! Ҳар коре бикун, аммо ба иззати нафсу азхудгузаштагии ман нарас! Ин ғайриинсонист! Ин номақбул аст. Ман шахси дурусткорам, аз ин рӯ дӯст намедорам риёкоронро!

Мешавад бо ман ҳар муомалае кард, аммо макр накун, захми забону таъна мазан ва ҳамчунон рафтор кун, ки дар мизони инсофи инсон ғунҷад! Оре! Чеҳраҳошон ҳам як гуна торик! Ин чӣ қиёфа аст? Ин, ки қиёфа нест!

Шумо бибахшед маро, ман ҳисси хешовандие дар онҳо намебинам. Ҳамин ки издивоҷ кардем, баъд онҳоро водор хоҳем кард. Ман пуррӯиву барбариро дӯст надорам! На шаккокам, на беҳаё, аммо маърифате дорам, ки моҳияти аслиро сарфаҳм меравам. Мову шумо онҳоро мутеъ хоҳем кард! Волидайни ман кайҳост, ки на гапзанию на сарзанӣ!

Хуб, шумо ҳануз қаҳва нанӯшидаед? На? Пас, ман ҳам бо шумо хоҳам нӯшид. Берун ки рафтед, папирос биёредам, ки тамокуямро фаромуш кардаам.

Арус берун рафт.

Инҳо ҳама то ҷашни арусӣ... Аммо баъди арусӣ чӣ пеш хоҳад омад, гумон намекунам танҳо ба расулони Худову мардумони хобгард маълум бошад.

**1880**

# БЕҶУРЪАТ

Муаллимаи хусусии баччаҳоям, Юлия Василевнаро, чанд рӯз пеш ба утоқи корам даъват кардам. Мебояст, маъошашро мепардохтам.

– Бишинед, ки ҳисобӣ кунем, Юлия Василевна! –гуфтамаш. – Шояд ба пул ниёзманд бошед, аммо чунон хоксоред, ки лаб ҳам во намекунед... Ху-уб... Қарорамон ин буд, ки



шумо андар моҳ сӣ рубл...

– Чиҳил рубл...

– На, сӣ рубл... Ин ҷо навиштаам... Ҳамеша муаллими хусусиро сӣ рубл медодам. Пас-с, шумо ду моҳ кор кардед...

– Ду моҳу панҷ рӯз...

– Ду моҳи расо... Дар дафтари ёддошти ман қайд шуда. Пас, бояд, ба шумо шаст рубл... Нуҳ якшанбе кам мешавад... шумо ки якшанбеҳо бо Колия кор намекардед, фақат гардиш кардед... ва боз се рӯзи истироҳати ид...

Чеҳраи Юлия Василевна барафрухт ва даст ба чини пироҳан бурду таконаш дод, аммо... лом нагуфт!..

– Се рӯзи ид... Кам шуд, ба иборате, дувоздаҳ рубл...

Чаҳор рӯз Колия бемор шуд ва дарс набуд... Шумо фақат бо Вария машғул будед... Се рӯзи дандондардиятон; ҳамсарам рухсат дод, ки

баъди чошт фориғ бошед...

Дувоздаҳу ҳафт шуд нуздаҳ. Кам мекунем... мемонад... ҳмм... чиҳилу як рубл... Дуруст?

Чашми чапи Юлия Василевна сурху пурнам шуд.

Манаҳаш ларзид. Асабонӣ сулфиду бинӣ кашид, аммо –лому миме не!..

– Шаби Соли нав шумо финҷони чойхӯриро бо зерлаълияш шикастед. Каср мекунем ду рубл... Финҷон қиматтар аст, ёдгории хонавода, хуб... паноҳ ба Худо! Буд, ки набуд! Сипас-с, аз беназоратии шумо Колия рӯзе болои дарахт баромаду камзулчаашро даронд... Даҳ рубли дигар барбод... Пешхидмат аз бепарвоии шумо кафшҳои Варияро дуздид. Шумо муваззафед, ки муроқиби ҳама чиз бошед. Бобати ин маъош мегиред. Пас, ҳамин тавр, боз касри панҷ рубли дигар...Шумо даҳуми январ аз ман даҳ рубл гирифта будед.

– Ман нагирифтаам, – оҳиста зери лаб гуфт Юлия Василевна.

– Ман ки бехуд ёддошт накардаам!

– Хуб, бигзор...

– Аз чиҳилу як бисту ҳафтро кам кардем – мемонад чаҳордаҳ рубл...

Чашмонаш ҳавзи ашк шуданд... Пушти бинии дарозу хуштарҳаш қатраҳои дурушти арақ дамид. Духтараки бенаво!

– Фақат як бор гирифтам, – гуфт бо садои ларзон. – Аз ҳамсаратон се рубл... Дигар нагирифтаам.

– Оҳ-ҳо? Мебинед, инро ёддошт накардаам! Аз чаҳордаҳ се ҳам рафт, монд ёздаҳ... Инак, нозанинакам, пули шумо!

Ин се рубл... се, се... як ва боз як... Марҳамат!

Ва ёздаҳ рублаш додам... Пулҳоро бо ангуштони ларзон гирифту ба ҷайбаш гузошт.

– Merci, – зери лаб овоз баровард.

Аз ҷой барҷастаму ошуфта ин тараф-он тараф қадам задам. Сартопо хашмам гирифт.

– Ин merci бобати чӣ? – пурсидамаш.

– Барои пул...

– Охир, ман шуморо ғорат кардам, лаънати Худо бар шайтон, хонавайронтон кардаам! Ошкоро аз шумо дуздидам! Merci чиро?

– Дар ҷойҳои дигар кор мекардам, ҳатто ҳаминро ҳам намедоданд...

– Намедоданд? Ҷойи таъаҷҷуб ҳам нест! Ман шӯхӣ кардам ба шумо, дарси талхе бароятон додам... Ҳаштод рубли ҳаққи ҳалолатонро медиҳам! Ҳамааш дар ин лифофа тайёр! Аммо то ин ҳадд оҷиз будан магар мумкин аст? Чиро шумо эътироз намекунед? Аз чӣ сокитед? Магар мумкин аст, ки дар ин дунё дандон тез накарду забони талх ёд нагирифт? Магар мумкин аст, ки ин қадар беҷуръату бечора бошед?

Ӯ лабханди талхе зад ва аз қиёфааш хондам, ки «Оре,  мумкин аст!»

Барои ин дарси талхи додаам, аз ӯ пӯзиш хоста, дар баробари ҳайрати тамомаш ҳаштод рубли маъошашро додам. Бо шарму беҷуръатӣ сипос гуфту берун рафт...

Ман аз пайи ӯ нигаристаму андешидам: дар ин дунёи мо зӯргуфтану қудратнамоӣ кардан чӣ ҳадд саҳлу сода аст!

**1883**

# ҒАВҒО

Машенка Павлитская, бонуи ҷавон, навхатмкардаи мактаби шабонарӯзии занона, ки дар манзили Кушкинҳо ба ҳайси муаллими хусусӣ зиндагӣ мекард, аз гаштзанӣ баргашту аз ғавғои ногаҳоние ғофилгир шуд. Дарро ба рӯйи ӯ Михайлои ходим боз кард, ки аз ҳаяҷон ҳамчун харчанг сурх шуда буд.

Аз табақаи боло садои ғавғо меомад.

«Шояд бемории хонум хуруҷ карда бошад... – андешид Машенка, – ё бо шавҳараш моҷаро карда...»

Дар даҳлезу роҳравҳо ӯ ба пешхидматон вохӯрд. Як пешхидмат гиря мекард. Он гоҳ Машенка дид, ки аз дари ҳуҷраи ӯ худи арбоб, Николай Сергеич, хурдҷусса,  ҳанӯз на солманд, бо лунҷи аз фарбеҳӣ овезону сари тос

берун давид. Чеҳрааш албонӣ буд. Саропо меларзид...

Вай мутаваҷҷеҳи пешхидмат нашуда, аз бари ӯ гузашту дастҳояшро боло карда, фарёд кашид:

– Оҳ, чӣ ваҳшат! Чӣ бефаросатие! Аблаҳие! Чӣ ваҳшигӣ!

Ин қадар нафратангез!

Машенка вориди ҳуҷраи худ шуд; ин дам, ӯ бори нахуст дар зиндагияш эҳсоси талхеро таҷриба кард, ки ба одамони побанду фармонбурдор ва мӯҳтоҷи як пора нон дар назди касони дорову номӣ ошност. Хонаи ӯро кофтуков карда буданд. Соҳибхона, Федосия Василевна– зане тануманд, шонапаҳни абрувонаш анбуҳи сиёҳ, сараш бараҳнаву чунг, бо мӯйлабҳои то ҳадде намоёну дастони сурх ва симою рафтораш шабеҳи ошпаззанҳои рустоии фақир, дар назди мизи ӯ меистод ва ашёи ӯ –калобаи пашмӣ, латтапора, ҳар гуна коғазҳоро дубора дар борхалтааш ҷобаҷо мекард... Мусалламан, зуҳури муаллими хусусӣ барои ӯ ғайричашмдошт буд, ки чун ӯро бо чеҳраи пур аз изтиробу ҳайрат дид, то ҷое такон хӯрд ва зери лаб ғурунгид:

– Pardon, ман... ман тасодуфан уфтондам... остинам дармонд...

Ва мадам Кушкина боз чӣ чизе гуфту бо домани дарозаш шир-ширкунон аз дар берун шуд. Машенка бо чашмҳои ҳайрон ҳуҷраашро аз назар гузаронду чизеро пай набурд ва надонист, ки чӣ фикре кунад, китф дарҳам кашид, аз тарсу бим сард шуд... Федосия Василевна дар борхалтаи ӯ чӣ чизе мекофт? Агар воқеъан рост гӯяд ва тасодуфан бо остинаш ҳамаро чаппа карда, пас чиро Николай Сергеич аз ҳуҷра ин гуна сурху ҳаяҷонӣ берун давид? Чиро аз мизи ӯ як ҷаъба андаке беҷо шуда? Сандуқчае, ки муаллима ба он тангаҳову маркаҳои куҳнаро мегузошт, боз буд. Онро кушодаанд, вале натавонистаанд бибанданд, қуфли ин сандуқча тамоман харош хӯрдааст. Дар ҳама ҷо – рафи китобҳову мизи корию рахти хобаш, нишонаҳое аз бозҷӯии тоза бармало буд. Ва дар сабади либоси таг ҳам.

Ин либосҳо муназзам гузошта шуда буданд, аммо на ба он назокате, ки Машенка худ пеш аз берун рафтан, гузошта буд. Пас, кофтукоф будааст бо тамоми маънӣ, кофтукови мӯшикофона аз сар то таҳ, аммо ба чӣ мақсад, чиро? Чӣ ҳодисае рух дода бошад? Машенка таҳлукаи ходиму он ғавғоеро, ки ҳанӯз давом дорад ва пешхидмати гирёнро ба ёд овард; оё ин ҳама бо кофтукове, ки нав дар ҳуҷраи ӯ анҷом шудааст, рабте дорад? Мабодо ӯро ба кадом як кори мудҳиш шарик накарда бошанд? Ранги рӯи Машенка париду дар вуҷудаш хунукӣ дамид ва рӯйи сабади либос нишаст.

Ба ҳуҷра пешихидмат даромад.




– Лиза, шумо намедонед, ки чиро ин... ҳуҷраи маро кофтуков кардаанд? – пурсид муаллима.

– Зевари арбобхонум, гули гиребони дуҳазоррублияш, гум шудааст... – гуфт Лиза.

– Хуб, аммо кофтукови ҳуҷраи ман чиро?

– Ҳамаро баррасӣ карданд, бонуи ман. Ва маро ҳам куллан ҷустанд... Яксара ҳамаамонро бараҳна карданд, сар то пой ва кофтанд... Аммо банда, бонуи ман, Худо шоҳид... На ин ки зевари онҳо, ҳатто ба ороишҳояшон наздик нашудаам. Ва ба пулис ҳам чунин мегӯям.

– Вале... кофтуков дар ҳуҷраи ман чиро? – ҳамоно таъаҷҷуб мекард муаллима.

– Гуфтам ки, гули гиребонро дуздидаанд... Хонум худ ба дасти худ ҳама ҷоро ҷустуҷӯ кард. Ҳатто Михайлои ходимро бозҷустанд. Тамоман русвоӣ! Николай Сергеич фақат тамошо мекунаду қуд-қуд мекунад, чун мокиён.

Аммо, шумо, бонуи ман, беҳуда метарсед. Аз ҷиҳозатон чизе наёфтанд! Агар ин зеварро шумо нагирифта бошед, пас набояд нигарон шуд.

– Охир Лиза, ин хабосат... тавҳиномез аст! – гуфт

Машенка, аз хашм нафасгир шуда. – Ин разолатест, пастист! Чӣ ҳақ дорад аз ман гумонбар шавад ва ашёи маро такорӯ кунад?

– Дар хонаи бегона зиндагӣ мекунед, бонуи ман, – оҳ кашид Лиза. – Агарчи шумо ашрофзодаед, аммо ин ҷо... гӯё ки як чокар... На он тавр аст, ки манзили падар ё модар бошад...

Машенка ба бистар уфтоду талх гирист. Ҳич гоҳ бар ӯ ин гуна зӯрнамоӣ накарда буданд ва ҳич гоҳ ҳам ӯ чунин таҳқирро надида буд, ки ҳоло мебинад... Ӯро – як дӯшизаи нектарбиядидаву фарҳехта, духтари омӯзгоре, – ба дуздӣ гумонбар шуданд, ҳамчун зани бероҳа бозрасияш кардаанд! Таҳқире болотар аз инро, шояд, тасаввур натавон кард! Ӯро, бар иловаи ин эҳсоси ранҷиш, боз тарси вазнине дӯшбор шуд: баъдан чӣ хоҳад шуд?! Ҳаройина сари Машенкаро хаёлоти ботил гиҷ мекард. Чун ӯро ба дуздӣ гумонбар шудаанд, он гоҳ, ҳамин тавр, метавонанд боздошташ кунанд, пӯшокашро аз тан бадар ва бараҳна кофтуковаш кунанд, сипас пешопеши нигаҳбонҳо аз кӯча бибарандаш, дар утоқаки торику хунуки пур аз мушу кана бишинонандаш, дақиқан ба ҷое, ки шоҳдухт Тараканова нишаста буд. Он гоҳ кӣ ӯро пуштибон хоҳад шуд? Волидайнаш дар музофотҳои дуранд; барои назди ӯ омадан пуле надоранд. Дар пойтахт ӯ танҳост, чун дар саҳрое бе кас, бидуни пайвандону ошноён. Бо ӯ ҳар чӣ хоҳанд, мекунанд.

«Назди додрасҳову вакилмудофеъҳо меравам... – меларзиду меандешид Машенка. – ба онҳо мефаҳмонам, савганд мехӯрам... Боварам хоҳанд кард, ки ман набояд дузд бошам!»

Машенка ба ёд овард, ки дар сабади ӯ, зери малофаҳо, ширинӣ ҳаст, ки вай бо одати деринаи донишҷӯӣ, дар ҷайб пинҳон мекарду ба ҳуҷрааш меовард. Андешаи он ки ин рози кӯчак ҳоло пеши арбобон боз шуда, ӯро музтариб кард, хиҷолат кашид, ва аз ин ҳама тарсу шарму озорҳо, қалбаш шадидан ба тапиш омад, ки ба чаккаи рухсораҳо, дар дастони ӯ то умқи шикамаш асар мегузошт.– Марҳамат, ба хуроки чошт! – даъват карданд Машенкаро.

«Биравад ё не?»

Машенка мӯяшро ба тартиб овард, рӯяшро бо даспокуни тар пок кард ва ба ошхона омад. Он ҷо хурок мехӯрданд...

Аз як сӯи миз Федосия Василевна нишаста буд – мувaққар, бо чеҳраи

кареҳи ҷиддӣ, аз сӯи дигар – Николай Сергеич.

Дар ду бари миз меҳмонон менишастанду кӯдакон.

Ду хидматгор, ба бар пешдоману дар дастон датпӯши сафед, таъом медоданд. Ҳама медонистанд, ки дар хона нороҳатиест, арбобхонум гирифтори ғам, аз ин рӯ сокит буданд. Танҳо фаш-фаш хӯрдану тақ-тақ ба ҳам задани қошуқу лаълӣ шунида мешуд.

Суҳбатро арбобхонум худ шуруъ кард.

– Ғизои сеюм чӣ бошад? – пурсид ӯ аз пешхидмат бо садои нохушу маҳзун.

– Эстуржон а ля рюсс ! – посух дод хидматгор.

– Ин фармудаи ман, Феня... – гуфт Николай Сергеич дастпоча шуда. Дилам моҳӣ кашид. Агар хушат наояд, ma chère , бигзор наёранд. Ман, ки ҳамин тавр... ҳавас кардам...

Федосия Василевна ғизоеро, ки худ нафармудааст, дӯст намедошт, акнун чашмонаш пури ашк шуданд.

– Хуб, нороҳат намешавем, – гуфт бо малоҳату чоплӯсӣ Мамикуф, пизишки хонаводагии хонум ва бо нармӣ дастони ӯро навозиш карду низ ширин табассум намуд.

– Мо бе ин ҳам ба қадри кофӣ асабонӣ ҳастем. Зеварро фаромуш мекунем. Тани сиҳат – қиматтар аз ду ҳазор рубл!

– Ғуссаи ман барои ду ҳазор нест! – посух дод арбобхонум ва ашке бузург ба рухсораш чакид. – Аз ин ҳодиса ошуфтаам! Ман дар хонаам таҳаммули duздонро надорам. Ҷойи дареғ нест, ба ҳич чизам афсус намехурам, аммо дуздидани моли ман – ин як намакбаҳаромист! Дар ивази эҳсон чунин посух медиҳанд...

Чашми ҳама ба косаҳояш буд, аммо ба назари Машенка намуд, ки пас аз суханони арбобхонум дигарон ӯро нигаҳ доранд. Якбора дар гулуяш ҳаяҷон уқда зад ва гирён шуду дастмолро ба рӯяш пахш кард.

– Pardon, – зери лаб гуфт ӯ. – Дигар наметавонам. Сарам дард дорад. Меравам.

Ва ӯ аз сари миз бархост, курсиро ба тарзи ногувор канор гузошт ва бештар ошуфта гашту зуд берун шуд.

– Ба Худо ки хуб нест! – ба гап даромад Николай Сергеич, абру дарҳам кашида. – Кофтукови хонаи ӯ чӣ зарур буд?

Як коре, ба Худо... бемаврид.

– Ман намегӯям, ки гули гиребонро ӯ гирифтааст, – гуфт Федосия Василевна, – аммо ту оё метавонӣ зомини ӯ шавӣ? Ман, ростӣ, ба ин уламои бенаво чандон эътимод надорам.

– Валлоҳ, Фения, номуносиб буд... Бибахш маро, Фения, мувофиқи қонун ҳақ надорӣ, ки касеро кофтуков кунӣ.

– Ман қонунҳои шуморо намедонам. Ҳаминро медонам, ки зеварам гум шудааст, вассалом. Ва онро пайдо хоҳам кард! – вай шохаро ба лаълӣ зад ва чашмонаш аз ғазаб дурахшиданд. – Шумо бихуред ва коре ба кори ман надошта бошед!

Николай Сергеич бечораҳолона чашм пойин карду оҳе кашид. Машенка, дар зимн, ба ҳуҷраи худ омада, рӯйи бистар уфтод. Ӯ дигар эҳсоси изтиробу шарм намекард, аммо дар вуҷудаш ангезаи қавие буруз карда буд, ки бираваду бар рӯйи ин зани бераҳм, ҷаррору кавдану комёб шаппотие бизанад.

Вай дароз кашида, болишт андар рӯяш, нафас мекашиду орзуи онро мекард, ки чӣ хуб буд, агар бираваду гаронтарин гули пираҳане бихарад ва онро ба рӯйи ин зани худсар бизанад. Ба хости Худо, чӣ хуб буд, ки агар Федосия Василевна бенавою дар ба дар гадоӣ мекард ва тамоми ваҳшати камбағалию вазъи ноҳинҷорро мефаҳмид ва он гоҳ Машенкаи таҳқирдида ба ӯ хайр мекард! Оваҳ, агар мероси ҳангуфте ба дасташ мерасид, аробае мехариду аз бари тирезааш бо ҳаёҳу меронд, то ки ӯ рашк мебурд!

Аммо инҳо ҳама аз орзуҳо буданд, дар амал танҳо як роҳ буду бас – ҳар чӣ зудтар рафтану соъате ин ҷо намондан. Ростӣ, маҳрум шудан аз ҷое, боз рафтан ба назди волидайни фақир ваҳшат аст, аммо дигар чӣ чора?

Машенка акнун тобу тоқати дидори хонуму ҳуҷраи хурди худро надошт, ин ҷо барояш нафасгиру мусибатбор буд. Федосия Василевна, ин васвоси иллатҳою ашрофманишиҳои дурӯғини худ, ӯро ба ҳадде безор карда буд, ки ба назараш гӯиё дар олам ҳама чиз хушунатбору бадманзар шудааст ва маҳз барои он ки ин зан дар он зиндагӣ мекунад. Машенка аз ҷо барҷасту шуруъ кард ба тайёрии сафар.

– Иҷоза ҳаст? – аз паси дар пурсид Николай Сергеич; ӯ ноаён пеши дар омада буд, пасту нарм мегуфт. – Иҷоза?

– Бифармоед, марҳамат.

Ӯ ворид шуду дар пойгаҳ истод. Чашмонаш камнур буданд, бинии сурхаш ҷило медод. Баъди чошт оби ҷав нӯшида буд, ки аз пойпартоию дастони заъифу шуллаш аён буд.

–Ин чӣ аст боз? – пурсид ӯ ба бори сафар ишора карда.

– Чизҳоямро ҷамъ меоварам. Маро бибахшед, Николай Сергеич, дигар наметавонам, ки ин ҷо бимонам. Ин бозрасӣ амиқан маро таҳқир кард!

– Ман мефаҳмам... Аммо шумо беҳуда озим мешавед...

Чиро? Баррасӣ шуд ҳуҷраи шумо, аммо шумо аз он ки... аз ин шуморо чӣ коҳид?

Машенка хомуш буд ва чизҳояшро ҷамъ мекард.

Николай Сергеич бурутashро бо лабҳояш фишор дода, гӯиё меандешид, ки боз чӣ бигӯяд, бо чоплӯсӣ суханашро давом дод:

– Ман, албатта дарк мекунам, аммо шумо бояд бо гузашту хатобахш бошед. Медонед, ҳамсари ман асабонӣ, якрав аст, набояд ӯро ин гуна маломат кард...

Машенка ҳарфе намезад.

-Агар шумо ин гуна таҳқир шудаед, -давом дод Николай Сергеич, -пас, ман ҳозирам, луфтан дар баробари шумо пӯзиш талабам. Маъзарат мехоҳем.

Машенка посухе надод, фақат болои чамадони худ хам шуд. Ин сиришти фартуту беҳамият дар ин манзил қадру манзилате надошт. Вай бозигари нақши ғамангези як резахӯру туфайлие ҳатто дар баробари хидматгорон буд; ва узраш низ арзише надошт.

– Ҳмм... Хомушед? Бароятон кофӣ нест? Дар ин ҳол ман аз ҷониби занам узрхоҳӣ мекунам. Аз номи занам... Вай бемулоҳазагӣ кард, ман иқрор мешавам, ҳамчун ашроф...

Николай Сергеич дар ҳуҷра чанд қадам зад, оҳе кашид ва давом дод:

– Яъне, шумо боз мехоҳед, ки ин ҷо, зери қалбам, ба дард ояд... Мехоҳед, ки азоби виҷдон кашам...

– Ман медонам, Николай Сергеич, шумо гуноҳе надоред, – гуфт Машенка, бо чашмони бузурги ашколуд рост ба рӯйи ӯ нигариста. – Чиро шумо азият мекашед?

– Албатта... Аммо ба ҳар ҳол... аз ин ҷо наравед... Хоҳиш мекунам.

Машенка бо аломати радд сар ҷунбонд. Николай Сергеич назди тиреза истоду ба шишаи он ангушт задан гирифт.

– Ин гуна моҷароҳо барои ман азоби маҳз аст, – гуфт ӯ. – Ҳоло чӣ кунам, пешатон ба зону занам? Ба иззати нафси шумо расиданд ва шумо, инак, гиря ҳам кардед;  мехоҳед ки биравед; бинед, ман низ обурӯ дорам, аммо шумо гузаште намекунед. Ё мехоҳед, ба шумо чизеро гӯям, ки ҳатто дар дуъову талаби омурзиш дар ибодатгоҳ намегӯям? Мехоҳед? Гӯш кунед, шумо мехоҳед, ки ман аз оне иқрор шавам, ки ҳатто пеш аз маргам, дар назди кашиш ба забон намеоварам?

Машенка лаб фурӯ баста буд.

– Ман ин зевари занамро гирифтам! – зуд гуфт Николай Сергеич. – Ҳоло чӣ? Қонеъ шудед? Бале, ман... гирифтам...

Фақат, албатта, ман ба тавозуъи шумо итминон мекунам...

Аз барои Худо, ба касе лаб накушоед, ҳатто як зарра ишора ҳам накунед!

Машенка, тааҷҷубзадаву ҳаросон, ҷамъугири колоҳояшро давом медод; даст ба бисоти худ мезад,  онҳоро мепечонду берабту осема дар борхалтаву чамадон мениҳод. Акнун, пас аз иқрори ошкорои Николай Сергеич, ӯ дигар наметавонист дақиқае диранг кунад ва дар тасаввураш намегунҷид, ки то ҳол ӯ чӣ гуна дар ин манзил таҳаммул кардааст.

– Таъаҷҷуб ҳам надорад... – давом дод Николай Сергеич, каме сукут карда. – Як моҷарои маъмулист! Ман ба пул иҳтиёҷ дорам, аммо вай... намедиҳад. Охир ин хонаву ин ҳама милку мол аз падари ман аст, Мария Андреевна! Ва ин ҳама мутааллиқ ба ман ва гули гиребон ҳам аз модари ман, ҳама... ҳама моли мананд! Инҳоро ин зан гирифт, аз они худ кард... Қабулам кунед, намешавад бо ӯ дар додгоҳ кашокаш кард... Аз шумо хоҳиши самимона, ки моро бибахшед ва ҳаминҷо... бимонед... Мемонед?

– Не! – гуфт Машенка қотеъона, ки вуҷудаш ба ларза омада буд. – Илтимос, маро ба ҳоли худ гузоред.

– Хуб, Худо баракат диҳадтон, – оҳ кашид Николай Сергеич, болои курсичаи назди чамадон нишаста. – Ман, ростӣ, онҳоеро ки метавонанд таҳқиру озор ва амсоли инро эҳсос кунанд, дӯст медорам. Метавонам, солҳо нишаста, чеҳраи аз қаҳр афрӯхтаи шуморо тамошо кунам... Хуб, яъне, ин ҷо мондан намехоҳед? Мефаҳмам шуморо... Ангезаи дигарро намешуд интизор дошт... Оре...

Хуш ба ҳоли шумо, аммо мебинед, ки ман – аз ин мондаву аз он ронда!.. Аз ин таххона наметавонам як қадам берун равам. Намешавад

ба ягон милки худ сар задан, он ҷо ҳам ин занҳои хабис нишастаанд... раис, агроном, бало занад инҳоро. Ба гарав мемонанду раҳн мегиранд ва боз дубора гарав мемонанд. Моҳӣ шикор накун, алаф поймол нашавад, дарахтҳоро набишкан.

– Николай Сергеич! – аз толор садои Федосия Василевна омад. – Агния, арбобро фарёд кун!

– Пас намехоҳед бимонед? – пурсид Николай Сергеич,  зуд аз ҷой хеставу ҷониби дар рафта. – Ба Худо, кошке ки мемондед. Бегоҳиҳо наздатон меомадам... суҳбат мекардем. Ҳо? Бимонед! Шумо ки меравед, дигар дар ин хона касе намемонад, ки симои инсонӣ дошта бошад.

Воқеъан як ваҳшат аст!

Чеҳраи заҳиру пажмурдаи Николай Сергеич тавалло дошт, аммо Машенка бо нишонаи радд сар меҷунбонд; ӯ даст афшонду берун шуд.

Пас аз ним соъат духтарак дар роҳ буд.

**1883**

**Тарҷумаи**
**Обид Шакурзода**

# Акутагава РЮНОСКЭ



# ТОРИ ТОРТАНАК

1

Як вақт Буддо лаб-лаби ҳавзи биҳишт сайр мекард.

Тамоми сатҳи ҳавзро нилуфарҳои садафосо сафед пӯшонда буданд ва дилаҳои тилоранги онон ба атроф накҳати гуворои ифоданопазир пош медоданд.

Он ҳин дар биҳишт сапеда медамид.

Буддо андармони фикру хаёл бозистод ва ногаҳон аз ойинаи об, ки миёни баргони калон-калони нилуфарҳо медурахшид, ҷумла ҳодисоте, ки дар поёни поён, дар қаъри ҳавзи Нилуфарзор, ба амал меомаданд, пеши чашмаш ҷилвагар шуданд.

Ҳавзи биҳишт то дуртарин аъмоқи ҷаҳаннам рафта мерасид.

Аз қабати оби булӯргуна софи он кӯҳи Сӯзан ва рӯди Сандзу ба андозае равшан метобиданд, ки гӯиё ба онҳо аз чашмаки заррабин менигариста бошӣ.

Он ҷо, дар партгоҳи ҷаҳаннам, шумораи ҳангуфти гунаҳгорон болоиҳам ба дида мерасид.

Ва чунин иттифоқ афтод, ки нигоҳи Буддо ба Кандата ном гунаҳгор қарор гирифт.

Кандатаи мазкур тороҷгаре буд ваҳшатангез. Ӯ ҷинояти зиёд содир кардааст: мекушт, мебурд, месӯхт. Лек бо вуҷуди ин ҳама дар дафтари аъмоли ӯ низ як кори нек навишта шудааст.

Боре ӯ аз бешазори анбӯҳ гузар мекард, ки ногоҳ бидид: канор-канори пайраҳа як тортанаки резгимонанди хурд шитобон аст. Кандата пой бардошт, ки онро пахш созад, вале ҳамон дам ба худ гуфт: «Не, хурдакак бошад ҳам, махлуқи зинда аст. Беҳуда куштан убол мешавад».

Ва ба ҳоли тортанакча раҳм намуд.

Буддо манзараи ҷаҳаннамро тамошокунон ба ёд овард, ки як замон Кандатаи яғмогар ҳаёти тортанакеро амон бахшида буд. Он гоҳ Буддо хост, ки агар имкон вуҷуд дорад, танҳо ба подоши ҳамон як амали нек марди гунаҳгоррро аз вартаи ҷаҳаннам наҷот диҳад. Хушбахтона, ин дам ба чашми Буддо тортанаки биҳиштие вохӯрд. Тортанак ба барги нилуфар, ки мисли яшм сабзи сабз буд, тори симини зебои худро ҳамоил месохт.

Буддо тори беҳад маҳини тортанакро эҳтиёткорона дастбурд намуд ва нӯги онро ба оби байни нилуфарҳои садафгун зер андохт. Тори маҳину симин рост поён фуромадан гирифт, то даме ки ба тагтарин-тагтарин аъмоқи ҷаҳаннам бирасид.

2

Он ҷо, дар қаъри ҷаҳаннам, Кандата ҳамроҳи дигар гунаҳгорон дар Толоби Хун, гоҳе боло бар шуда, гоҳе поён дар шуда, азоби алим

мекашид.

Ба кадом кунҷу канор бингарӣ, дар ҳама ҷо зулмати чашмногузар ҳукм меронд. Фақат аҳёнан ҷо-ҷо чизе хира мерахшид. Онҳо тӯда-тӯда сӯзанҳое буданд, ки дар Сӯзанкӯҳи пурваҳшат шунаҳ меафканданд. Сухани муносибе нест, ки мо ин манзараи кулфатбору зулматборро тасвир созем. Гирду пеш ҳамчун андаруни гӯр хомӯш буд. Танҳо баъзан оҳу воҳи пасти гунаҳгорон ба гӯш меомад.

Одамони базаҳкор, ки баъди пушти сар кардани азобу азияти бисёре ба тагтарин таги ҷаҳаннам андохта шудаанд, барои нолидану гиристан неру надоштанд.

Аз ин рӯ ҳатто тороҷгари овозадор Кандата, ки дар Толоби Хун ҳалқу комашро хун пур менамуд, мисли ғуки нафасгардон бесадо печутоб мехӯрду бас.

Лек ногаҳон Кандата сар бардошт ва ба зулмоте, ки фазои Толоби Хунро фаро гирифтааст, бо тааммуқ чашм дӯхт. Аз он зулмоти холӣ, аз осмони дури дури дур, рост ба болои сари ӯ тори симини тортанак, монанди як ришта нур шуъла фишонда, муназзам фуруд меомад, гӯиё метарсид, ки мабодо дигар гунаҳгорон пайхас бинамояндаш.

Кандата аз шодӣ каф ба ҳам кӯфт. Фақат ҳамон тори симинро қапидаву ба он сахт часпида, худро боло кашидану боло кашидан лозим. Он гоҳ, яқин, аз ҷаҳаннам халос хоҳӣ хӯрд.

Ва, гуфтан намешавад, агар толеъ мадад фармояд, ҳатто ба равзаи биҳишт афтоданат мумкин. Он вақт дигар туро ба қуллаи кӯҳи Сӯзанзор пеш карда намебароранд, ба толоби Хун намепартоянд.

Ин умед Кандатаро рӯҳ бахшид ва ӯ дудаста аз тори тортанак маҳкам дошта, бо тамоми неру ханҷолкашон ҷониби боло ҳаракат кард.

Худ аз худ маълум, ки барои тороҷгари соҳибсобиқа ин кори одиву одатӣ мебошад.

Лек аз ҷаҳаннам то ҷаннатулмаъво даҳҳо ҳазор фарсах роҳ аст. Ҳар қадар Кандата бикӯшад ҳам, ба қуллаи кӯҳ расидани ӯ осон нест. Ӯ боло мерафту боло мерафт, вале ҳатто ба Кандата барин таҳамтан хастагӣ кора мекард. Ӯ наметавонист, ки лоақал як дафъа дам нагирифта, ба баландои осмон бирасад.

Илоҷе намонд, Кандата маҷбур шуд, ки нафасашро рост намояд. Инак ӯ дар нимроҳа биистод. Дар тори тортанак авезон фароғат ме-



кард. Ва нохост ба зер, ба партгоҳи жарф, нигаҳ давонд.

Бечиз набуд, ки Кандата ин тавр  пайгиронаву ҷонталвоса бо он тори нозукак сӯйи боло талош меварзид. Хунтолобе, ки чанд лаҳза пеш ӯ дар он ҷо азоби алим мекашид, зери зулмоти ғафсу ғализ ба дида намерасид. Ва қуллаи кӯҳи ваҳшатафкани Сӯзанзор, ки дар торикии  вартаи ҷаҳаннам тира-тира ялтос мезад, аллакай таҳти пойи ӯ қарор дошт.

Агар Кандата аз ин пас низ ҳамин тариқ чолокона ханҷолзанон баромадан гирад, дур нест, ки дарвоқеъ  аз ҷаҳаннам ҷон ба саломат бурдан битавонад.

Кандата аз тори тортанак мустаҳкам қапид ва бори аввал дар муддати солҳои тӯлонӣ аз сар овози инсонӣ бар гулӯяш бозгашт, ки нидо дардод:

– Наҷот ёфтам! Наҷот ёфтам!

Вале ҳамин дам баногаҳ дид, ки гунаҳгорони беҳисоб тори симинро печондаанд ва аз қафои ӯ, ҳамчун қатори мӯрчаҳо, болотару болотар хазидан доранд.

Бо мушоҳидаи ин манзара Кандата аз ҳайрату ҳарос даҳонашро аҳмақона калон кушод ва сонияе чанд фақат чашмонашро мечархонду мечархонд.

Ин тораки маҳини маҳин як ӯро-ку бо машаққати фаровон нигоҳ медошт, он одамони малахвор бешуморро чӣ тавр тоб меорад?!

Агар тор бигсалад, он гоҳ худи ӯ ҳам, ки аллакай ин қадар баланд баромадааст, – тасаввур кунед, худи ӯ ҳам!, – каллапо рост ба ҷаҳаннам меғалтад. Алвидоъ, умеди озодӣ!

То даме, ки ӯ бо худ чунин мегуфт, гунаҳгорон гала-гала аз аъмоқи зулматандудаи об бурун мегардиданд. Сад-сад, ҳазор-ҳазор табаҳкор занҷиросо тӯл кашида, ба тори тортанак, ки мушобеҳи партави хеле борик ҷило меборонид, часп-часпон боло меомад. Бедиранг тадбире ҷустан мебоист, вагарна торак ҳатман канда мешавад ва ӯ ба қаър мепарад.



Ва Кандата овозашро пурра раҳо намуда, аррос зад:

– Ҳой муттаҳамҳо! Ин тори ман аст! Кӣ ба шумо иҷозат дод, ки онро қапида, боло бароед? Ку, аз он дарравакак фароед! Поён дафъ шавед!

Лекин нохост аҷаб ҳодиса шуд!

Тори то ин ҳангом яклухту беосеб шиққӣ аз ҳамон ҷое, ки Кандата дудаста медошт, гусаст.

Ӯ ҳанӯз воҳ нагуфта, мисли ғирғирак чархзанон, шамоли пешорӯяшро ҳушт-ҳушт бурида, то-

рафт фурӯтару фурӯтар, сӯйи жарфнои зулмоти нигоҳногузар мепарид.

Танҳо парчаи поёнаш гусастаи тори тортанак дар фарози осмони беситораву бемаҳтоби ҷаҳаннам овезон монда, мисли як ламъаи борики нур медурахшид.

3

Буддо, ки дар соҳили ҳавзи Нилуфаристон меистод, ҳама воқеаро аз ибтидо то интиҳо шоҳид гашт. Ва лаҳзае, ки Кандата, ҳамчун як санги партобшуда, ба умқи Хунтолоб ғӯтид, Буддо бо ваҷоҳати маҳзунона сайру гардиши худро дубора оғоз намуд.

Дили Кандата аз раҳму шафқат нисбат ба дигарон орӣ буд, ӯ фақат дар он бобат меандешид, ки чӣ тавр худаш аз ҷаҳаннам наҷот ёбад. Ва ба ҳамин ангеза мувофиқи аъмолаш ҷазо гирифт: аз нав ба партгоҳи ҷаҳаннам афтид. Ин манзара ба дидаи Буддо чӣ қадар залолатбахшу нанговар метобид!

Лекин нилуфарҳои фаровон дар ҳавзи Нилуфаристони биҳишт парвое надоштанд.

Қадаҳчаҳои садафгун сафеди гулбаргҳо дар пеши пойи Буддо ҷунбиш мехӯрданд.

Ва зимни ҳар қадамбардории ӯ дилаҳои тилоиранги нилуфарҳо ба атроф накҳати гуворои баённопазир мепошиданд.

Дар биҳишт нисфирӯзӣ фаро мерасид.

**Аз русӣ тарҷумаи**
**Салими Зарафшонфар**

# БАҲМАНЁР АМИНӢ -
## НАВИСАНДАИ ТОҶИК (1954-2020)



# BAHMANYAR AMINI
## - TADSCHIKISCHER SCHRIFFTSTELLER
## (1954-2020)

# АСП

Доро ва нодоре ҳамсоя буданд.

Бо ҳам ҳамгап набуданд ва рафтуо ҳам надоштанд. Ҳар ду як дард доштанд: аспҳоро дӯст медоштанд. Доро аспҳои зиёде мепарварид, ҳамсоя як асп. Аммо ӯ ин аспро чунон мепарварид, ки ҳамаро аз аспи ӯ хушаш меомад.

Доро алағда буд, ки саиси ӯ ин ҷӯр аспparвар нест, зеро ӯ мехост, ки аспҳои ӯ низ чун аспи ҳамсоя фарбеҳу ҳузарб бошанд, мӯяшон ҷило диҳад ва ҳама ба гом задану тохтанашон боҳавас бингаранд.

Боре аспе харид ва назди ҳамсояи худ овард. Ба ӯ гуфт: «Ин аспро паҳлӯи аспи худ бубанд. Ҳардуро як ҷӯр парвариш бидеҳ, мисқоле ин ё онро иноят афзудӣ, гиламанди хеш бош, агар инсоф нигаҳ доштӣ, подоши хуб хоҳӣ ёфт».

Ҳамсоя гуфт: «Ба чашм».

Нодор марди баинсоф ва худотарс буд.

Тарозу пеш овард, то дар миқдори дону об хатое наравад, со-

# DAS PFERD

Es waren einmal ein Reicher und ein Armer, die in Nachbarschaft lebten.

Sie sprachen nicht miteinander und besuchten einander auch nicht. Beide hatten die gleiche Krankheit: sie liebten Pferde. Der Reiche hatte viele Pferde, aber der Arme nur eines. Und er pflegte dieses so, dass alle es bewunderten.

Der Reiche war verwundert, dass sein Pferdezüchter nicht wie sein Nachbar war, denn er wollte, dass seine Pferde auch wie das des Armen dick und stark wären, ihre Haare glänzten, und alle sollten begeistert sein von ihrem Lauf.

Einmal kaufte er ein Pferd und brachte es zu seinem Nachbarn und sagte ihm: «Binde dieses Pferd neben deinem an und pflege es wie deines. Falls du dieses besser als jenes oder umgekehrt fütterst, bereue es, falls du gerecht bleibst, bekommst du guten Lohn».

Der Nachbar antwortete: «Ja, gerne Herr».

Der Arme war ein gerechter und frommer Mensch.

Er nahm eine Waage, um sich beim

ате дар сутуни тавила насб кард, то фосилаи вақт нигоҳ дорад.

Соле пас доро ба дидани аспи худ омад. Дид: аспи ӯ ҳамчунон лоғару карахт, аспи ҳамсоя ҳамчунон фарбеҳу ҳушёр, мӯяш ҷило медиҳад, ба гомбардориву тозаш ҳавас меояд.

Бағазаб гуфт: «Эй фурӯмоя, чаро аспи худ мӯътабар доштӣ, аспи ман бад-ин хориву зорӣ бигзоштӣ?!»

Ҳамсоя гуфт: «Мӯҳтарам, агар аз гуфтаат зарае хато кардам, худованд ҷазои бадтарин сазо бинад. Агар яке аз дигаре мӯътабар доштам, ҳарду чашмам кӯр гардад!»

Доро чун ба имону инсофи ҳамсояи худ эътиқод дошт, бовар кард тақсире аз ӯ нарафта. Аспи худ бозпас хост ва андешаманд бирафт.

Бачаҳо, суол ин аст: Чаро чунин шуда?

Комёр: Агар боинсофтарин занро кӯдаки бегона паҳлӯи тифлаш гузоред, бо таҳдиди қатл амри ҳардуро як ҷӯр шир додан намоед, хоҳ-нохоҳ пистон аз даҳони тифли худ ба таъхир бигирад, ҳарчанд гумон барад, ки ин корро накардааст.

Баҳром: Шояд маразимоҳпарвин дошта, шабҳо худ бе-

Füttern nicht zu irren und hängte auch eine Uhr an einen Pfosten des Pferdestalls, um die Zeitspanne zu berücksichtigen.

Nach einem Jahr kam der Reiche, um sein Pferd aufzusuchen. Er sah, dass sein Pferd mager und kraftlos war wie vorher, aber dass das des Nachbarn wie immer dick und kraftvoll war, seine Haare funkelten, man war begeistert von seinem Lauf.

Zornig sagte der Reiche: «O du Verachtungswürdiger, warum hast du deines besser als meines gepflegt?!»

Der Nachbar erwiderte: «Herr, falls ich deinen Worten nicht treu war, bestrafe mich Gott. Wenn ich eines besser als das andere pflege, mögen meine Augen blind werden!!»

Dem Reichen war die Gerechtigkeit und Frömmigkeit seines Nachbarn bekannt, sodass er glaubte, dass der Arme alles richtig gemacht hätte.

Kinder, die Frage lautet: Warum ist das so geschehen?

Komjor: Wenn man neben das Kind der gerechtesten Frau noch ein Kind legt, und die Frau unter Todesstrafe zwingt es zu nähren, wird sie doch ihr Kind mehr nähren, sie glaubt, es nicht gemacht zu haben.

Bahrom: Vielleicht war er mondsüchtig, und ist ohne es zu wissen, nachts in den Pferdestall gegangen und hat sein Pferd

хабар тавила меомада, аспи худ хору-мол мекарда, ғизо медода?

Хуршед: Баҳром лунатик, аммо касе шабҳо ба тавила рафтани ӯро ёд надорад.

Баҳром: Очаат лунатик, ӯро порсол аз тавилаи ҳамсоя ёфта буданд.

Шодон: Агар пас аз дарс бинии Баҳром шиканад, Хуршед гунаҳгор нест.

Муаллима Нӯша: Ором, бачаҳо, ба мавзӯъ баргардед!

Ромин: Зан аз шавҳар пинҳонӣ ба асп ҷав додааст.

Муаллима Нӯша: На, дӯстам.

Ҷовид: Муаллима Роминро «дӯстам» гуфтанд.

Бобак: Ҷовид кафидан дорад, ки ӯро нагуфтанд.

Каюмарс: Бо ин аблаҳҳо то қиёмат нахоҳӣ донист, ки чаро аспи доро парво наёфта!

Муаллима Нӯша: Ҳама гап инҷост, ки ҳамсояи доро чун дохили тавила мешуда, аввал нигоҳи пурмеҳр ба аспи худ мекарда.

Баҳром: Бунафша, ки дохили синфхона мегардад, аввал нигоҳи пурмеҳр ба кӣ медӯзад?

Хуршед: Ба фарш, то башараи хунуки туро набинад!

gestreichelt und gefüttert?

Chursched: Bahrom ist mondsüchtig, aber niemand sah ihn nachts in den Pferdestall gehen.

Bahrom: deine Mutter ist mondsüchtig, letztes Jahr sah man sie im Pferdestall eines Nachbarn.

Schodon: Falls nach dem Unterricht Bahroms Nase gebrochen wird, dann ist daran Chursched schuld.

Nuscha (Lehrerin): Seid still, Kinder, kommt wieder zum Thema zurück!

Romin: die Frau fütterte das Pferd geheim.

Lehrerin: Nein, mein Freund.

Dschovid: die Lehrerin spricht Romin mit „mein Freund“ an.

Bobak: Dschovid explodiert bald, weil die Lehrerin ihn nicht «meinen Freund» nennt.

Kajumars: Wegen dieser Narren wird man nie herausfinden, warum das Pferd des Reichen nicht gut gepflegt ist!

Lehrerin: die Sache ist die, dass wenn der Arme in den Pferdestall hineingeht, er zuerst einen liebevollen Blick auf sein Pferd wirft.

Bahrom: wenn Bunafscha in die Klasse kommt, wem wirft sie zuerst einen liebevollen Blick zu?

Chursched: der Decke, um dein hässliches Gesicht nicht zu sehen!

**Тарҷумаи Одинаев Фазлиддин – устоди ДДОТ**



# ФРАНС КАФКА

# САФАР

Амр додам, то аспро аз тавила оварад. Хизматгор маро нафаҳмид. Худ дохили тавила рафта, аспро зин зада, савор шудам. Аз дур садои карнай ба гӯшам расид, ӯро пурсидам, ки чӣ бошад. Ӯ намедонист ва нашнида буд. Дар назди дарвоза маро нигоҳ дошта, суол кард:

-Ҷаноб, ба куҷо?

-Намедонам, -танҳо аз инҷо дуртар, дуртар. Ба дуриҳо, дуриҳо, зеро ҳамин тавр ба мақсад мерасам.

-Яъне мақсадатро медонӣ, - пурсид ӯ.

-Бале, -гуфтам-ку, -аз инҷо дуртар – ин, аст мақсадам.

-Охир захираи хӯрокаат нест-ку, - гуфт ӯ.

-Лозим надорам, -сафарам дурудароз , агар дар роҳ чизе ба даст наорам, бояд аз гуруснагӣ мирам. Хӯрока маро наҷот нахоҳад дод. Ин, хушбахтона, сафари ғайриодист.

**Тарҷумаи Одинаев Фазлиддин –**
**устоди ДДОТ**

